НАШРИЁТИ «АДИБ»



**Низом Қосим**

# БИЁ, ДИЛРО
# БА БАРГИ ГУЛ
# БИПЕЧОНЕМ…

Душанбе
«Адиб»
2018

ББК 84 тоҷик 7-5
Қ-32

Муҳаррир *Гурез Сафар*

Қ-32 **Низом Қосим. Биё, дилро ба барги гул бипечонем…***(мунтахаби ашъор)***.**
– Душанбе, «Адиб», 2018, 384 саҳ.

Маҷмӯаи нави Шоири халқии Тоҷикистон, барандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ Низом Қосим шомили навиштаҳоест, ки халқи озоду Ватани обод, Тоҷикистони соҳибистиқлолу соҳибиқбол, ҳамзамонони сарбаланду арҷманд ва эҳсоси зебову идроки волои инсони огоҳдилу худшиносро васф мекунанд.

ISBN 978-99947-2-536-6

© Нашриёти «Адиб», 2018

# 1. ЗОДРӮЗИ ШУЪЛАИ УММЕД

### Зодрӯз

Зодрӯзе метавонад буд
Зодрӯзи хандаи хуршед,
Зодрӯзи шуълаи уммед,
Зодрӯзи марги зулмат,
Зодрӯзи мавти ваҳшат,
Зодрӯзи қатъи рӯзи сахт,
Зодрӯзи шодрӯзи бахт.

Зодрӯзе метавонад буд
Зодрӯзи тобиши сад раҳнамо анҷум,
Зодрӯзи сабзиши гандум,
Зодрӯзи рӯиши пурзаҳмати сарсабзаи тар
аз дили санг,
Зодрӯзи шуълаҳои гарму рангин
аз муҳити сарду беранг,
Зодрӯзи ҳамдамии оби софу ҳалқи ташна,
Зодрӯзи васли нони меҳнативу дасти
пуробичаи заҳматкаши гушна.

Зодрӯзе метавонад буд
Зодрӯзи охири ғамҳо,
Зодрӯзи аввали эҳё,
Зодрӯзи қатъи фасли тирборон,
Зодрӯзи авҷи фасли шеърборон,

Зодрӯзи васли ҳарфи шодмонӣ
бо лаби хомӯш,
Зодрӯзи фасли гулҷӯш.

Зодрӯзе метавонад буд
Зодрӯзи эҳтироми обҳои соф,
Зодрӯзи эҳтишоми адлу инсоф,
Зодрӯзи роҳҳои сӯи дунё боз,
Зодрӯзи роҳҷӯёни сарафроз,
Зодрӯзи васли чашми мунтазир
бо шодии дидор,
Зодрӯзи нангу ному ор,
ҳамдастии подор.

Зодрӯзе метавонад буд
Зодрӯзи бо ҷаҳоне гуфтугӯ кардан,
Зодрӯзи ормонро раҳнамуни орзӯ кардан,
Зодрӯзи чашмаҳоро роҳҷӯ бинмуда, ҷӯ кардан,
Зодрӯзи обҳоро обрӯ кардан.

Зодрӯзе метавонад буд
Зодрӯзи нурбори рӯшноӣ,
Зодрӯзи меҳрзори ошноӣ,
Зодрӯзи родмардӣ,
Зодрӯзи шеваи озодмардӣ.

Зодрӯзе метавонад буд
Зодрӯзи арҷмандии диёре,
Зодрӯзи сарбаландии диёре,
Зодрӯзи тахти як давлат,
Зодрӯзи бахти як миллат…

## Ахтар

Касе рафт аз ҷаҳон, – гӯянд мардум, –
Чу афтад ахтаре аз осмонҳо,
Ки ҳар ахтар ба авҷи поки гардун
Нишони мо бувад дар рӯи дунё.

Агар дар зиндагӣ хушбахт бошӣ,
Дучандон медурахшад ахтари ту,
Агар аз ишқи худ бошӣ сарафроз,
Бихандад ахтарат чун дилбари ту.

Агар аз қисмати худ дилгазонӣ,
Ба гардун ахтари ту хира тобад,
Агарчӣ осмон соф асту равшан,
Ба ҷустан чашми кас онро наёбад…

Дилам мафтуни ин панди латиф аст,
Хаёлам дорад аммо бӯи дигар,
Биҷӯяд тозарамзе дар шабистон
Дилам аз осмони пур зи ахтар:

Ба ин дунёи пурасрору зебо
Хаёлам, ҳар касе бе ахтар ояд,
Ба кори неку бо номи накӯяш
Барои хеш як ахтар кушояд.

Ба ҳар марди наҷибе ахтари ӯ
Бигардад раҳнамои роҳи дураш,
Ба мисли шамъ то субҳ аз сари шом
Пас аз маргаш битобад рӯи гӯраш.

Ҳама он ахтарони поку рӯшан,
Ки дар боми фалак шаб нурборанд,
Нишони некмардони наҷибанд,
Бадон дар осмон ахтар надоранд…

## Қасри Арбоб

Қасри Арбоб боби нав бикшод,
Гираҳи интихоби нав бикшод,
Бахти моро китоби нав бикшод.

Гуфт: «Эй миллате, ки қасрнишин
Будаӣ, чун нишастаӣ ба камин
Зидди ҳамқавм баҳри тоҷу нигин?»

Гуфт: «Эй миллате, ки дар ҳар боб
Доштӣ баргузида сад арбоб,
Аз чӣ имрӯз мондаӣ бетоб?»

Қасри Арбоб боби нав овард,
Сад саволу хитоби нав овард,
Баҳри фардо ҷавоби нав овард.

Аз вакилон вакили дигар сохт,
Ҷонфидо сохту диловар сохт,
Ҳамғами халқу ёри кишвар сохт.

Ҳар сало буд як садои халқ,
Интихоби вакилҳои халқ
Буд дар асл муддаои халқ.

Бори аввал вакилу халқ ба ҳам
Шуд чунин ёру ҳамдилу ҳамғам,
Иттиҳоди падид шуд маҳкам.

Роҳи пуризтироб паймуданд,
Роҳи уммеди халқ бикшуданд,
Бехато интихоб бинмуданд.

Қасри Арбоб ёфт арбобе,
Кашф бинмуд дурри ноёбе,
Дар ғами халқ пуртабутобе.

Поку бебокдил ба тахт нишаст,
Қолаби ваҳму тарсро бишкаст,
Қисмати мулкро гирифт ба даст.

Гуфт: «Мушкил агарчи бисёр аст,
Аввали кор сулҳ даркор аст,
Сулҳ даркори ёру ағёр аст.»

Ҷанг деву дади диёраш буд,
Бо даду дев корзораш буд,
Халқ дар ин набард ёраш буд.

Гуфт: «То як гуреза сарсон аст,
Хоб аз чашми ман гурезон аст,
Низ бедориам парешон аст.»

Гуфт: «То ҳаст як камонбардаст,
Хонаи халқ тираву сард аст,
Дили ман хонаи ғаму дард аст.»

Сина бикшод ҷониби ёрон,
Дил ба каф рафт сӯи ағёрон,
Ҷуст ҳамдил зи хайли дилдорон.

Дам зи Рустам заду Сиёваш зад,
Хештанро ба обу оташ зад,
Об дар оташи кашокаш зад.

Халқ имон ба ин имом овард,
Меҳру ихлосу эҳтиром овард,
Парчами бахтро ба бом овард.

Гашт он гирудор ҳам хомӯш,
Оташи кинабор ҳам хомӯш,
Ҷанги девонавор ҳам хомӯш.

Ҳама афтодадил зи ҷо бархост,
Дар нигоҳи ҳама зиё бархост,
Сӯхта шаҳру деҳ ба по бархост.

Пур зи нон боз хони мардум шуд,
Хонаи халқ пур зи гандум шуд,
Анҷуман боз соҳибанҷум шуд.

Халқи тоҷик боз давлат ёфт,
Роҳи худсозиву саодат ёфт,
Ҳамчу созанда боз шуҳрат ёфт.

Пешвоё, диливу ҷони халқ,
Рустами асли достони халқ,
Як умедиву ҳафт хони халқ!

Бод табрик фатҳату бобат,
Боғи сарсабзу рӯди шодобат,
Ҷашни дилҷӯи Қасри Арбобат!

Қасри Арбоб – қасри ваҳдатсоз
Шуд пуровоза қасри давлатсоз,
Қисматорой қасри миллатсоз.

Каъбаи дилнавози мо ин аст,
Шоҳиди рамзу рози мо ин аст,
Қасри тақдирсози мо ин аст!

## Пешвои Миллат

Бемисл шаҳчароғӣ, эй раҳнамои Миллат,
Раҳҷӯи бахти халқӣ, эй раҳкушои Миллат.

Дастони Сулҳу Ваҳдат бо хуни дил навиштӣ,
Аз хишти ҷисму ҷонат кардӣ бинои Миллат.

Кам сарваре ба олам бо чораи фароҳам
Аз интиҳои Миллат ҷуст ибтидои Миллат.

Дар ҷону дил гирифтӣ аз сидқ дарди Миллат,
Гаштӣ табиби Миллат, кардӣ давои Миллат.

Аз бераҳӣ кашидӣ то огаҳӣ Ватанро,
Аз огаҳии Миллат ҷустӣ бақои Миллат.

Киштинишаста Миллат омад ба соҳил охир,
То аз Худо расидӣ, эй нохудои Миллат.

Ҳар бенавои қисмат аз ту навои дил ёфт,
Оҳанги бахт бинмуд, шуд ҳамнавои Миллат.

Бо чеҳраи кушода, бо ҳиммати зиёда
Бурдӣ ба рӯи дунё нуру сафои Миллат.

Бинмудаӣ ба олам симои дилкашашро,
То минбари ҷаҳонӣ бурдӣ садои Миллат.

Байни ҳазор миллат дар дидаҳо ҳувайдост
Бо қомати расоят арзанда ҷои Миллат.

Аз софиат сиёсат бинмуда тарки ҳилат,
Бо сидқ менамояд хидмат барои Миллат.

З-ин рӯ, қарини мардум ҳастӣ чунон, ки акнун
Чун мардумак азизӣ дар дидаҳои Миллат.

Хуш ҳоли он ки ин сон бинҳода аз сари сидқ
Дилро ба роҳи Миллат, сарро ба пои Миллат.

Эй тифли Миллат аз ту ҳамгоми зиндагонӣ,
Хушноми зиндагонӣ пурдил ниёи Миллат.

Эй ҷонудилмунаввар, эй сӯи нур раҳбар,
Аз ту зиё гирифта аҳли зиёи Миллат.

Эй раҳнамой ахтар андар самои даврон,
Эй дилфидои Миллат, эй ҷонфидои Миллат.

Шуд пеши роҳи Миллат во аз ту сӯи давлат,
Пеши раҳи ту во бод, эй Пешвои Миллат!

(Шеъре, ки аз дил омад, аз банда не, аё дӯст,
Бар пурбаҳои Миллат бошад баҳои Миллат!)

## Такягоҳ
### *Рӯҷӯи Пешво*

Эй халқи меҳрубон, эй ёри роҳи ман,
Ҳастам гувоҳи ту, ҳастӣ гувоҳи ман.

Бо ман ту ҳамтанӣ, ман бо ту ҳамтанам,
Ҳамҷони ман туӣ, ҳамҷони ту манам.

Як умр мазҳабат ободкорӣ аст,
Бунёнгузорӣ аст, бунёдкорӣ аст.

Мондаст дини пок аз Зардуҳишти ту,
Аз дони некӣ аст сарсабз кишти ту.

Будем ёри нек, будем хасми бад,
Мондем ҷовидон бо санъату хирад.

Пиндорамон – накӯ, гуфторамон – накӯ,
Рафторамон – накӯ, осорамон – накӯ.

Сабз аст умри ту аз донаи сухан,
Ҳар донаи сухан – дурдонаи Ватан.

Таърихи ту маро додаст обутоб,
Баҳрат гузашта ман аз оташу аз об.

Кардам ба гуфти ту, кардӣ ба гуфти ман,
Бо туст доимо гуфтушунуфти ман.

Бо чашми ҷону дил ман дидаам дуруст –
Ин мулк то абад рӯшан зи ақли туст.

Ман дидаам дуруст – бахтат зи ваҳдат аст,
Гар ёри ваҳдатӣ, ёрат саодат аст.

Эй халқи сарбаланд, собит ба мисли кӯҳ,
Асли ғурури ту мебахшадам шукӯҳ,

Мебахшадам тавон, мебахшад эътимод:
Фирдавс мешавад ин сарзамини род.

Эй халқ, мешавӣ озодатар аз ин,
Бар сарзамини хеш дилдодатар аз ин.

Ман ҳамдами туям дар ин раҳи умед,
Эй дилсафеди ман, бодо раҳат сафед!

Дар ин раҳи умед эй ҳамтани Ватан,
Ман – такягоҳи ту, ту – такягоҳи ман!

## **Ҳизби халқ**

*Дар ҳошияи Оинномаи ҲХДТ*

То замоне зиндагӣ бекизб нест,
Миллате беҳизб нест.
Ҳизби ҳар миллат нахуст озодӣ аст,
Кӯшиши ободӣ аст.
Рустан асту аз ҷудоӣ растан аст,
Бастану пайвастан аст.
Хешро аз хеш пайдо кардан аст,
Зеби дунё кардан аст…
Тоҷикистон ҳам чу истиқлол ёфт,
Мурғи бахташ бол ёфт,
Кӯшиши парвоз кард, аммо дареғ,
Тир хӯрду хӯрд теғ.
Хест бар по он замон ҳизби Ватан,
Бо Ватан шуд ҳамбадан.
Аҳли ному нанг шуд аъзои он,
Сози ҳақ – овои он.
Ин Ватанро аз дигар иқбол дод,
Сӯи мақсад бол дод.
Халқро бинмуд аз нав сарбаланд,
Дар ҳама даҳр арҷманд.
Шуд батадриҷ асли ҳизби бахти халқ,
Хостори тахти халқ.
Мақсадаш амну бақои халқ шуд,
Худ садои халқ шуд.
Узви он ҳам аз азал халқ асту бас,
Такядори бебадал халқ асту бас.
Даркушода-ст ону дилбикшода аст,
Ҳамчу халқ озода аст.
Мақсадаш солории мардум бувад,
Ёрии мардум бувад.
Ҳизби серии дил асту дидаҳост,
Ҳизби меҳр асту вафост.

Ҳизби насли навҷавони кишвар аст,
Ҷумларо болу пар аст.
Ҳизби сабзиш, ҳизби боғу гулшан аст,
Ҳар хазонро душман аст.
Ҳизби дур аз даъвии мовуманист,
Ҳизби нуру рӯшанист.
Ҳизби сарҷамъии халқ асту диёр,
Ҳизби бунёд асту кор.
Тоҷикистонро кунад азмаш ҷавон,
Сарбаланди ҷовидон.
Бо Ватан як ҳизби ҳамҷон аст он,
Ҳизби халқи Тоҷикистон аст он.

### Мехкӯб

Туро таърих ҳар як сангу чӯб аст,
Ҳама осор хубу кор хуб аст.
Хати мехиат, эй миллат, бигӯяд:
Дилат бо ҳарфу маънӣ мехкӯб аст!

### Таронаи сарнавишт

Аз дурдасти ормони мо расидӣ,
Чун ормони халқи мо зебо расидӣ,
Додӣ ба мо дунё, чу як дунё расидӣ,
Ҳамчун давоми бахт, чун фардо расидӣ.

Моро ҳумои тозаболи бахт – Истиқлол,
Пайки ҷаҳони безаволи бахт – Истиқлол.

То раҳ ба сӯи бахти худ пайдо кунад миллат,
Раҳбар расиду раҳнамо аз ҷодаи қисмат,
Бахти накӯи халқро бинвишт дар сархат,
Давлат зи миллат муҳтарам шуд, миллат аз давлат.

Бо Пешво дидем мо рӯи накӯи бахт,
Бо Пешво пеши раҳи мо вост сӯи бахт.

Олам кушоду олами мо тангнои туст,
Пурнур умре ахтари мо дар самои туст,
Чизе туро дода Худо, гар аз барои мост,
Чизе Худо додаст моро, аз барои туст.

Як сарзамини чун биҳиштӣ, Тоҷикистон,
Моро сариву сарнавиштӣ, Тоҷикистон!

## Роҳи оҳан

Чун раги шарёнӣ, эй роҳ,
Аз дили Меҳан ба ҳар узви тани ӯ;
Роҳи пайвандиву ваҳдат,
Роҳи меҳриву садоқат,
Нестӣ ту тоқа роҳи оҳани ӯ.

Қад-қади ту
Мекунам ман аз дилу ҷон орзу:
Кош дар умри сарам боре бигӯям
Устувору маҳкаму манзилбару сахту матин,
Байти зебое –
Равону борбардӯшу заминӣ инчунин,
Дархури ин мардуму даркори Меҳан
Чун тавоно шоҳбайти роҳи оҳан…

## Меҳвари халқ

Дилоро ҳадяи тақдир,
Тавоно такяву тадбир,
Гуворо орзӯи навраҳу воло дуои пир;

Сари халқӣ саропо, сарвари халқӣ,
Ба ҳар бозии қисмат довари халқӣ,
Зи ҳар сӯ қиблагоҳи бовари халқӣ,
Сипеҳри меҳри халқӣ, меҳвари халқӣ;

Ватан,
Ватан,
Самоиву пари халқӣ!

Аё нури дили мардум,
Ту хуршедиву халқ анҷум;
Аё эй хонаи уммеди дил, бошӣ пур аз гандум!

Туӣ дунёи мо, маънии дунёӣ,
Чу Яздон тоқу ҳамчун мом яктоӣ,
Зи ҳамдастии мо барпову барҷоӣ,
Ҳисори бахти мову қисмати моӣ!

Ватан,
Ватан,
Ту ҷонӣ, дар бадан ҷоӣ!

**Душманафкан китоб**

Буд тоҷик дар ҳама айём
Номвар бо силоҳи нангу ном.

Кох аз кори пурсавобаш буд,
Хишти он кох аз китобаш буд.

Умр сарфи китобҳо мекард,
Бо китоб инқилобҳо мекард.

Инчунин ҳам Ғафур Бобоҷон
Кард таърихи халқаш ободон,

Дона-дона нишона ҷамъ овард,
Хирмани ҷовидона ҷамъ овард,

Он ҳама фаслу боб шуд охир,
Душманафкан китоб шуд охир.

Дар бинои савоби тоҷикон
Монд аз ӯ китоби «Тоҷикон».

Ёди таърихи пурасар гардид,
Тоҷиконро накӯ сипар гардид.

**Ваҳдат**

Ваҳдат ду ҳиҷо нест,
Ваҳдат ду дил аст –
Сӯи ҳам боз.

Ваҳдат як калима нест,
Ваҳдат ду дасти меҳр аст –
Сӯи ҳам дароз.

Ваҳдат шиор нест,
Ваҳдат шиёр аст –
Шарти баргу бор аст.

Ваҳдат садо нест,
Ваҳдат садоқат аст –
Садоқати даст ба даст,
Садоқати дил ба дил,
Садоқати ёр ба ёр –
Саодати диёр!

## 5+1

*(Саҳнаи манзум)*

*Қаҳрамонони Тоҷикистон Садриддин Айнӣ, Бобоҷон Ғафуров, Мирзо Турсунзода, Нусратулло Махсум ва Шириншо Шотемур ба саҳна мебароянд.*

***Ҳама*:**

Ормони мо ҳама озодии ин халқ буд,
Шодии ин халқ буд, ободии ин халқ буд,
Дар раҳи душвори қисмат ваҳдати ин халқ буд,
Бо талош осон намудан қисмати ин халқ буд.
Ин раҳи тақдири худро мо ба сар бинваштаем,
Мо дар ин раҳ борҳо аз ҷони худ бигзаштаем.

***СадриддинАйнӣ*:**

Ман дар ин раҳ бурдам аз ёд, эй азизон, хӯрду хоб,
Чун раҳи қисмат навиштам сатрҳо пурпечутоб,
Халқи ман, гуфтам, зи хайли шаҳриёрон будааст,
Буда худ номаш далел – аз тоҷдорон будааст.
Ял набудам ман, валекин марди майдон ҳам шудам,
Бо ҳазорон бебасар дастугиребон ҳам шудам.
Гуфтам, эй тоҷик, тоҷи хешро соҳиб бишав,
Он шукӯҳу эътибори пешро соҳиб бишав!

***Бобоҷон Ғафуров:***

Панди устоди бузурги халқам андар гӯши ман,
Азм бинмудам зи ҷон бар хидмати халқу Ватан.
Аз раҳи таърих овардам китоби «Тоҷикон»,
Нақлҳо кардам зи таъхиру шитоби тоҷикон,
То шавад панде ба насли ҳозиру ояндааш,
То бибинам дар ҷаҳон огаҳдилу пояндааш.

**_Мирзо Турсунзода:_**

Кори устодону ёрон дар ниҳоду дар назар,
Бо супоришҳои халқи хештан кардам сафар,
Достону шеърҳо аз дӯстдорӣ хондамаш,
Сӯи сулҳу ваҳдату бунёдкорӣ хондамаш,
Эй басо овардамаш панди наву панди куҳан,
То шавад ҳоли ҷаҳон ибрат барои халқи ман.

**_Нусратулло Махсум:_**

Дар раҳи тақдири миллат, дар раҳи бахти диёр
Будаам бо халқ ҳамдам, будаам бо халқ ёр.
Аз дилу ҷон ҳоли неки халқу Меҳан хостам,
Чашмсери хештанро сер дидан хостам.
Дар раҳи бахти диёрам гар зи по афтодаам,
Дар раҳи фардо умедашро ба по бинҳодаам.

**_Шириншо Шотемур:_**

Гарчи Ширин буд номам, коми ман ширин набуд,
Дар дилам ҷуз ҳасрати ин миллати дерин набуд.
Буд ҳамчун хоки поки Тоҷикистони куҳан
Пора-пора аз табартақсим ҷисму ҷони ман.
Аз барои миллатам қатъӣ ба по бархестам,
Гар набошад миллати ман, чистам ман? Нестам!
Ман гузаштам андар ин дунё зи ҳаққи зистан,
Лек нагзаштам зи баҳри ҳаққи халқи хештан!

**_Ҳама:_**

Рӯзи Истиқлоли миллат буд моро ормон,
Бехалал иқболи миллат буд моро ормон,
Рӯҳи мо шод аст ин дам аз замин то бар само,
Чун ба Истиқлолу иқболаш расида халқи мо.

Зинда бод он кас, ки зинда расми нангу ор кард,
Тахтро барҷову бахти халқро бедор кард,
Ормони ҷони моро бо ҳақиқат ёр кард,
Дар раҳи иқбол Истиқлолро подор кард!

**Пешвои ман**

*Шукронае аз дилу ҷон*
*барои Эмомалӣ Раҳмон*
*дар зодрӯзи муборакашон*

Эй расида бар сари ман, бар сарои ман
Вақти носозӣ чу сози ман, навои ман,
Вақти бемории ман ҳамчун давои ман,
Дар шаби ялдо чу субҳи пурсафои ман,
Пешвои миллати ман – Пешвои ман!

Гулхани хомӯшро додӣ навин партав,
Ҳар қади хамгаштаро афрохтӣ аз нав,
Бо накӯ иқбол кардӣ халқро ҳамрав,
Зӯри нав додӣ ба пои мо, ба пои ман,
Пешвои миллати ман – Пешвои ман!

То ҷавонбахтӣ бибинам дар ҷаҳони пир,
То шавам аз меваи боғи ҷавонӣ сер,
Пирзавқиро кунам то чораву тадбир,
Кардаӣ умри ҷавонатро фидои ман,
Пешвои миллати ман – Пешвои ман!

Пурсадо ин олам овози маро бишнид,
Хушсадотар гашт, то ин хуш садо бишнид,
Чун нидо бишнид рӯшан, чун дуо бишнид;
Эй садоят дар ҳама минбар садои ман,
Пешвои миллати ман – Пешвои ман!

Аз ту бошад нури нав дар хонадони мо,
Қудрати нав, зӯри нав дар ҷисму ҷони мо,
Осмони софу беғаш остони мо,
Роҳсозу раҳкушову раҳнамои ман;
Пешвои миллати ман – Пешвои ман!

Эй пайи кори Ватан, мо ёварат ҳастем,
Эй пару боли Ватан, болу парат ҳастем,
Дар ҳама кори наҷибат дар барат ҳастем,
Бишнав ин паймону аҳд, ин раъйу рои ман,
Пешвои миллати ман, Пешвои ман.

Ҷустаӣ дар олами фонӣ бақои ман,
Кардаӣ боло дар ин дунё баҳои ман,
Бо дуои ман расида аз Худои ман,
Меҳанамро кардаӣ ҷаннат барои ман,
Пешвои миллати ман – Пешвои ман!

## Кишвари хушрӯю хушном

Як кишвари хушрӯю хушноми ҷаҳонӣ,
Як сарбаланди ростин – Боми Ҷаҳонӣ.
Дар байни сад бартахти дунё тоҷдорӣ,
Дар байни сад подори дунё устуворӣ.

Бар тахти бахтӣ, эй Ватан, тахтат баланд аст,
Бартар зи сад тахти ҷаҳон бахтат баланд аст.
Шукронаи боми баланди устуворат,
Шукронаи номи баланди пойдорат.

Танҳо ба Парчам нест рахшон лек тоҷат,
Дар ҷону дил ҳам медурахшад нек тоҷат,
Дар ахтари бахтат, ки бошад раҳнамоят, –
Дар ахтари бар некбахтон ошноят.

Бар покии ту обату хокат гувоҳ аст,
Ҳар чор сӯят қибла асту саҷдагоҳ аст.
Олам ҳама огаҳ зи ширин меваҳоят,
Одам ҳама огаҳ зи ширин шеваҳоят.

Қисмат туро як мардуми заҳматқарин дод,
Ин мардуми заҳматқарин давлатқарин бод!
Мислат ба даҳр афзун набошад номширин,
Эй номширин, бош аз ин пас комширин!

Кӯҳат ҳама рӯҳи баландат бод аз ин пас,
Даштат биҳишти дилписандат бод аз ин пас,
Рӯди пуробат бод рӯди обрӯят,
Оби ҳама ҷӯ шаҳд бодо дар гулӯят!

Гарчӣ гаҳе роҳат на ҳамвор асту тахт аст,
Бар сӯи иқболи баландат роҳи бахт аст,
Роҳат ба сӯи бахт бодо бекарона,
Тоҷат ба сар бодо дурахшон ҷовидона!

## Касе зад санг…

Ҳама роҳат раҳи бахти азал буд,
Ҳама Моҳат сабӯи пурасал буд,
Касе зад санги роҳатро ба Моҳат,
Касал буд, эй Ватан, аслан касал буд!

## Ҳисор

Зи чашми бад ба ҳар замон,
Зи қасди бад ба ҳар заман
Ватан, ҳисори ман туӣ,
Ҳисори ту манам, Ватан!

Барои посбониам
Туӣ ҳисори обу гил,
Ба роҳи посдориат
Манам ҳисори ҷону дил!

Ба каф чу гавҳарам туӣ,
Чу гавҳарат манам ба каф,
Манам садаф, садаф манам,
Садаф туӣ, туӣ садаф!

Барои ҷони хеш ман
Ҳисори гил насохтам,
Дар ин ҷаҳон фақат туро
Ҳисори дил шинохтам.

Ниҳон ҳисори меҳри ту
Бидорадам зи ҳар газанд,
Ту дар ҳисори меҳри ман
Ниҳон зи ҳар бадӣ дучанд!

Манам ҳисори ҷони ту,
Туӣ ҳисори ҷони ман,
Бимон ҳамеша шодмон,
Ҳисори шодмони ман!

Зи чашми бад ба ҳар замон,
Зи қасди бад ба ҳар заман
Ватан, ҳисори ман туӣ,
Ҳисори ту манам, Ватан!

**Киштию бодбон**

Дар синаи ту Нишони бахт аст, Ватан,
Савти ту аз ошёни бахт аст, Ватан,
Худ киштии бахту парфишон Парчами ту
Монандаи бодбони бахт аст, Ватан!

## **Тоҷикистонам**

Оли Сосонам ба ёду Оли Сомонам –
Тоҷикистонам;

Ёдгори он ҳама озодагон, ободкоронам –
Тоҷикистонам;

Решаам дар қаъри таърих асту сар бар авҷи давронам,
Тоҷикистонам;

Тозамулки ваҳдатоинҳову соҳибихтиёронам,
Тоҷикистонам;

Кишвари созандаи бунёдкоронам,
Тоҷикистонам;

Аз барои озмуни нангу ори ҷумла фарзандони худ
бемисл майдонам,
Тоҷикистонам;

Қиблаам некист умре, мазҳабам – одамгарӣ,
дар роҳи имонам,
Тоҷикистонам;

Ваҳдати халқ асту азму назми имрӯзи ману
фардои рахшонам,
Тоҷикистонам;

Азми олӣ ин бувад!
Аз Оли Раҳмонам,
Тоҷикистонам!
Тоҷикистонам!

## Оби Ватан

Бошад асли бахти барҷои Ватан оби Ватан,
Пояе дар тахти барпои Ватан оби Ватан.

Ҳамчу пайки нуру сарсабзиву гармӣ мерасад
Дилҷавон аз пиряххои Ватан оби Ватан.

Мехурӯшад раҳ ба раҳ, меҷӯшад аз шавқи висол,
Мешитобад сӯи саҳрои Ватан оби Ватан.

Аз лаби ҳар чашма бишнав ин суруди ҷовидон:
Мешавад саршор дарёи Ватан оби Ватан.

Ду кафи саршори ҳар ҷонташна мизони баҳост,
Медурахшад мисли тиллои Ватан оби Ватан.

Мерасонад бар ҳама гӯше садои зиндагӣ,
Мебарад ҳар сӯй овои Ватан оби Ватан.

## Зинда бод!

Ҷӯю дарёҳои пур аз оби Меҳан зинда бод!
Пурдурахш ин кони сими ноби Меҳан зинда бод!

Пок медорад чу қалбаш обҳои хешро,
Ҷовидон ин обу ин одоби Меҳан зинда бод!

Чашми бедоре бувад ҳар чашмаи ин кӯҳсор,
Чашмҳои рӯшану бехоби Меҳан зинда бод!

Гармии ҷону диланду рӯшноиофаранд,
Обҳои пуртабу пуртоби Меҳан зинда бод!

Обрӯи хушдилон аст ибтикори Пешво,
Обрӯи Меҳану аҳбоби Меҳан зинда бод!

Чун Зарафшону Сиру чун Вахшу Панҷаш то абад
Ҳамсадои шоирон Варзоби Меҳан зинда бод!

Доимо бодо накӯ Хингобро роҳи сафед,
Рӯи сурхи оби мо – Сурхоби Меҳан зинда бод!

Ҳар шабу ҳар рӯз дар ойинаҳои баҳру рӯд
Офтоби Меҳану Маҳтоби Меҳан зинда бод!

Оби мо – ободии мо, обрӯи мо бувад,
Обрӯи мардуми шодоби Меҳан зинда бод!

## Чашма

Гашт ҷорӣ чашмае аз қалби кӯҳ
Бо тарона, бо тараннум, бо шукӯҳ,
Раҳбараҳ полуд охир, пок шуд,
Беғубор оинаи афлок шуд;

Бо талош аз хору аз хасҳо гузашт,
Раҳбараҳ аз садди нокасҳо гузашт.
Парчами озодагӣ афрошта,
Бандагиро пушти сар бигзошта,

Чашмаи дилпоку ҷӯшони Ватан
Шуд яке рӯҳи хурӯшони Ватан;
Сӯи мавҷи нуру нор овард рӯ,
Дар кафи халқи Ватан шуд обрӯ.

## Ҳама фарзанди Меҳан бод Дилшод!

*Саҳар почтаи электрониамро кушодам ва, дар қатори даҳҳо номаву хабару рекломи заруру нозарури ширкату ашхоси гуногун, табрики самимии ҳамқалами бисёр меҳрубони белорусамон Алес Карлюкевичро ба муносибати Қаҳрамони бозиҳои олимпӣ шудани ҳамдиёри номвару номбардорамон Дилшод Назаров хондаму шодмонии будаам афзуд.*

*Ман низ, чун ҳазорон, шояд миллионҳо ҳамватанонамон, он рақобатро тамошо кардам ва ҷолиб он буд, ки андар он қувваозмоии софу шаффофи мардона ҳамдиёри Алес – Иван Тихон, фақат аз Дилшоди мо мағлуб шуда, соҳиби медали нуқра гардид.*

*Зиҳӣ, Дилшод!*

*Аҳсан, Иван!*

*Ташаккур, Алес, барои самимона ҳамшодии мо буданатон! Бародарони белорусро низ аз таҳти дил табрик мегӯем! Шодем, ки чун ҳамеша паҳлӯи ҳамем, итминони комил дорем, ки он 89 сантиметри олимпӣ – фосилаи дастовардҳои Дилшоду Иван қаробату рафоқати самимонаву деринаи сарварҳоямону кишварҳоямон ва варзишгарону халқҳоямонро бештар мекунад!..*

*Чанде қабл аз оғози Бозиҳои олимпии пойтахти Бразилия – Рио-де-Жанейро Infostrada – агентии маъруфи омори варзиш изҳор намуд, ки аз Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо як нафар комёб мешавад ва он варзишгар, ки медали... биринҷӣ ба даст меорад, ...Дилшод Назаров хоҳад буд!*

*Ҳарчанд дар мавриди пешгӯиву фолбиниву ҳадс заданҳо имонам чандон қавӣ нест, омин гуфтам, ки кош ин тахмин дақиқ бишаваду ҳамдиёри сарбаландамон аз он кунҷи дунё арҷманд баргардад, биринҷӣ ҳам бошад, бошад, дасти холӣ наояд, шуд! Бахти баланди миллати Дилшоду ҳиммати баланди Дилшоди миллатро бибинед, ки аз орзӯямон ҳам бештар насибамон гардид!*

*Воқеан, дар мавриди пешгӯиҳои замонавӣ. Онҳо аксаран дар асоси мушоҳидаву таҳлил ва муқоясаву муқобалаҳои амиқу тӯлонӣ ба вуҷуд меоянд ва, аз ин рӯ, аксаран аз воқеият чандон дур нестанд. Яъне, пешгӯӣ дар мавриди Дилшоди мо бар заҳматҳои шабонарӯзӣ, тамринҳои тоқатфарсо, эҳсоси баланди масъулият, ғурури созандаи миллӣ, дарки комили ватандорӣ ва талоши пайвастаи камолоти касбии ӯ асос ёфта буд, бино бар ин, аз буда беш рост баромад!*

*Қаблан Дилшод Назаров, аз шарофати хислатҳое, ки зикр шуд, дар чандин бозиҳои олимпӣ иштирок карда, шаҳди пирӯзии бисёр мусобиқаҳои бонуфузи минтақавию ҷаҳониро чашида буд. Заминаи дигари кӯшишҳои ин варзишгари матинирода натиҷаҳои баланде буданд, ки ҳампешаҳои бузургаш ноил гаштаанд. Аз ҷумла, дастовардҳои беназири ҳамватанҳои собиқамон – варзишгарони шӯравӣ Сергей Литвинов дар шаҳри Сеули Кореяи Ҷанубӣ (ниҳоинатиҷаи[1] олимпии 84, 80) ва Юрий Седих дар шаҳри Штутгарди Олмони Ғарбӣ (ниҳоинатиҷаи ҷаҳонии 86, 74). Ва боз – комёбии ҳамдиёрамон, зодаву парвардаи зебошаҳри Душанбе Андрей Абдувалиев, ки дар Бозиҳои олимпии шаҳри Барселонаи Испания бо натиҷаи 82, 54 медали тилло ба даст овард.*

*Худи Дилшод низ қариб ба ин марраҳо расидааст – дар мусобиқаи байналмилалие, ки барои роҳхатҳои Бозиҳои олимпии Рио-де-Жанейро дар Ҷумҳурии Чехия сурат гирифтанд, гурзи гарони рустамонаи ӯ масофаи 79, 36 метрро тай намуда, тиллои олимпиро пеши чашмони мухлисон муҷалло карда буд.*

*Инак, гурзи тиллоии Дилшод дар варзишгоҳи пойтахти Бразилияи дар варзиш номдор масофаи 78, 68-ро тай карда бошад ҳам, дуртару болотар аз он ҳама дастовардҳост, ки*

[1]Рекорд (сохтаи муаллиф).

*ба халқи тиллоибовару кишвари тиллоиманзараш нахусттиллои деринтизори олимпии замони Истиқлолияти давлатии Ватани азизамонро армуғон овард! Армуғоне, ки ба ин ҷашни бузурги миллӣ дар ҳақиқат яке аз тиллоитаринҳост!*

*Ва боз – ҷуз зинаҳое, ки худи Дилшод Назаров бо заҳмати афзун тай намудааст, зинаҳоеро ба ёд меорем, ки халқу кишвари азизи моро ба ин пояи тиллоии волотарину зеботарин мусобиқаҳои варзишии ҷаҳонӣ – Бозиҳои олимпӣ расонданд: соли 2008, шаҳри Пекин – биринҷии Расул Боқиев ва нуқраи Юсуф Абдусаломов; соли 2012, шаҳри Лондон – бозии зебои Мавзуна Чориева дар он гирудори номавзун ва биринҷии арзандаву тобандаи ӯ.*

*Ҳамаи он пирӯзиҳо Парчами диёри арҷманди моро парафшон карданд, Суруди миллии моро танинандоз намуданд; ҳар яке аз ин дастовардҳо хишти зарине буданд ба Кохи бузурги худогоҳиву худшиносӣ, фахри инсониву ғурури ватандории халқи шарифи Тоҷикистони азиз.*

*Бештар бод ин дастовардҳо!*

*Пурҷилотар бод ҳосили ин заҳматҳо!*

*Сарбаландтар бод ин миллату ин давлат!*

*Ва боз – нуктае, ки дар замин оғоз шудани ҳама парвозҳоро бозгӯ мекунад: модари Дилшод – хоҳари арҷмандамон Зайтуна ба хабарнигорон гуфтааст, ки нийяти писарашон ҳамоно баъди пирӯзӣ ба бар кардани пероҳане бо акси падараш Ҷамолиддин – шаҳиди роҳи Истиқлолияти Ватан будааст. Ва ҳамагон дидем, ки ин фарзанди баору номбардор чӣ сон ин нийяти некашро дар пеши назари миллионҳо мухлисон амалӣ кард ва ин ҷавонмарди ҷаҳонмард бо чӣ хурӯшу эҳсосе Парчами Ватанро тоҷи сари хеш сохтаву дар варзишгоҳи бекарон ҷилваи шодмониву ифтихор намуд! Чӣ пайванди содаи табиию заминие – ёди падар, гиромидошти модар, эҳтироми устодону ҳампешаҳо, масъулияти баланди инсониву шаҳрвандӣ, наъраи зебандаи воқеан рустамона аз*

*дарки амиқи корномае, ки ин пайвандро торафт болотару волотар мекунад...*

*Фардо Дилшод Назаров, Дилшоде, ки дили Тоҷикистонро шод кард, сарбаландтару арҷмандтар ба Ватани азиз бармегардад. Ва, шубҳае нест, ки ҳамоно худро дар оғӯши пурмеҳри ҳамватанони қадрдону дилфишон дармеёбад. Натанҳо ӯро, бо меҳри афзун ҳамдигарро ба канор мегиранд ҳамватанон; эҳсоси яксон гуворову дилорои сарбаландиву ифтихор, ашкҳои яксон софу шаффофи хурсандиву дилпайвандӣ миллионҳо фарзандони Меҳанро танг ба ҳам меорад ва ҷонқаринтару дилқаринтар мекунад.*

*Подор бод ин ифтихор!*

*Поянда бод ин пайванд!*

*Пайваста бод чунин пирӯзиҳои тилоибачаҳои халқи пуртавон ва бештар чунин тилоибаҳонаҳои ваҳдату ҳамбастагии Ватани беҳ аз ҷон!*

Чи азму разми поку пурдилона!
Чи пирӯзӣ, азизо, одилона!
Бирав, эй дил, бигӯ бо Рустами ял:
Чи зебо наъраи шоди ялона!

Сурури анҷуманро кардӣ афзун,
Ғурури мову манро кардӣ афзун,
Тилои туст аз коне тило беҳ –
Тилофахр Ватанро кардӣ афзун!

Бихоҳам хонаат obод, Дилшод,
Ки кардӣ ҷумларо дилшод, Дилшод!
Тилоибаччаи миллат, ба мислат
Ҳама фарзанди Меҳан бод Дилшод!

*21.08. 2016*

* * *

Ҳамдастию ҳампои̅ хуш боду муборак бод!
Ин гуна дилорои̅ хуш боду муборак бод!

Аз тангии кӯҳистон берун шудаем, эй ҷон,
Андешаи дунёи̅ хуш боду муборак бод!

Овои дили моро бишнид ҳама дунё,
Ҳамрозу ҳамовои̅ хуш боду муборак бод!

Ин мулки гулафшонро, ин халқи дилафшонро
Гулбазму дилосои̅ хуш боду муборак бод!

Бар мардуми созанда, бар кишвари поянда
Ин зӯру тавонои̅ хуш боду муборак бод!

* * *

Шодии тифлу модар дар остон муборак!
Парвози шоди кафтар дар осмон муборак!

Дилсоф мулки дерин дарёфт бахти ширин,
Дар осмони софаш рангинкамон муборак!

Кинҳо зи синаҳо рафт, шодӣ ба ҳар саро рафт,
Эй хонадор, табрик, эй хонадон, муборак!

Сад гуларӯс омад, сад шавқи бӯс омад,
Эй бехазон гули дил, ин бӯстон муборак!

Тахти баланди Ваҳдат табрик, Тоҷикистон,
Тоҷи каёни дерин, эй тоҷикон, муборак!

Раҳмон чу ёри халқ аст, пурнур нори халқ аст,
Дар дафтари замона ин достон муборак!

## Мулки бахту иқбол

Аз бенишон замонҳо ҳамчун нишон расидӣ,
Аз зулмати замонҳо равшанравон расидӣ,
Аз талхии замонҳо ширинзабон расидӣ,
Чун як ҷаҳон ту моро дар ин ҷаҳон расидӣ.

Эй мулки бахту иқбол, эй кишвари муқаддас,
Обат сафои дил бас, хокат бақои ҷон бас!

Шаҳбози давлати мо, парвози ту баланд аст,
Яктои қисмати мо, азми дилат дучанд аст,
Кӯҳи ту кони ганҷу рӯҳи ту кони панд аст,
Имрӯзи ту дилоро, фардот дилписанд аст!

Эй мулки бахту иқбол, эй кишвари муқаддас,
Обат сафои дил бас, хокат бақои ҷон бас!

Озодаи замонҳо, озодиат муборак,
Шодии ҷону дилҳо, дилшодиат муборак,
Ширин бувад талошат, фарҳодиат муборак,
Бунёдкори фардо, ободиат муборак!

Эй мулки бахту иқбол, эй кишвари муқаддас,
Обат сафои дил бас, хокат бақои ҷон бас!

## Душанбе

*(саҳнаи манзум)*

– Ассалому алайкум, эй ёрон,
Манам Одинааҳмад, аз Хатлон.

– Банда як ҳамҷавори эшонам,
Шогадо астам, аз Бадахшонам.

– Ман Алиҷонам, аз диёриХуҷанд,
Бо ҳама мулки тоҷикам пайванд.

– Мирзоям ман, аз Ҳисори қадим,
Ҷоннисорам ба ин диёри қадим.

– Раштиям ман, Сайидхӯҷа манам,
Бастаи обу хоки ин Ватанам.

– Олимам банда, аз Бухороям,
Тоҷикам, ҷону дил чу хороям.

– Ман зи Фарғона омадам, ёрон,
Рамзи файз аст номи ман – Борон.

– Ман Самар ҳастам, аз Самарқандам,
Бо шумо ҷумла решапайвандам.

– Омадем аз чаҳор кунҷи Ватан,
Ки Ватанро кунем боғу чаман,
Пойтахти варо бино созем,
Мулки тоҷикро бапо созем!

– Бурда аз мо чи шаҳрҳои мо,
Дода қисмат ҳамин Душанберо,
То варо мо зи ҷумла беш кунем,
Пойтахти диёри хеш кунем!

– Узр, огоҳ нестам, ёрон,
Чун Душанбе шуда варо унвон?

– Карда тақдир ҷо варо тақдим
Дар сари Шоҳроҳи Абрешим,
Ҳар душанбе, чу рӯи гулзораш,
Эй басо гарм буд бозораш,

Номи тоҷикияш забон ба забон
Рафтаву шуд Душанбеяш унвон.

– Беш аз сеҳазорсола бувад,
Ганҷҳояш ба кӯҳу ёла бувад,
Гаҳ Шумону гаҳе Аҳорун буд,
Шаҳри обод буд, мавзун буд.

– Бояд аз нав кунем ободаш,
Аз харобӣ кунем озодаш,
Баҳри худ ҷону тан кунем онро,
Пойтахти Ватан кунем онро!

– Банда як сурхафсарам, ёрон,
Дар раҳи мулк аскарам, ёрон,
Кандаам ҷон, ки зеби даҳр шавад,
Ин Душанбе дубора шаҳр шавад!

– Аз диёре, ки Тоҷикистон аст,
Ёдгоре зи Оли Сомон аст,
Сӯи ин рустоқи дилравшан,
Ки бувад қиблаи умеди Ватан,
Бас муаллим, басо табиб омад,
Эй басо олиму адиб омад,
Бин бинокори бешуморашро,
Аҳли андеша, аҳли корашро.

– Ҳама бо як умед омадаем,
Бо навин як навид омадаем:
Менамоем зӯри инсонро,
Шаҳри бемисл мекунем онро!

– Инак, аз дурҳо қатор омад,
Ёр омад, зи мулки ёр омад,

Мактаб овард он, китоб овард,
Меваи нахли инқилоб овард,
Омад он гуна ҳам ҳавопаймо –
Боли симини мулки рӯҳафзо!
Тоҷик аз садди кӯҳсораш раст,
Бо Душанбе-ш бо ҷаҳон пайваст!
Шуд саропо зи огаҳон охир,
Бар ҷаҳон рафту шуд ҷаҳон охир!

– Эй Душанбеи поки некиқбол,
Эй сари ҳафтаҳои некӯфол,
Ҳафтаҳои ту моҳу сол шаванд,
Дар танат пар шаванду бол шаванд,
Ҷумла ширин кунанд коми туро,
Ҷовидона кунанд номи туро!

– Пири мои туву ҷавони мо,
Беқарориву сабри ҷони мо,
Бодат эй бас хуҷаста соли навад,
Навадат нуҳ ҳазор сол шавад!

– Эй Душанбеи дилфурӯзи Ватан,
Ҳафтаву моҳу солу рӯзи Ватан,
Шудаӣ баъд аз ҳазорон сол
Соҳиби бол, соҳиби иқбол,
Болу иқболи кишвари тоҷик,
Пои тахти зараш шудӣ, табрик!

*2014*

**Раҳмонобод**

Шаҳри дилҷӯи Бадахшонӣ, Раҳмонобод,
Зодаи ваҳдату имонӣ, Раҳмонобод.

Дасти ҳар гӯшаи ин мулк расидаст ба ту,
Пайки ҳамдастии достонӣ, Раҳмонобод.

Камтар аз гармии Хуршед набошад ба сарат
Гармии тоқии хатлонӣ, Раҳмонобод.

Мевазад то ба абад меҳршамолат зи Шимол,
Нусхаи Суғду Зарафшонӣ, Раҳмонобод.

Дар паси кӯҳи Ҳисорӣ зи хисорот эмин,
Дар пайи рушд чу Раштонӣ, Раҳмонобод.

Каҳкашон аст давоми раҳи пуранворат,
Балки пайвастаи кайҳонӣ, Раҳмонобод.

То абад манзили уммеди дилу ҷон бошӣ,
Халқро додаи Раҳмонӣ, Раҳмонобод.

**Восеъ**

Дар сурати чеҳраи вай аз шонаи вай
Якчанд баромад офтоби дили халқ,
Аз шонаи чун қуллаи кӯҳистонаш
Парвози баланд кард уқоби дили халқ.

Дар сурати хеш ӯ Бухоро овард
Аз кӯҳу дара шуҳрати кӯҳистонро,
Он рӯз амирону вазирон диданд
Дар шонаи ӯ қудрати кӯҳистонро.

Дар дидаи хашмиаш назар карда замон,
Фаҳмид, чи одам аст кӯҳистонӣ,
Саҳроӣ аз ӯ шинохт – ҳаргиз нашавад
Аз кӯҳи ғурур паст кӯҳистонӣ.

Бо чеҳраи нурбори пуртамкинаш
Бар халқи диёри хеш тамкин бахшид,
Бо ҳар нигаҳаш ба мардуми мағлубаш
Подориву бовариву таскин бахшид.

Аз пой наафтоданаш омӯхт яқин
Барпой будан ба мардуми афтода,
Боло сараш оини сари болоро
Омӯхт ба халқ беҳ зи сад сарвода.

Аз тиру камони нигаҳу абруи ӯ
Тарсид замонаву камону тираш,
Пинҳон ба даруни пӯст ларзид амир
Рӯбоҳсифат зи шери дарзанҷираш.

Мардум ҳама дид пурғуруру восеъ
Дар сурати ӯ боз куҳистонашро,
Дар сурати ӯ халқи азизаш бишнохт
Бебок ялаш – Рустами дастонашро.

…То дар Ватанаш як каси дилсӯз бувад,
Дар Сурхсақова[1] гулханаш месӯзад.
То дар Ватанаш алови чашме боқист,
Дар чашми Чакова[2] гулханаш месӯзад.

**Ҷаҳони дар ҷаҳон**

Пурозар остони мо – Ватан,
Пурахтар осмони мо – Ватан,
Замини бӯстони мо – Ватан,
Замони достони мо – Ватан,
Ҷаҳони дар ҷаҳони мо – Ватан!

Дар ин ҷаҳони ормон диёри ормони мо,
Замини гулфишони мо, баҳори ҷовидони мо,
Кушоду дилнавозу пок манзилу макони мо,
Ба авҷ то ки пар кашем, маҳду ошёни мо.

---

[1] Кӯҳе дар зодгоҳи Восеъ.
[2] Чашмае дар ҳамон мавзеъ.

Пурозар остони мо – Ватан,
Пурахтар осмони мо – Ватан,
Замини бӯстони мо – Ватан,
Замони достони мо – Ватан,
Ҷаҳони дар ҷаҳони мо – Ватан!

Туро ба ранҷ сохтем аз орзӯи хештан,
Биёфтемат инчунин зи ҷустуҷӯи хештан,
Намуда поку дилкушо сарову кӯи хештан,
Азиз дошта фузун чу обрӯи хештан.

Пурозар остони мо – Ватан,
Пурахтар осмони мо – Ватан,
Замини бӯстони мо – Ватан,
Замони достони мо – Ватан,
Ҷаҳони дар ҷаҳони мо – Ватан!

Шукуфтани ҳама ҷаҳон бувад мароми рӯшанат,
Ба зидди ношукуфтан аст ҳар қиёми рӯшанат,
Низом ёфт зиндагонӣ аз низоми рӯшанат,
Ба лавҳи даҳр дарҷ гашта сад паёми рӯшанат.

Пурозар остони мо – Ватан,
Пурахтар осмони мо – Ватан,
Замини бӯстони мо – Ватан,
Замони достони мо – Ватан,
Ҷаҳони дар ҷаҳони мо – Ватан!

Ба ҳар диле, ки ҷо шудӣ, сафои синаҳо шудӣ,
Ба тори дил наво шудӣ, ба чашми дил зиё шудӣ,
Барои мо сари баланду қомати расо шудӣ,
Каломи ҷонфизо шудӣ, паёми ошно шудӣ.

Пурозар остони мо – Ватан,
Пурахтар осмони мо – Ватан,
Замини бӯстони мо – Ватан,
Замони достони мо – Ватан,
Ҷаҳони дар ҷаҳони мо – Ватан!

Зи ғунчаи умеди туст боғи гулфишони мо,
Аз офтоби меҳри туст гармии ҷаҳони мо,
Ҳамеша монда дар ҷаҳон зи ҳимматат нишони мо,
Баҳори бехазони мо, баҳори ҷовидони мо.

Пурозар остони мо – Ватан,
Пурахтар осмони мо – Ватан,
Замини бӯстони мо – Ватан,
Замони достони мо – Ватан,
Ҷаҳони дар ҷаҳони мо – Ватан!

## Ҷаҳони дар дилам…

Гули обугилам ғайр аз Ватан нест,
Камоли комилам ғайр аз Ватан нест,
Ҷаҳони пеши чашмам худ аён аст,
Ҷаҳони дар дилам ғайр аз Ватан нест!

## Боли мо, иқболи мо

Тоҷикистон – тахти мо,
        Тоҷикистон – тоҷи мо,
Боли мо, парвози мо,
        Авҷи мо, меъроҷи мо.

Сарбаландо, будаӣ
        Қуллаи номусу ор,
Камзамино, будаӣ
        Дар дили мо беканор.

Бо ту, эй яктои мо,
Мо фаровон будаем,
Ҷисми поки мо туӣ,
Мо туро ҷон будаем.

Дар барат дилҳои мост
Ғул-ғулафкан булбулат,
Чун гули хорат азиз
Буда ҳар хори гулат.

Дар ҳама дунё ҳамин
Меҳру моҳу ахтар аст,
Гармтар Меҳри ту лек,
Моҳи ту рӯшантар аст.

Дилкушо ҳар рӯзи ту
Рӯзи Истиқлоли мост,
Болафшон парчамат
Боли мо, иқболи мост.

Бо дилу бо ҷон туро
Мо баробар мекунем,
Беш аз ин, эй тоҷи сар,
Тоҷбарсар мекунем!

**Ташаккур, эй падарҳо…**

Ташаккур, эй падарҳо,
Ташаккур, эй падарҳо,
Барои ин диёри чун биҳишти дунё!

Як кишвари замонавӣ
Кардед аз ин диёр,
Бошад ба чор фасли сол
Пеши назар баҳор.

Бар чор сӯ, ки мекунем
Аз ҷону дил назар,
Зеботаранду беҳтаранд
Ҳар як зи якдигар.

Ташаккур, эй падарҳо,
Ташаккур, эй падарҳо,
Барои ин диёри чун биҳишти дунё!

Ҳар хонаи баландатон
Як сарбаландӣ аст.
Ҳар боғи меваҷандатон
Зебописандӣ аст.
Ҳар роҳ – роҳи бахти мо
Моро чу раҳбар аст.
Ҳар мактаби бамеҳратон
Оғӯши модар аст.

Ташаккур, эй падарҳо,
Ташаккур, эй падарҳо,
Барои ин диёри чун биҳишти дунё!

Ҳарчанд бошад дар ҳаёт
Парвози мо баланд,
Ҳаргиз намеравад зи ёд
Ин мулки арҷманд.
Азбаски решаҳои мо
То ҷовидон дар ӯст,
Ин хок такягоҳи мо,
Ин об обрӯст.

Ташаккур, эй падарҳо,
Ташаккур, эй падарҳо,
Барои ин диёри чун биҳишти дунё!

## Иқболи баланд

Ваҳдат баланд иқболи мост,
Бунёди Истиқлоли мост.

Бар авҷи бахту орзӯ
Зӯру тавоно боли мост.

Фардои хушиқболро
Зебову рӯшан фоли мост.

Моҳи саропо меҳри мо,
Пурмеҳру пурмаҳ соли мост.

Як рӯҳбахши умри мо,
Ҳар дам беҳии ҳоли мост.

Дар рӯи зебои Ватан
Дилхоҳу дилҷӯ холи мост.

Поянда Истиқлоли мост,
Ваҳдат баланд иқболи мост!

## Пайванд

I

Зиҳӣ ин бузургӣ, зиҳӣ ин камол,
Зиҳӣ ин шукӯҳу зиҳӣ ин ҷалол,

Зиҳӣ миллату Сарвари номдор,
Ҳама миллат аз заҳматат комёр.

Зиҳӣ сулҳу ваҳдат, ки эҳдо зи туст,
Зиҳӣ халқу давлат, ки эҳё зи туст.

Хазон бурда, сарсабзӣ овардаӣ,
Басо нахли уммед парвардаӣ.

Шукуфонда мулки дилафрӯзро,
Ҷаҳонӣ намудӣ ту Наврӯзро,

Нишони ту ҳар ҷой ободӣ аст,
Сарозодӣ асту дилозодӣ аст.

Намакпосдори бузургон, зиҳӣ,
Зинавзиндасози сутургон, зиҳӣ.

Саногӯи кори ту бодо замон,
Дуогӯи ҷони ту бодо ҷаҳон.

Зиҳӣ халқро маншаи боварӣ,
Зиҳӣ халқдорӣ, зиҳӣ сарварӣ!

II

Хирадманд бошад падарро писар,
Аз ӯ хуш бувад халқу хуштар падар.

Писар гар падарро накӯ ёвар аст,
Баду некро мисли ӯ довар аст,

Бувар хидмати Меҳанаш сарварӣ,
Ба фардои Меҳан бувад боварӣ.

Ба Наврӯзи Меҳан – ба фархунда ид
Як арзанда наврӯзӣ омад падид:

Ҷавонбахт як шаҳриёри ҷавон
Бишуд дар раҳи шаҳрдорӣ равон,

Ҳамон Рустам асту ба майдон шуда,
Ҷавонмард ҳамхайли мардон шуда.

Чу аз пушти Ҷамшеди даврон бувад,
Ба ӯ баста уммеди даврон бувад,

Писар ҳамрадифи падар омада,
Зи роҳи шарифи падар омада,

Чунин ҳамдилу ҳамнигоҳи падар
Равон бод умре ба роҳи падар!

Дилаш бод саршори меҳри диёр,
Дар ин роҳ Раҳмон варо бод ёр!

Душанбе аз ӯ бод ободтар,
Душанбегӣ аз хидматаш шодтар,

Дили Меҳан аз ӯ фараҳманд бод,
Падар шод аз ӯ, халқ хурсанд бод!

## Қасам

Қасам ба номи неки рафтагон,
Қасам ба рӯҳи поки баҳри ин Ватан ба зери хок хуфтагон,
Қасам ба авҷи ин самову хоксор ин замин,
Қасам ба рӯзҳои рафтаву ба рӯзҳои неки баъд аз ин,
Ки аскарони бовафои Меҳанем,
Ба халқ ҳамдилу ба мулк ҳамтанем!

Ба бонишону бенишон ҳама каси Ватан қасам,
Ба ҳар гули Ватан қасам, ба ҳар хаси Ватан қасам,
Ба ҳар навою ҳар суруди дилраси Ватан қасам,
Ба марзи ҳамчу марзи ҷон, қаламрави муқаддаси
Ватан қасам,
Ки аскарони бовафои Меҳанем,
Ба халқ ҳамдилу ба мулк ҳамтанем!

Қасам ба орзӯи пурумед модарон,
Қасам ба ишқи поки беғубор дилбарон,
Қасам ба қалби софи тифлакон,
Қасам ба пирҳои дилҷавон,
Ки аскарони бовафои Меҳанем,
Ба халқ ҳамдилу ба мулк ҳамтанем!

Қасам ба роҳи неку манзили Ватан,
Қасам ба рӯди софу пок соҳили Ватан,
Қасам ба боғи сабзу файзбор ҳосили Ватан,
Қасам ба оби нурбору гулфишон гили Ватан,
Ки аскарони бовафои Меҳанем,
Ба халқ ҳамдилу ба мулк ҳамтанем!

Қасам ба халқи дилкушоду бовафоямон,
Қасам ба мулки дилкушову босафоямон,
Қасам ба роҳи росту муҳиб раҳнамоямон,
Қасам ба пешрафти миллату қасам ба Пешвоямон,
Ки аскарони бовафои Меҳанем,
Ба халқ ҳамдилу ба мулк ҳамтанем!

## Афсарон

Рӯзу шабҳо дуогӯятон модарон,
Чашм бар роҳи душворатон дилбарон,
Бар сари китфатон нурбор ахтарон,
Балки бар дӯшатон бори ҳафт осмон.

Афсарон, афсарон,
Марди саф – афсарон,
Баҳри ҷони Ватан
Ҷон ба каф – афсарон.

Аз дили беқарори шумо барқарор аст марзи Ватан,
Даст бар дастатон додаву пойдор аст марзи Ватан,

Марзи номусу ор аст марзи Ватан,
Устувореду ҳамчун хати устуво устувор аст
марзи Ватан.

Афсарон, афсарон,
Марди саф – афсарон,
Баҳри ҷони Ватан
Ҷон ба каф – афсарон.

Гаҳ ба хоки Ватан ҳамбадан,
Ҳамбадан гаҳ чу моҳӣ ба оби Ватан,
Дар фазояш чу шоҳин гаҳе мепаред,
Баҳри ҷони Ватан дар набардеду размоваред,
Гавҳари ҷони Меҳан ба ҷон мехаред.

Афсарон, афсарон,
Марди саф – афсарон,
Баҳри ҷони Ватан
Ҷон ба каф – афсарон.

Чун дили покатон бахтатон ҳам ҷавон бод,
Ахтари китфатон нусхаи ахтари осмон бод,
Аз шумо кохи амну амонӣ нишон бод,
Номатон ҳамчу умри Ватан ҷовидон бод!

Афсарон, афсарон,
Марди саф – афсарон,
Баҳри ҷони Ватан
Ҷон ба каф – афсарон.

## Ахтари бахт

Аскарон, аскарони тавоно,
Аскарон, аскарони диловар,
Ҳифзи номусу нанги Ватанро
Зиндагӣ бар шумо карда бовар.

То шумо аз пайи ҳифзи мулкед,
Дар дилу ҷон ғами мулкдорӣ,
Бо дили ҷамъу бо хотири ҷамъ
Мекунад халқ бунёдкорӣ.

То дилогоҳ дар посгоҳед,
Бошад эмин тану ҷони Меҳан,
Қалби бедоратон дорад эмин
Хоби ороми тифлони Меҳан.

Авҷи дилҳоятон поку соф аст,
Осмони Ватан ҳам бувад соф,
Мурғакони Ватан мурғи бахтанд
Дар фазои хуши адлу инсоф.

Ахтари бахти халқ асту кишвар
Ахтари дӯшатон ҳар куҷо ҳам,
Бештар боду бодо калонтар
Ахтари бахту дӯши шумо ҳам!

**Файзи Ваҳдат**

Неъмати беҳтарин файзи Ваҳдат бувад,
Офтоби замин файзи Ваҳдат бувад,
Ҳар замон як канори Ватан бештар
Мешавад нозанин, файзи Ваҳдат бувад.

Ҷовидон бошад ин нусрати халқи мо,
Давлати халқи мо – Ваҳдати халқи мо!

Халқи моро баҳам оварад беш аз ин,
Бо раҳи дилқаринӣ барад беш аз ин,
Бо вафо, бо сафо дар дилу ҷони мо
Меҳри халқу Ватан парварад беш аз ин.

Ҷовидон бошад ин нусрати халқи мо,
Давлати халқи мо – Ваҳдати халқи мо!

Дар раҳи азм чун ёри Сарвар шудем,
Аз дигар соҳиби тахту минбар шудем,
Соҳиби пар шудем,
Соҳиби фар шудем,
Ваҳдатовар шудем,
Ваҳдатофар шудем.

Ҷовидон бошад ин нусрати халқи мо,
Давлати халқи мо – Ваҳдати халқи мо!

## Дони гандум гаштӣ…

Тоҷбарсар халқи ман, бебок берун омадӣ,
Ҳамчу ахтар аз дили афлок берун омадӣ.

Хасми нопокат ҳама дар оташи Зардушт сӯхт,
Аз ҳар оташ чун Сиёвуш пок берун омадӣ.

Рустанат чун лола дар Боми Ҷаҳон осон набуд,
Аз сади хору хасу хошок берун омадӣ.

Решакан карданд чун токат басо аз хоки пок,
Бо майи ноби сухан аз ток берун омадӣ.

Ташнаҷону ташнадил буд интизорат ҳар куҷо,
Чашмаи маънӣ шудӣ, чолок берун омадӣ.

Ҷумла дӯзахро барои хештан кардӣ биҳишт,
Дони гандум гаштаву дилчок берун омадӣ.

**Биступанҷ сол – биступанҷ бол**

Раҳбаре гурд
Халқро бурд
Бори дигар ба авҷи шукӯҳаш;
Дар баландӣ
Дилписандӣ
Шуд баробар дигар рӯҳу кӯҳаш.

Биступанҷ сол –
Биступанҷ бол –
Боли парвоз бар авҷи иқбол.
Биступанҷ сол –
Биступанҷ фол –
Фоли бахти наву тоза омол.

Тоҷикистон
Аз дилу ҷон
Бо ҷаҳон ҳамдилу ошно шуд,
Бо қарибу
дури дунё
Шуд қарин, ҳамдилу ҳамнаво шуд.

Аз раҳи тахт –
Шаҳраҳи бахт
Шуд қарин эй басо манзили дур.
Аз дили об
Бо хати НОБ
Манзилу дил ҳама гашт пурнур.

Рӯҳи аҷдод
Ҷумла шуд шод
Аз намакпосдории авлод.
Пиру барно –
Дӯшу фардо
Мекунад мулки бемисл обод.

Мурғи иқбол
Мезанад бол
Дар дилоро фазои мусаффо.
Дар фазои
синаҳо хуш
Метапад бо ҳавас мурғи дилҳо.

*08.08.2016*

**Бо Пешвои миллатем!**

Дар бостонӣ мулки хеш
Ҳастем мо насли ҷавон,
Рамзи баҳоронем мо
Як умр бар рағми хазон.

Насли ҷавони миллатем,
Рӯҳу равони миллатем,
Шуҳратфизои миллатем,
Бо Пешвои миллатем!

Пушту паноҳи мо – Ватан,
Пушту паноҳаш мостем,
Сар пеши пояш мондаем,
Дар хидматаш барпостем.

Насли ҷавони миллатем,
Рӯҳу равони миллатем,
Шуҳратфизои миллатем,
Бо Пешвои миллатем!

Моро ба роҳи зиндагӣ
Ҳар пешаву коре бувад,
Як пеша аммо муштарак
Моро ватандорӣ бувад.

Насли ҷавони миллатем,
Рӯҳу равони миллатем,
Шуҳратфизои миллатем,
Бо Пешвои миллатем!

Аз Пешво омӯхтем
Бо сидқу бо меҳру вафо
Бар кишвару бар халқи хеш
Кардан ҷавониро фидо.

Насли ҷавони миллатем,
Рӯҳу равони миллатем,
Шуҳратфизои миллатем,
Бо Пешвои миллатем!

Морост дар роҳи ҳаёт
Ин азму ҷаҳду орзӯ –
Хоки Ватанро зар кунем,
Оби Ватанро обрӯ.

Насли ҷавони миллатем,
Рӯҳу равони миллатем,
Шуҳратфизои миллатем,
Бо Пешвои миллатем!

* * *

Гул мекунад дили мо дар гулшани ҷавонӣ.
Рӯгарму гармҷонем аз гулхани ҷавонӣ.

Арзанда касбу кор аст, пайваста ибтикор аст
Зебандаву дилоро пероҳани ҷавонӣ.

Дар чеҳраҳои дилҷӯ, дар лолазори ҳар рӯ
Бо чашми дил бубинед бишкуфтани ҷавонӣ.

Баҳри ҷавонии мулк то ҷовидонии мулк
Мо ҳамдили ҷавонӣ, мо ҳамтани ҷавонӣ.

Пурзӯру пуртавон бод, барҷою ҷовидон бод
Ҷону тани ҷавонӣ дар Меҳани ҷавонӣ!

**Писарему сипарем**

Ин Ватан нест фақат водию кӯҳ,
Сад ғурур асту виқор асту шукӯҳ!
Ин Ватан нест фақат дору дарахт,
Сари ҳар шоха бубин меваи бахт!

Мо натанҳо писари ин Ватанем,
Балки бо ҷон сипари ин Ватанем!

Шаҳр не он, фақат он деҳкада нест,
Қад-қади роҳ қатори сада нест,
Шаҳри дил, деҳкадаи обугил аст,
Решаи ҳар сада дар ҷону дил аст!

Мо натанҳо писари ин Ватанем,
Балки бо ҷон сипари ин Ватанем!

Роҳи он роҳнамои ману туст,
Кӯҳи он кони садои ману туст,
Рӯди он нусхаи шарёни дил аст,
Хоки он вусъати кайҳони дил аст!

Мо натанҳо писари ин Ватанем,
Балки бо ҷон сипари ин Ватанем!

Мо чу гавҳар, Ватани мост садаф,
Ӯ сафоро, ҳама мо – аскари саф,
Ҳаст дар ин абадӣ марзи вафо
Ҳамаи сӯи Ватан қиблаи мо!

Мо натанҳо писари ин Ватанем,
Балки бо ҷон сипари ин Ватанем!

Мо натанҳо писари ин Ватанем,
Балки бо ҷон сипари ин Ватанем,
Аскари бошарафи ин Ватанем,
Аз дилу ҷон ба сафи ин Ватанем!

**Таронаи мактабиён**

Мактаб чу гулхан асту сабақҳо забонааш,
Гармии ҷону дил – сабақи ҷовидонааш.
Болида меравем ба паҳнои орзӯ
Дилгарму шердил ҳама аз ошёнааш.

Пуртобу пуртабем,
Дар роҳи матлабем,
Пайванди донишем,
Фарзанди мактабем.

Аз ҷаҳду аз талош бувад тору пуди мо,
Аз дониш аст тӯшараҳи деру зуди мо,
Аз ҷилдҳои кофтану ёфтан бувад
Садҳо китобхона ниҳон дар вуҷуди мо.

Пуртобу пуртабем,
Дар роҳи матлабем,
Пайванди донишем,
Фарзанди мактабем.

Ҳар субҳдам равон чу ба ин роҳ мешавем,
Аз роҳу расми зиндагӣ огоҳ мешавем,
Бо роҳи дониш аз дилу ҷон пеш меравем,
То пайравони пешаи дилхоҳ мешавем.

Пуртобу пуртабем,
Дар роҳи матлабем,
Пайванди донишем,
Фарзанди мактабем.

Ҳолост бори дӯш агар як китобдон,
Фардост ному нанги Ватан бори дӯшамон,
Аз ин сабаб ба рӯи замин пои мо қавист,
Дорем аз ин сабаб ҳамагон сар ба осмон.

Пуртобу пуртабем,
Дар роҳи матлабем,
Пайванди донишем,
Фарзанди мактабем.

**Зинаи бахт**

Сӯи ту мекунем ҳар субҳдам шитоб,
Моем нурхоҳ, ҳастӣ ту офтоб,
Қад мекашем мо монанди навниҳол
Андар канори ту, эй боғи бемисол!

Эй мактаби азиз, эй кохи дилписанд,
Бошӣ ту умрбод барҷову сарбаланд,
Чун умри халқи мо ҳастӣ ту кони панд,
Чун бахти халқи мо монӣ ту бегазанд!

Таърихи халқамон бар мо баён кунӣ,
Бар ҷисми мулкамон моро чу ҷон кунӣ,
Бар мо сабақ диҳӣ аз кимиёи бахт,
Монанди зинаӣ то авҷҳои бахт!

Эй мактаби азиз, эй кохи дилписанд,
Бошӣ ту умрбод барҷову сарбаланд,
Чун умри халқи мо ҳастӣ ту кони панд,
Чун бахти халқи мо монӣ ту бегазанд!

Мо кони маънием аз файзи шарҳи ту,
Мо бешумораем аз ҷамъу тарҳи ту,
Аз ту гирифтаем тобу таби ҳаёт,
Аз ту расидаем бар матлаби ҳаёт.

Эй мактаби азиз, эй кохи дилписанд,
Бошӣ ту умрбод барҷову сарбаланд,
Чун умри халқи мо ҳастӣ ту кони панд,
Чун бахти халқи мо монӣ ту бегазанд!

Чун нури ҷовидон дар рӯзгори мо
Бигзор, хуш бувад омӯзгори мо!
Эй фахри мо, шавем бар авҷи эътибор,
Гар лаҳзае кунӣ бо мо ту ифтихор!

Эй мактаби азиз, эй кохи дилписанд,
Бошӣ ту умрбод барҷову сарбаланд,
Чун умри халқи мо ҳастӣ ту кони панд,
Чун бахти халқи мо монӣ ту бегазанд!

## Гулпаракони гулбасар

*(таронаи кӯдакон)*

Хоҳаракони хушгуҳар,
Додаракони хушназар
Сар-сари гулҳои туем
Гулпаракони гулбасар.

Бӯи ту дар димоғи мо,
Эй Ватани чу боғи мо!
Меҳри ту дар сиришти мо,
Эй Ватани биҳишти мо!

Боғ гулу чаман гул аст,
Дашт гулу даман гул аст,
Аз рухи чун гули тарат
Чеҳраи мову ман гул аст.

Бӯи ту дар димоғи мо,
Эй Ватани чу боғи мо!
Меҳри ту дар сиришти мо,
Эй Ватани биҳишти мо!

Тозаву тар чу сунбулем,
Савти гулӯи булбулем,
Дар бари ту сар-сари гул
Гулпаракему худ гулем.

Бӯи ту дар димоғи мо,
Эй Ватани чу боғи мо!
Меҳри ту дар сиришти мо,
Эй Ватани биҳишти мо!

Боғу биҳишти мо бимон,
Меҳри сиришти мо бимон,
Сурх чу рӯи мо бимон,
Сабз чу кишти мо бимон!

Бӯи ту дар димоғи мо,
Эй Ватани чу боғи мо!
Меҳри ту дар сиришти мо,
Эй Ватани биҳишти мо!

*12.08.2016*

## Файзи умр

*(эҳдо ба хотираи неки Шуҳрат Ашӯров, ки ин сатрҳо барои яке аз оҳангҳои зебояш тасниф шудаанд)*

Дар канори ту зи меҳри ту рустаем,
Дар ҳама ҷаҳон канори ту ҷустаем,
Боғи мо туӣ, гули даста-дастаем,
Ҷониву чу ҷон ба ҷисмат нишастаем.

Рӯду ҷӯи мо туӣ, эй Ватан, Ватан,
Обрӯи мо туӣ, эй Ватан, Ватан,
Меҳру Маҳ туӣ, раҳу ёри раҳ туӣ,
Ҷустуҷӯи мо туӣ, эй Ватан, Ватан.

Чун дилем мо, ҳама дар бари туем,
Дар бари туем, дилу дилбари туем,
Розу нозӣ ту, рухи гарму бозӣ ту,
Кони меҳрӣ ту – ҳама ахтари туем.

Тифлакони мо шукӯҳи канори туст,
Аз гули ҳаёт шукуфо баҳори туст,
Файзи умри ту ҳама нангу ори мо,
Файзи умри мо ҳама баргу бори туст.

## Асли Истиқлолият

Асли Истиқлолият озодӣ аз зулмат бувад –
Зулмати шабҳои тор,
Зулмати афкор.

Асли Истиқлолият озодӣ аз ғафлат бувад –
Ғафлати якранги инсонӣ,
Ғафлати садранги шайтонӣ.

Асли Истиқлолият озодӣ аз худношиносист,
Чунки дар пайроҳи сӯи хеш
Вартае пурхавф чун худношиносӣ нест.

Асли Истиқлолият озодӣ аз нохешогоҳист,
Чунки ҳар нохешогоҳе дар ин дунё
Ба сӯи бандагӣ роҳист.

Асли Истиқлолият аз сӯи дигар бандагист –
Бандагӣ бар обрӯи соф,
Бандагӣ бар адлу инсоф,
Бандагӣ бар ақли дурандеш,
Бандагӣ бар эътиқоди хеш,
Бандагии шакл бар мазмун,
Бандагии шахс бар қонун.

Асли Истиқлолият ободӣ аст –
Ободии зоҳир,
Ки дар шаҳр асту дар рустост.
Беш аз ин
Асли Истиқлолият ободӣ аст –
Ободии ботин,
Ки дар ҷонҳову дар дилҳост.

## Мулки ҷовидон

Номи ту тоҷбор аст,
Халқи ту тоҷдор аст,
Пайкори ту ҳама кор,
Кори ту пурбарор аст,
Гулпарвару гулафшон,
Пойизи ту баҳор аст,
Як бор бинадат кас,
Як умр дӯстдор аст.

Эй мулки ҷовидонӣ,
Ҷисмем мо, ту ҷонӣ,
Мо дар ту ҷовидонем,
Дар мо ту ҷовидонӣ!

Оби ту ришта-ришта,
Хоки ту кишта-кишта,
Бахти баланд моро
Аз хоки ту сиришта,
Андар канори покат
Дилпоки ту сиришта,
Дар хоки сарбаландат
Афлоки ту сиришта.

Эй мулки ҷовидонӣ,
Ҷисмем мо, ту ҷонӣ,
Мо дар ту ҷовидонем,
Дар мо ту ҷовидонӣ!

Дилдодагони «Занд»-ем,
Зардушти бегазандем,
Ҳар номаро нахонем,
«Шаҳнома» меписандем,
Эй сарбаланди дунё,
Мо бо ту сарбаландем,
Эй арҷманди дилҳо,
Мо бо ту арҷмандем.

Эй мулки ҷовидонӣ,
Ҷисмем мо, ту ҷонӣ,
Мо дар ту ҷовидонем,
Дар мо ту ҷовидонӣ!

## Яктост Тоҷикистон

Бо арзу тӯлу паҳно
Дунёст беканора,
Пурнуру гарму зебо
Мулк аст бешумора,
Аммо ба зери гардун
Танҳост Тоҷикистон,
Мобайни ҷумла афзун
Яктост Тоҷикистон.

Дар ҳар канори олам
Як пора нон тавон ёфт,
Натвон валек беғам
Дигар чунин ҷаҳон ёфт,
Аз ҳар чарову ҳар чун
Болост Тоҷикистон,
Дар зери чархи гардун
Яктост Тоҷикистон.

Бо хуни мо чу охир
Омехт обу хокаш,
Ҳастем зинда дигар
Бо обу хоки покаш.
Чун ҷони тоза дар хун
Морост Тоҷикистон,
Аз ҳар ҳисоб берун –
Дунёст Тоҷикистон!

## Қибла

Ватанам!
Чор сӯи ту бувад қиблаи ман,
Худ бигӯ,
Ман ба кадомин сӯят
Саҷда кунам?!

## Бартар аз ҳар орзӯ

Дар дилу дар дидаи мо, эй накӯ,
Як туӣ болотар аз ҳар орзӯ,
Ташнаро чун оби софӣ дар гулӯ,
Манзили уммед бар ҳар роҳҷӯ.

Меҳан, эй меҳтар зи даҳри бекарон,
Бартар аз ҳар орзӯ, ҳар ормон.

Субҳгоҳон офтоби дил туӣ,
Шомгоҳон моҳи ҳар манзил туӣ,
Обугил баҳри ҳама хушгил туӣ,
Ақлу дил баҳри ҳама оқил туӣ.

Меҳан, эй меҳтар зи даҳри бекарон,
Бартар аз ҳар орзӯ, ҳар ормон.

Аз барои мост дунёи дигар
Дар барат нозу таманнои дигар.
Гарчи бисёр аст маъвои дигар,
Нест дилкаш мисли ту ҷои дигар,

Меҳан, эй меҳтар зи даҳри бекарон,
Бартар аз ҳар орзӯ, ҳар ормон.

Хоки покат такягоҳи мо бас аст,
Осмонат сарпаноҳи мо бас аст,
Сӯи фардои ту роҳи мо бас аст,
Номи неки ту гувоҳи мо бас аст.

Меҳан, эй меҳтар зи даҳри бекарон,
Бартар аз ҳар орзӯ, ҳар ормон.

## То абад, эй Ватан…

Модари моиву баччаҳои туем,
Ҷони моиву мо ҷонфидои туем,
Дилфишон, ҷонфишон аз барои туем,
Сарбаланди ҷаҳон бо ливои туем,
То абад, эй Ватан, бовафои туем!

Ҳамчу девори Сомониён устувор,
Гурдҳои туем, пурдилу гурдадор,
Дастгират зи ҷон, дар раҳат пойдор,
Даст бар дасти ту, по ба пои туем,
То абад, эй Ватан, бовафои туем!

Мо тани кишварем, мо дили кишварем,
Ҷовидон сарфишон дар бари Сарварем,
Обрӯи туро мо ба ҷон мехарем,
Пешрав дар раҳи Пешвои туем,
То абад, эй Ватан, бовафои туем!

Рӯшан аз чашми мо шоми чун рӯзи туст,
Рӯҳи болои мо бахти фирӯзи туст,
Гулфишон дасти мо асли Наврӯзи туст,
Хушдилу хушдимоғ аз ҳавои туем,
То абад, эй Ватан, бовафои туем!

## Суруди ҷавонон

Аз чеҳраи мо мешавад
Шомат пур аз нуру зиё.
Бо мо шабат рӯзи хуш аст,
Рӯзат пур аз файзу сахо.

Моем бо нанги куҳан
Насли ҷавонат, эй Ватан,

Ин сон ҷавондил мебарем
То ҷовидонат, эй Ватан!

Аз заҳмати бигзаштагон
Моро бувад дунё ба ком,
Арзанда мо ҳам медиҳем
Кори падарҳоро давом.

Моем бо нанги куҳан
Насли ҷавонат, эй Ватан,
Ин сон ҷавондил мебарем
То ҷовидонат, эй Ватан!

Бошад зи ганҷи бекарон
Иқбол Истиқлоламон,
Ободкорӣ корамон,
Озодагӣ омоламон.

Моем бо нанги куҳан
Насли ҷавонат, эй Ватан,
Ин сон ҷавондил мебарем
То ҷовидонат, эй Ватан!

**Насли созанда**

Дар посгоҳи қисматем сарбози нангу номи ту,
Бошад ҳадаф моро фақат умри хушу ороми ту,
Дар роҳи фармони туем умре равон бо пову сар,
Ҷонҳои моят – нархи ҷон, танҳои мо бодат сипар!

Эй Тоҷикистони қадим,
Эй Тоҷикистони ҷавон,
Эй дар раҳи худ пойдор,
Эй ҷониби фардо равон,
Моем, мо аз ҷону дил
Созанда насли тозаат,

Афзунтар аз ин мекунем
Овозату овозаат!

Ҳар як яқин ҳастем мо чун як сутун дар сарҳадат,
Дорем эмин то абад аз ҳар баду ахтарбадат,
Аз нанг бошад ҳар сутун, аз ор бошад ҳар сутун,
Барҷой бошад ҳар сутун, подор бошад ҳар сутун!

Эй Тоҷикистони қадим,
Эй Тоҷикистони ҷавон,
Эй дар раҳи худ пойдор,
Эй ҷониби фардо равон,
Моем, мо аз ҷону дил
Созанда насли тозаат,
Афзунтар аз ин мекунем
Овозату овозаат!

Танҳо на дар пешона ё дар шонаи мо ахтар аст,
Аз ахтари иқболи ту моро самои дигар аст,
Рахшон туро з-ин бештар бод ахтари бахти баланд,
Рахшон шавад аз бахти ту моро ҳам ахтарҳо дучанд!

Эй Тоҷикистони қадим,
Эй Тоҷикистони ҷавон,
Эй дар раҳи худ пойдор,
Эй ҷониби фардо равон,
Моем, мо аз ҷону дил
Созанда насли тозаат,
Афзунтар аз ин мекунем
Овозату овозаат!

Мо хоксорони туем, эй остонат зарнисор,
Мо сарбаландони туем, эй осмонат файзбор!
Аз файзи гулдастии мо ту гулфишонтар мешавӣ,
Бо ту ҷавондил мешавем, бо мо ҷавонтар мешавӣ!

й Тоҷикистони қадим,
Эй Тоҷикистони ҷавон,
Эй дар раҳи худ пойдор,
Эй ҷониби фардо равон,
Моем, мо аз ҷону дил
Созанда насли тозаат,
Афзунтар аз ин мекунем
Овозату овозаат!

**Офтоби Ваҳдат**

Чун зарраҳои нур
Аз ахтарони дур
Мо бо ҳам омадем,
Пайванди ҷон шудем.

Моро ба ҳам расондаӣ аз меҳру аз вафо,
Эй офтоби Ваҳдати мо – Пешвои мо!

Бо ту раҳидаем
Аз чоҳи зиндагӣ,
Рафтем сӯи бахт
Бо роҳи зиндагӣ.

Моро ба ҳам расондаӣ аз меҳру аз вафо,
Эй офтоби Ваҳдати мо – Пешвои мо!

Бо ранҷи бекарон
Ваҳдат насиби мост,
Аз ганҷи ин ҷаҳон
Давлат насиби мост!

Моро ба ҳам расондаӣ аз меҳру аз вафо,
Эй офтоби Ваҳдати мо – Пешвои мо!

Меҳр аст ганҷи мо,
Кони муҳаббатем,
Ҳамқисмати Ватан,
Ҳамҷони Ваҳдатем!

Моро ба ҳам расондаӣ аз меҳру аз вафо,
Эй офтоби Ваҳдати мо – Пешвои мо!

## Ҳадяи сарнавишт

Тоҷ дорад дурахшанда номат,
Тоҷ дорад ҷаҳонӣ каломат,
Тоҷ дорад ғуруру виқорат,
Халқи номовару номдорат.

Ҳамчу дил ҷой дар синаҳоӣ,
Мардумак ҳастӣ,
Дар дида ҷоӣ.
Чун ҳавои хушӣ,
Ҷонфизоӣ,
Чун умеди дилӣ,
Дилкушоӣ.
Ҳадяи сарнавишт –
Тоҷикистон!
Эй баҳор,
Эй биҳишт –
Тоҷикистон!

Бо кушодии дил як ҷаҳонӣ,
Тангноӣ, вале бекаронӣ!
Кай саропои ту кӯҳу кӯҳ аст? –
Ҳайкали ифтихору шукӯҳ аст!

Ҳамчу дил ҷой дар синаҳой,
Мардумак ҳастӣ,
Дар дида ҷой.
Чун ҳавои хушӣ,
Ҷонфизой,
Чун умеди дилӣ,
Дилкушой.
Ҳадяи сарнавишт –
Тоҷикистон!
Эй баҳор,
Эй биҳишт –
Тоҷикистон!

Бо ҷаҳонихирад Пешвоят
Минбари ин ҷаҳон гашта ҷоят,
Зеби чашми ҷаҳон акси хубат,
Нӯши гӯши ҷаҳон ҳар садоят!

Ҳамчу дил ҷой дар синаҳой,
Мардумак ҳастӣ,
Дар дида ҷой.
Чун ҳавои хушӣ,
Ҷонфизой,
Чун умеди дилӣ,
Дилкушой.
Ҳадяи сарнавишт –
Тоҷикистон!
Эй баҳор,
Эй биҳишт –
Тоҷикистон!

Зодаи ориву ифтихорӣ,
Дар раҳи нангу ном устуворӣ,
Бо ҳама неки ин даҳр ёрӣ,
Аз вафо, аз сафо тоҷдорӣ!

Ҳамчу дил ҷой дар синаҳоӣ,
Мардумак ҳастӣ,
Дар дида ҷоӣ.
Чун ҳавои хушӣ,
Ҷонфизоӣ,
Чун умеди дилӣ,
Дилкушоӣ.
Ҳадяи сарнавишт –
Тоҷикистон!
Эй баҳор,
Эй биҳишт –
Тоҷикистон!

Сарбаландӣ туву сарбаландем,
Зӯрмандӣ туву зӯрмандем,
Номи ту бар лабу шодмонем,
Меҳри ту дар дилу ҷовидонем!

Ҳамчу дил ҷой дар синаҳоӣ,
Мардумак ҳастӣ,
Дар дида ҷоӣ.
Чун ҳавои хушӣ,
Ҷонфизоӣ,
Чун умеди дилӣ,
Дилкушоӣ.
Ҳадяи сарнавишт –
Тоҷикистон!
Эй баҳор,
Эй биҳишт –
Тоҷикистон!

## Суруди дӯстӣ

*Нағмаи нав месароям бо рубоби дӯстӣ…*
*Тилло Пӯлодӣ*

Ҷовидона соф бодо осмони дӯстӣ!
То абад пурнур бодо ахтарони дӯстӣ!

Нест бодо дар замин тиру камони душманӣ,
Ҳаст бодо дар само тирукамони дӯстӣ!

Такдарахтони умеду орзӯи одамон
Сабзтар бодо ба боғи бехазони дӯстӣ!

Пур зи тифлон бод умре хонаҳои дӯстон,
Ҳеҷ гаҳ холӣ мабодо гирди хони дӯстӣ!

Эй ҷаҳон, нав-нав бидеҳ аз дӯстӣ моро сабақ,
То ки осон бигзарем аз имтиҳони дӯстӣ!

Дӯстон гар дилқарин бошанд, аз дурӣ чи бок,
Дар дилу ҷонҳо яқин бодо гумони дӯстӣ!

Ҷаҳдҳое мо ба роҳи дӯстӣ бинмудаем,
Худ дили пурмеҳри мо бошад нишони дӯстӣ!

Ҷашнҳо бодо фузун, хонанд то аз ҷону дил
Ин суруди дӯстиро ҳофизони дӯстӣ!

## Таронаи ҳамҷаворӣ

Ба як аҳду паймон
Ду мулку ду давлат,
Қариндил, қаринҷон
Ду халқу ду миллат.

Ду донак ба як пӯст ҳастем мо,
Бародарсифат дӯст ҳастем мо.

Ба ҳам чун биёем,
Нафаҳмад касе нек:
Кадом аст тоҷик,
Кадом аст узбек.
Ду донак ба як пӯст ҳастем мо,
Бародарсифат дӯст ҳастем мо.

Ба як ранг моро
Бувад боғу гулшан,
Зи нури яке маҳ
Шаби мост равшан.
Ду донак ба як пӯст ҳастем мо,
Бародарсифат дӯст ҳастем мо.

Диҳад сарбаландӣ
Яке кӯҳ моро,
Дили мо хӯрад об
Зи як ҷӯю дарё.
Ду донак ба як пӯст ҳастем мо,
Бародарсифат дӯст ҳастем мо.

Бувад лафз дигар,
Вале як дили мо,
Ду лафз аст фаҳмо
Ба ҳар манзили мо.
Ду донак ба як пӯст ҳастем мо,
Бародарсифат дӯст ҳастем мо.

Замин – як, само – як,
Макон – як, саро – як.
Як имон, Худо – як,
Сухан – як, нидо – як:

Ду донак ба як пӯст ҳастем мо,
Бародарсифат дӯст ҳастем мо.

Ба ин аҳду паймон
Қаринтар бигардем,
Накӯ дӯст ҳастем,
Бародар бигардем.
Ду донак ба як пӯст ҳастем мо,
Бародарсифат дӯст ҳастем мо.

**Нигаҳ дор, эй Худо**

Мулки моро дар паноҳи худ нигаҳ дор, эй Худо,
Халқи моро марди роҳи худ нигаҳ дор, эй Худо.

Бар биҳиштат ҳар ки шак дорад, бар ин мулкаш биёр,
Тоҷикистонро гувоҳи худ нигаҳ дор, эй Худо.

Кишвари моро дурахшонтар аз ину сарфароз
Ҳамчу Меҳру ҳамчу Моҳи худ нигаҳ дор, эй Худо.

Мардуми моро, ки ҳамчун мардуми чашмони мост,
Ҳамчу мардум дар нигоҳи худ нигаҳ дор, эй Худо.

Бандаи худ монамон танҳо ба даҳри бандагӣ,
Покҷону бегуноҳи худ нигаҳ дор, эй Худо.

Ахтари моро панаҳ кун дар ҳама субҳи сафо,
Дар ҳама шоми сиёҳи худ нигаҳ дор, эй Худо.

Дидаи Яъқуби моро нури ҷовидон бидеҳ,
Юсуфи моро зи чоҳи худ нигаҳ дор, эй Худо.

Бар сари ин давлату ин миллати дил рӯи каф
Сарварашро сарпаноҳи худ нигаҳ дор, эй Худо.

## Намеарзад…

Бихонем, эй Ватан, умре сурудат,
Баробар нест бо як сатри рӯдат;
Намеарзад ҳама афсонаи мо
Ба як афсонаи буду набудат!

## Асли мавҷуди мо

Ин ҳама рӯди ту об не, обрӯст,
Обрӯят фақат баҳри мо орзӯст!

Шуълаву дуди мо як туӣ, эй Ватан!
Асли мавҷуди мо як туӣ, эй Ватан!

Гирди ту ҷовидон чордевори кӯҳ,
Кӯҳи ту медиҳад рӯҳи моро шукӯҳ.

Шуълаву дуди мо як туӣ, эй Ватан!
Асли мавҷуди мо як туӣ, эй Ватан!

Мо, ки омӯхтем аз гиёҳи ту меҳр,
Меҳрубонтар зи мо нест зери сипеҳр.

Шуълаву дуди мо як туӣ, эй Ватан!
Асли мавҷуди мо як туӣ, эй Ватан!

Дар ҷаҳон кӯчакӣ, дар дили мо кушод,
Кору пайкори мо бар ту арзанда бод!

Шуълаву дуди мо як туӣ, эй Ватан!
Асли мавҷуди мо як туӣ, эй Ватан!

## Ормон

Ҷавониро фидо кардам, диёрам то ҷавон бошад,
Гузаштам борҳо аз ҷон, ки ҷонаш дар амон бошад.

Чу аз ҳар ҷонибе сӯи Ватан боди хазон омад,
Баҳорамро сипар кардам, ки эмин аз хазон бошад.

Ман аз ин сарзамин тиру камонро дур бинмудам,
Ки андар осмонаш пурҷило тирукамон бошад.

Қасам бо шири модар хӯрдаам дар назди халқи хеш,
Ки бахту роҳи умраш ҳамчу шири модарон бошад.

Дилу рӯи кушодамро ба дунё пешкаш кардам,
Ки мулки кӯчакам дар чашми дунё бекарон бошад.

Ба минбарҳои болои ҷаҳон бурдам забонамро,
Ки халқи хушзабонам бо ҷаҳоне ҳамзабон бошад.

Басо хорӣ кашида, ғунчаи уммед парвардам,
Ки хориро набинад ин диёру гулфишон бошад.

Маро ҳар боғ пайғомест аз гул кардани дилҳо,
Маро ҳар мазраи сабзе зи сарсабзӣ нишон бошад.

Бувад нонрезаву нони Ватан болои чашмонам,
Дилам ҳамрози пирону аниси тифлакон бошад.

Кунам тоҷи сари дунё дилоро Тоҷикистонро,
Зи тахту тоҷи ин дунё ҳаминам ормон бошад.

## Таронаи тоҷ

Ватан,
эй додаи Яздон;
Ватан,
эй маншаи имон;
Ватан,
эй тахту тоҷи сабз гашта
аз арақҳои ҷабину хуни поки қалби аҷдодон;
Ватан,
эй тахти реша дар дили мардум;
Ватан,
эй тоҷи болотар зи афлоку нигинаш хӯшаи анҷум;
Ватан,
эй аллаи ҳар модари тоҷик;
Ватан,
эй достони носуруда дар дили ҳар шоири тоҷик;
Ватан,
эй сарпаноҳи ҷумла парвозиву ҷумла бепари тоҷик;
Ватан,
эй дар замин хуршеди тоҷик,
моҳи тоҷик,
ахтари тоҷик;
Ватан,
эй меҳри дил,
эй муҳраи ҷон,
зери ин гардуни гардон меҳвари тоҷик!
Ватан,
эй хонаи ободу шоди мардумони ҳамдилу ҳамҷон,
Бародарҳои ҳампаймон,
Барбарҳои ҷовидон,
Ҳама дар ҳамдиливу ҳамгилӣ симои поки Тоҷикистон!
Фаровон сарзамин,
аммо замини решаҳои мову ман яктост,

Чунин дашту даман якто,
чунин боғу чаман яктост,
Худо яктост дар дунё,
худодод ин Ватан яктост!

Ватан,
мо аз ту умре қарздорем,
Дигар бояд ба дастат дил супорем,
На по, бояд ба хокат сар гузорем!
Ба тифлӣ хӯрда гар хоки туро мо бо умеди пок сабзидан,
Тани моро
хӯрад хоки ту бояд
баъди ҷонро бар ту бахшидан!

Кунад ҳар кас маҳалбозӣ дигар,
нони Ватан-Модар ҳаромаш бод!
Кунад ҳар кас мағалбозӣ дигар,
гум аз ду дунё нақшу номаш бод!
Бадӣ ҳар кас ба ин некӯ Ватан-Модар бихоҳад,
захри ҷонаш шири момаш бод!

На суғдиву бухориву бадахшонӣ,
На раштиву самарқандиву хатлонӣ,
На балхиву ҳисориву зарафшонӣ,
На вахшиву хуросониву фарғонӣ,
Ба як мазҳаб,
Ба як динем дигар,
Дини поки қобили табрик –
Ману моем аз ин пас
халқи яктан,
халқи якдил,
халқи якҷон –
тоҷвар ТОҶИК!

## Наврӯзгоҳ

Ҷуста-ҷуста, чун ҷаҳоне дар ҷаҳонат ёфтем,
Чун ҷаҳон дар тангное бекаронат ёфтем,
Дар миёни кӯҳсорон ҳамчу конат ёфтем,
Ҳамчу коне дар таҳи рангинкамонат ёфтем.
То биҳишти ҷовидони бахт роҳи мо туӣ,
Тоҷикистон, то абад наврӯзгоҳи мо туӣ!

Тангноятро ба ҳиммат бекарон кардем мо,
Хоки покатро ба қимат ганҷи кон кардем мо,
Бо баландии нигоҳат осмон кардем мо,
Бо умеди ҷовидонат ҷовидон кардем мо.
То биҳишти ҷовидони бахт роҳи мо туӣ,
Тоҷикистон, то абад наврӯзгоҳи мо туӣ!

Бо ҳақиқат ҷовидонӣ, бо садоқат ҷовидон,
Аҳли дилро беҳ зи ҷонӣ, беҳ зи ҷонӣ, беҳ зи ҷон,
Чун ҷаҳон пиру ҷавонӣ, чун хирад пиру ҷавон,
Фасли Наврӯзи ҷаҳонӣ, асли Наврӯзи ҷаҳон!
То биҳишти ҷовидони бахт роҳи мо туӣ,
Тоҷикистон, то абад наврӯзгоҳи мо туӣ!

Дар канорат ҳар диле бишкуфта ҳамчун гул бувад,
Ҳамчу мурғи дил туро дар шохи гул булбул бувад,
Булбули ҷону дил аз шавқи ту пурғулғул бувад,
Кул ҳақиқат нест, аммо ин ҳақиқат кул бувад:
То биҳишти ҷовидони бахт роҳи мо туӣ,
Тоҷикистон, то абад наврӯзгоҳи мо туӣ!

Лолаат – рӯсурхии мо дар баҳору дар хазон,
Барфи симинат – сафедиҳои роҳи бекарон,
Сабзаат сарсабзии мо бод умре дар ҷаҳон,
Парчами серангаат садранг бодо парфишон!
То биҳишти ҷовидони бахт роҳи мо туӣ,
Тоҷикистон, то абад наврӯзгоҳи мо туӣ!

## Давронсоз

Ба авҷи осмон хуршеди тобонат муборак бод!
Ба зери хок сарсабзии ҳар донат муборак бод!

Ба мулки беҳтар аз Наврӯзгаҳ хуш бод Наврӯзат,
Ба боғистони ҳиммат навбаҳоронат муборак бод!

Чу Сомонӣ накӯ дарёфтӣ сомони мулкатро,
Саропо кору пайкори басомонат муборак бод!

Чу азмат буд осон кардани душвори халқи хеш,
Дар ин раҳ шуд ҳама душвор осонат, муборак бод!

Муборак нони бо заҳмат расида рӯи гулхонат
Ва ҷонӣ дӯстонат гирди гулхонат муборак бод!

Аз ин мулку макон рондӣ чу расми бастароҳиро,
Кушоди роҳу расми раҳкушоёнат муборак бод!

Муборак нури Норак дар дилу дар манзилат умре,
Ба мулки ормонат нури Роғонат муборак бод!

Чу паймонхоҳ пур бодо туро паймонаи шодӣ,
Чу давронсоз ин созанда давронат муборак бод!

Суҷуде бар сари аз хоксорӣ ҷониби хокат,
Сари аз фахри дил бар авҷи кайҳонат муборак бод!

Шудӣ марди ҷаҳонӣ бо ҷаҳонӣ кору афкорат,
Ҷаҳонӣ сӯзҳо дар ҷисму дар ҷонат муборак бод!

Тилоӣ моҳии уммед бар дарёи дил додӣ,
Тилоӣ шасту рӯди пур зи туғёнат муборак бод!

Муборак бод тоҷат бар сари зебандаи тоҷат
Ва соҳибтоҷ давлат – Тоҷикистонат муборак бод!

## Яке…

Яке чун раъд бо шеван бигиряд,
Яке чун барқ дилрӯшан бигиряд,
Яке аз қисмати Роғун бисӯзад,
Яке дар ҳасрати рӯған бигиряд.

* * *

Ин ҳама обе, ки рӯду наҳру ҷӯи тоҷиканд,
Чун ба ҳам оянд, Баҳри Обрӯи Тоҷиканд!

Як назар кун, тоҷико, инак, ба оби хештан,
Андар он бин чеҳраи чун офтоби хештан!

Обрӯ ҳам гар ба ҷо монад, бигандад бегумон,
Дар шино бояд шудан, рафтан ба паҳнои ҷаҳон!

Обҳоро пуштурӯ бояд кушудан баъд аз ин,
Обҳоро обрӯ бояд намудан баъд аз ин.

Бешитоб омӯхтан бояд шитоби обҳо,
Сатрҳои гарму пурнури китоби обҳо.

Зар шавад ҳар қатра обат, зар шавад ҳар зарра хок,
Зар бувад ҷону дили покат, аё эй халқи пок!

Миллати нуронии ман, миллати нурофарин,
Эй дилат бо офтоби гарму нуронӣ қарин,

Нахли нур андар ҷаҳони тирадил парвардаӣ,
Даҳрро бо нури ақлат гарму рӯшан кардаӣ.

Ҳар китобат кони нуре андар ин дунё бувад,
Кони нури дигарат санъат бувад, хунё бувад.

Нур меборад зи ҳар коху манорат, миллатам,
Аз ғуруру нангу аз номусу орат, миллатам.

То ки хуршеди дилат дар сина бошад нурбор,
Манзилат, эй кони нору нур, бошад нурзор.

Бо ҳама ин нуру гармӣ лоиқи дунё туӣ,
Ёвари арзандаи Хуршеди беҳамто туӣ.

Ёвари Хуршедиву хуршедҳое дар замин
Сохтӣ ту бо ниёзи тинати нурофарин.

Норакат – он иқтибоси нору нури офтоб
Чашми рӯшан бошадат, ҳам гармии дил беҳисоб.

Сангтӯда – қиссаи хушномии буду набуд
Нури чашму нури уммеди туро афзун намуд.

Баҳри фардо бо накӯ уммедҳои дигаре
Сохтан бояд кунун хуршедҳои дигаре.

Инак, аз роҳи умедат файзи гуногун расид,
Нурбахшои ду чашми орзӯ – Роғун расид.

Боғи ту Роғун, дили бедоғи ту Роғун бувад,
Ҷониби сарбаста дунё роғи ту Роғун бувад.

Фикри нуронӣ бикун, андешаи Роғун бикун,
Баҳри подории Роғун ҳиммататро ғун бикун.

Нури чашматро равон бар хонаи дилҳо бисоз,
Риштаи ҷонро давоми сими ноқилҳо бисоз,

Такяи ҳар симчӯби нурбардӯшат бишав,
Сарбаланди кӯҳи сангу дашти гулпӯшат бишав.

Сӯи нуру гармии манзил нигоҳатро кушо,
Пеши дарёро бубанду пеши роҳатро кушо!

Оби Роғун кай бувад гил – оби дилпарвар бувад,
Қисмати кишвар бувад, обу гили кишвар бувад!

Қатра-қатра ҳамчу ганҷ он ҷамъ гардад, ҷони ман,
Босафо ҳар қатрааш сад шамъ гардад, ҷони ман.

Ҷамъ қандили азиме мешаванд ин шамъҳо,
Хоки покат мешавад пур аз ситора чун само,

Ҳар куҷое бингарӣ дигар, пур аз нур аст, нур,
Нури ту наздинку нури Каҳкашон дур аст, дур.

Зулматат раҳгум занад, чун мулк нуронӣ шавад,
Душманат ҷонӣ намонад, дӯстат ҷонӣ шавад.

Нур ақлу нур бахту нур хуш иқболи туст,
Нур боли туст, эй ҷон, асли истиқлоли туст.

Бо шукӯҳи дилписанди пеш бар худ такя кун,
Ҳамчу кӯҳи сарбаланди хеш бар худ такя кун.

Бо ту зӯри маънавӣ боду ғурури паҳлавӣ,
Бо ту ақли маснавӣ бодову нури мавлавӣ.

Гар шавад кӯҳе туро монеи раҳ, барбод бод,
Кӯҳкан фарзандҳоят ҷумла чун Фарҳод бод!

* * *

Хор гуфта ҳар касе хори туро, худ хор шуд,
Ҳар ки сангат зад зи дилсангӣ, ба сангат зор шуд.
Душманони бодият барбод рафта ҳамчу коҳ,
Душманони бодиятро бод руфта ҳамчу коҳ.

Хоки покатро касе гар сурмаи чашмон накард,
Тӯтиё ҳам чашми бенури варо дармон накард.
Бекасе гар пуштро бар пуштаи сабзи ту монд,
Менамонад дар ҷаҳон бе пуштгиру пуштбон.

Гушна монам, решаи хори туям ҳаст, эй Ватан,
Яъне, кофӣ бо ту будан решапайваст, эй Ватан.
То ки дорам гарди хокатро ба чашмон сурмасон,
Ман Ватан дорам, надорам ормоне ҷовидон.

То ки як лабташнаатро бар лаби дарё ниҳам,
Чун мижа ман ҳар хасатро рӯи чашмон ҷо диҳам.
Шаб, ки бо фикри ту чашмам мепарад то субҳгоҳ,
Моҳи навро рӯи чашмам мениҳам чун барги коҳ.

Бар ҳама борад чу борон неъмати дунё, хушам,
Бар ҳама борад чу борону чакад бар мо, хушам.
Бар заминат по занам боре агар, аз по занам,
Аз заминат дил канам, уммедам аз дунё канам!

## Душанбе

Ҳафтаам бо номи ту сар мешавад,
Моҳам аз меҳрат мунаввар мешавад,
Чор фасли сол ҳастам ҳамбарат,
Саргузашти ман гузашта аз сарат.

Эй Душанбе, шаҳри бемонанди ман,
Шаҳри дилбанди ба ҷон пайванди ман.

Раҳ ба раҳ чун ёри роҳи ман бувад,
Ҳар дарахтат такягоҳи ман бувад,
Ҳар чароғат ахтари бахти ман аст,
Ҳар харак дар боғи ту тахти ман аст.

Эй Душанбе, шаҳри бемонанди ман,
Шаҳри дилбанди ба ҷон пайванди ман.

Ҳам дили ман, ҳам дилорои манӣ,
Тахти Сомону Бухорои манӣ,
Ному кому шири дар қанди манӣ,
Рӯҳи Айниву Самарқанди манӣ.

Эй Душанбе, шаҳри бемонанди ман,
Шаҳри дилбанди ба ҷон пайванди ман.

Эй Душанбе, эй сари ҳар ҳафтаам,
Бо ту меояд умеди рафтаам,
Моҳу солам бо ту афзун мешавад,
Зарра-зарра асли ман ғун мешавад.

Эй Душанбе, шаҳри бемонанди ман,
Шаҳри дилбанди ба ҷон пайванди ман.

Ҳафт рӯзи ҳафтаам саршори туст,
Солу моҳи рафтаам саршори туст,
Бошад, эй кош, аз ту пур ояндаам,
Бо ту бошам ҳамнафас, то зиндаам.

Эй Душанбе, шаҳри бемонанди ман,
Шаҳри дилбанди ба ҷон пайванди ман.

**Имтизоҷ**

Зодаи ин кӯҳсори пурсадои хомушам,
Ҳамдили ин чашмаҳои дилнавози дилкашам,
Баҳравар то з-ин ҳавои беғашам ман, беғашам,
Эй Ватан, бо ту хушам ман, гар хушам ё нохушам.

Ҷӯя-ҷӯя бурдам оби ҷӯю дарёи туро,
Сарбасар шодоб кардам дашту саҳрои туро,
Қулла-қулла кардаам сад кӯҳ тиллои туро,
Сархуш аз ин саркашии қуллаҳои саркашам.

Балки ман умре чу барфи қуллаҳоят будаам,
Гаштаам худ кам, вале ҳусни туро афзудаам,
Бо дили бикшодаам, ин махзани накшудаам
Кардаам умре туро чун қуллаҳоят муҳташам.

Шуълае додам туро, бар ман ту гулхан додаӣ,
Донае додам туро, бар ман ту хирман додаӣ,
Бар ту ман дил бастаам, бар ман ту дил бикшодаӣ,
Дар нумӯ з-ин ҳамдамию ҳамғамии беғашам.

Аз манӣ ту, бо ҳама обу саробат аз манӣ,
Аз манӣ ту, бо суруру бо азобат аз манӣ,
Аз манӣ, бо ҷумла маъмуру харобат аз манӣ,
Аз туям ман, аз туям, хокистарам ё оташам!

## Таманно дар Соли Мурғ

Ҳамдиёро, зиёда бахти ту бод,
Сӯи иқбол роҳи тахти ту бод,
Меваи шодкомӣ овезон
Сари ҳар шохаи дарахти ту бод!

Дили покат шукуфта чун гул бод,
Ишқи ту ишқи поки булбул бод,
Доим аз кӯзаи шароби тараб
Бехи гӯшат навои қул-қул бод!

Азми парвоз сӯи авҷат бод,
Обрӯ рӯду шавқ мавҷат бод,
Роҳат аз фавҷи ҳамдилат саршор,
Ёри раҳ дилписанд фавҷат бод!

Доим афзуда рахту тахти ту бод,
Сабзу пурбор ҳар дарахти ту бод,
Мурғи имсолу солҳои дигар
Авҷпарвоз Мурғи Бахти ту бод!

## Зону зада будам…

Эзорчаҳои кӯдакиамро
Бингар, ҳама кандагӣ сари зону –
Зону зада будам, эй Ватан, аз ҷон,
Аз тифлии хеш ман ба пеши ту!

# 2. ДАР ҲАР ДАРУ КӮ НЕСТ МАРО ЗИНДАГӢ ОСОН…

## Ватан

Набошад ин Ватан фақат
Сарои ту, сарои ман,
Ватан бувад дар ин ҷаҳон
Бақои ту, бақои ман!

Замини ӯст такягоҳ,
Самои ӯст сарпаноҳ,
Ду чашми ӯст меҳру моҳ
Барои ту, барои ман!

Аз ӯст номат арҷманд,
Каломат аст дилписанд,
Аз ӯст ҳар куҷо баланд
Садои ту, садои ман!

Туро аз ӯст зебу фар,
Маро аз ӯст болу пар,
Кушод аз ӯст ин қадар
Фазои ту, фазои ман!

Баланд ҷумла сар аз ӯст,
Баландии назар аз ӯст,
Баланд ин қадар аз ӯст
Баҳои ту, баҳои ман!

Ба дасти ҳар дилогаҳаш
Тилост ҳар пари каҳаш,
Чу қолӣ аст пайраҳаш
Ба пои ту, ба пои ман!

Кушод хони ӯ шавад,
Зиёд нони ӯ шавад,
Нигоҳбони ӯ шавад
Худои ту, Худои ман!

Ба ганҷи ҷон, ба ранҷи тан
Аз ӯ кунем як чаман,
Касе намекунад Ватан
Ба ҷои ту, ба ҷои ман!

## Эй Ватан, бас кор дорӣ…

Эй Ватан, бас кор дорӣ, корзори нав бисоз!
Рӯзи нав бодат фаровон, рӯзгори нав бисоз!

Баҳри фардои азизони дилу ҷонат фузун
Мактаби нав сохтӣ, омӯзгори нав бисоз!

Аз пайи пиндори нав, гуфтори нав, кирдори нав
Сохтӣ Наврӯзи нав, наврӯздори нав бисоз!

Дар дили ҳар боғи зебое, ки бар гил сохтӣ,
Дар вуҷуди мардумат боғу баҳори нав бисоз!

Тоза кардӣ роҳу расми раҳкушоӣ, аҳсанат,
Лоиқи ин расму ин раҳ раҳгузори нав бисоз!

Сохтӣ беҳ аз Самарқанду Бухоро шаҳрҳо,
Ҷумларо девор бояд – шаҳриёри нав бисоз!

Ҷониби зебодилӣ, паҳнодилӣ, дарёдилӣ
Аз тамоми чашмаат чашминтизори нав бисоз!

Бар ҷавонон – коргоҳи ибтикору ифтихор,
Баҳрашон аз дилҷавонон пири кори нав бисоз!

Аспрезат ҳам фузун бод, аспхезат ҳам фузун,
Зеби зини зиндагонӣ шаҳсувори нав бисоз!

Растаҳои ростат кам нест дар ҳар гӯшае,
Пушти ҳар як (аз ҳарисӣ!) растагори нав бисоз!

Навдиёре кардаӣ барпо дар ин мулки куҳан,
Бо ҳамон ори куҳан соҳибдиёри нав бисоз!

## Даҳ асру сад аср

Ба боғи хештан чун ток рустӣ,
Хазидӣ, роҳи боғи ғайр ҷустӣ,
Ба даҳ асри касон дил дода осон,
Дил аз сад асри халқи хеш шустӣ!

## Бори дор

Хубтар бинед
Бар дарахти дор –
Мева озодӣ
Дорад оё бор?

## Фузун шуд…

Фузун шуд бесаронро сартарошон,
Шуда беҳарфҳо минбартарошон,
Зи ақлу ҳуш як пайғом набвад,
Расида даври пайғамбартарошон!

## Фар набошад…

Аз падар барҷо дуое гир, агар бошад фарат,
Фар набошад, баррабирён кай кунад пайғамбарат.

## Ман сохтам, ту сӯхтӣ…

*Ба хоробкорони Ватан*

Аз ҷону дил ин хонаро ман сохтам, ту сӯхтӣ,
Як кишвари афсонаро ман сохтам, ту сӯхтӣ.

Шуд меҳр раҳбар умрҳо, бо хишти бовар умрҳо
Кошӣ басо кошонаро ман сохтам, ту сӯхтӣ.

Дар суннати мардонагӣ бо ҷаҳду бо фарзонагӣ
Бозуву китфу шонаро ман сохтам, ту сӯхтӣ.

Аз суннати пурнури пеш, аз маънавӣ дунёи хеш
Сад суннати мардонаро ман сохтам, ту сӯхтӣ.

Аз расму оини қурун монеаву садди фузун
Расму раҳи бегонаро ман сохтам, ту сӯхтӣ.

Бо сабҳаи саддонаат куштӣ ҳазорон завқро,
Сад кишти милёндонаро ман сохтам, ту сӯхтӣ.

Парвонаро пар дода ман, бар ишқ бовар дода ман,
Афсонаи парвонаро ман сохтам, ту сӯхтӣ.

Куштӣ фурӯзон шамъро, кардӣ парешон ҷамъро,
Сад ҷамъи зулфу шонаро ман сохтам, ту сӯхтӣ.

Барбод кардӣ ҳар қадар, бунёд кардам бештар,
Дунёи ҷовидонаро ман сохтам, ту сӯхтӣ.

…То ҳаст дини сӯхтан рӯи замин, зери само,
Ҳам ҳаст дини сохтан, поён надорад разми мо!

## Дареғи дин…

Ба дилҳо танг шуд ҷои Худо ҳам,
Бирафт аз гӯш овои Худо ҳам,
Ҳамин гар дину диндорист, дигар
Дареғи дину эй вои Худо ҳам!

## Тарс

Бечора дилам чи бемаҳал метарсад,
Аз шонаи кал, хироми шал метарсад,
Азбаски басо мағалмуғулро дидаст,
З-он бештар аз муғулмағал метарсад.

## Либосовезак

Ба сару тан кулаҳу палтое,
Ҳамчу одам бувад он аз пасу пеш.
Остинҳо ба қадаш овезон,
Нест дасте, ки барад бар дили хеш.

Ӯ дамондаст сари сина, вале
Аз сари сина чи судаш – дил нест.
Бо ҳама шавкату ҳашмат боз ӯ
Ҳайкали бедиливу беҷигарист.

Кулаҳаш шоҳиди сардории ӯст,
Бингарӣ нек, надорад калла.
Кулаҳ аз калла на, аз ҳила пур аст,
Умре сардор бувад бо ҳила.

Кулаҳаш дар сари холӣ умре
Монеъи фурсати сархории ӯст.
Ҳуҷҷати бешумараш дар киса
Ҳар куҷо шоҳиди сардории ӯст.

## Агар дар зери чоҳӣ…

Агар бероҳагардӣ, айби раҳ чист?
Агар девоназодӣ, айби маҳ чист?
Агар дар зери чоҳӣ охири кор,
Ту худ сад чоҳ кандӣ, айби чаҳ чист?

## Дар асл…

Ислом, ки шӯру шари дунё будаст,
Сарманшаи садҳо ғаву ғавғо будаст,
Дар асл на шӯру шару ғавғову ғазо,
Инсони салим будани мо будаст!

## Тӯмору тимор

Шариат шар шуду шарбор имрӯз,
Балоор аст Муллоёр имрӯз.
Агар тӯмор дӣ тимор мебурд,
Ҳама тӯмор шуд тимор имрӯз.

## Гургодам

*(ҳикояти шикорчӣ[1])*

…Баъди чандин шабу рӯз,
Баъди афзун табу сӯз,
Баъди дидан ба лабам омадани ҷонро,
Ёфтам лонаи гургонро.

Гургота пайи рӯзӣ буд,
Гургоча – пайи фарзандон;
Хонаи пурбачаро мемонд
Лонаи гургон.

[1] Илҳом аз Интернет.

Гургакон низ чу тифлон буданд –
Гирди Гургоча ҷамъ
Бесару шӯху парешон.

Ёд аз тифлаки хешам омад,
Ки ба нозу шӯхӣ
Хонаро гоҳ ба сар мебардошт
(Чунки Ман дошт
Ва Модар дошт…).

Ба худ овард маро ногоҳ овози камонам
(Бехабар мондаам аз тиру нишонам…),
Гургакон титу парешон гаштанд,
Монд Гургочаву як гургак,
Гургаки захмии беҳол,
Очаи беиқбол.

Лаҳзае чанд басе зору пареш
Гирди тифлаш гардид,
Чанд ӯро бӯид,
Захми ӯро лесид,
Лек бесуд –
Гургаки оча дигар зинда набуд…

Бо алам Гургоча
Рӯй бар сӯи Само карду зи ҷон нӯла кашид,
Рӯй бар раҳми Худо карду чунон нӯла кашид,
Ки дили ҳафт фалак
Об шуд, аз дида чакид…

Нолаи Гургоча нӯла набуд,
Нолаи Модар буд,
Нолаи Модари зор –
Ҳамчунон – пур зи алам,
Ҳамчунон – нотакрор.

Мани қотил,
Бехабар, к-омада будам ба чи кор,
Бори аввал бе сайд
Бозгаштам зи шикор.

…Чанд рӯзе сипарӣ шуд,
Як рӯз
Хоб будам, ки яке
Доду фарёди занам гашт баланд
(Гардад ин гуна ба фарёд баланд
Рӯи оташ испанд…).

Хешро зор кашидам берун,
Бесарупой давидам берун,
Хокбозӣ мекард
Тифлакам бепарво,
Як қадам дур аз ӯ… меистод
Очагурги ошно!

Ман зи лахти ҷигарам будам дур,
Гург аммо наздик,
Шуд ҷаҳон пеши ду чашмам торик.

Чи бигӯям?
Чи кунам?
Будам лол,
Бемасал даҳшати умрам ба хаёл.

Очагург он гуна
Пеши чашмони тарам,
Як қадам дур зи лахти ҷигарам,
Буд истода сияҳфому кабуд,
Мақсадаш буд аён –
Интиқом аз ман буд.

Нобахуд шуд даҳанам боз,
Баромад овоз:
«Очагурго!
Тифли бечурми маро соз раҳо,
Ман гунаҳкори туям,
Бинамо пора маро!»

Қатрае ашк чакид аз чашмам
Ҳамчу як қатраи хун аз дили чок,
Ҳамчу як қатраи дигар
Пеши чашмам занам афтод ба хок…

Очагург он гуна
Буд истода сияҳфому кабуд…
Чашмҳояш мегуфт:
«Тифли ман оё маъсум набуд?!
Туӣ ҳамсояи ҷангал,
Ман вале дар умр бо нийяти бад
Н-омадам хонаат, эй ноинсон,
Ту чаро бинмудӣ хонаи моро вайрон?!
Ман ба ҷуброн акнун
Тифли туро хоҳам хӯрд,
Ё ки бо хеш варо хоҳам бурд
Ва агар боз биёӣ ба шикор,
Тифли худро бикунӣ хоки мазор!..»

«Очагурго, маъзур,
Очагурго, бахшиш,
Боздеҳ тифли маро,
Аз ту дорам хоҳиш!
Дорам аз ту зора,
Тифлакамро ту нарас!
Ман гунаҳкораму бас,
Ту маро кун пора!»

Очагург он лаҳза дар назарам
Сахт дар худ ларзид,
Қадаме пеш ниҳод
(Умри ман рафт ба бод,
Дилу ҷонам тарсид!),
Чашми пурашк намеканд зи духтарчаи ман,
Акс мешуд ба ҳар ахтарчаи чашмаш
Гӯӣ, ахтарчаи ман!

Чашм бар тифлаки ман дӯхт зи нав,
Пеши чашмаш гӯё
Тифли нокоми худашро дид,
Нозбӯ тифли маро
Бо алам бӯй кашид…

Баъд…
Аз ҳотаи мо берун рафт,
Кӣ тавонад, ки кунад тасвир –
Бо чи дарду аламу чун рафт!
Баҳри хун омада буд,
Бе хун рафт…

Рафтанаш бар дилу ҷон кора намуд, –
Даст бар ман нарасониду маро пора намуд!
Аз пайи чораи худ омаду бе чора маро
Беш аз буда бечора намуд!

…Тифлакам бепарво
Хокбозӣ мекард,
Обу гил дар дасташ,
Одамсозӣ мекард…

Ман бари ҳамсари худ афтидам
Ва ба чашми сари худ медидам,
Ки зи дунё ғофил духтаракам мерахшид,

Тори сар ахтаракам мерахшид,
Яъне, он гуна, ки буд,
Нури кошонаи ман барҷо монд,
Зеби афсонаи ман барҷо монд!

Лек боз…
Дидам он гуна аён,
Бо азоби дилу ҷон –
Одам аз хонаи ман ноҷо рафт.
Гург дар хонаи ман барҷо монд.

*Субҳи 09.07.17*

## Ҳамгӯштӣ

Маро ҳамгӯштист ин даҳри дилҷӯ,
Шудем аз дасти ҳам афзун таҳу рӯ,
Ман ӯро тори сар кардам ҳама умр,
Маро бар хок охир мезанад ӯ…

## Рӯзи туро чу рӯзии худ рӯзнома хӯрд…

*(Ба ёди Акбар Саттор)*

*Замоне ба майдони рӯзноманигорӣ баромадӣ, ки кам касон ёрои майдондорӣ доштанд. Ва ин майдонро бо дилу рӯи кушод, азму иродаи нек ва қасду нийятҳои созанда пур кардӣ.*

*Собит намудӣ, ки рӯзноманигорӣ, пеш аз ҳама, фарҳанг аст, рӯ ба фарҳанг овардан аст, фарҳанг парвардану бо сухани рӯҳбахш дили фарҳангиёнро гарм кардан аст.*

*Сабақи деринро бозгӯ кардӣ, ки рӯзноманигорӣ мактаб аст, мактаби тарбияи кӯдакону наврасон, мактаби сохтани Инсон, Шаҳрванд, Ватандори фардост, иттилооти амиқу дақиқ аст, дилҳоро бо ахбори рӯшан бардоштан аст.*

*Нишон додӣ, ки рӯзноманигорӣ на худнамоишдиҳиву ҳангомахоҳӣ, на афюни ҷомеа, балки доруст, дармон аст, табобат аст, сиҳҳати дилу ниййят ва рӯҳу иродаи ҷамъият аст.*

*Рӯзноманигории харобкорро рад карда, ба рӯзноманигории созандаи одампарвару одамофар рӯ овардӣ.*

*Дар пешаи хеш пеш будӣ, ин пешаро соф тиҷорат не, маърифат кардӣ ва ҳамзамон садҳо нафарро кору нон, даҳҳо ҳазорро ғизои маънавӣ додӣ.*

*Оби Иттифоқи журналистон маҳз бо ту ранг гирифт (ва, бошад, ки он ҳамин сон иттифоқи созандаву бунёдкор бимонад, на ноиттифоқи ҳангомаҳои пурдаъво ва даъвоҳои пурҳангома).*

*Акбар будиву кори акбар кардӣ.*
*Ва машҳури ин мулку макон шудӣ.*
*Рӯзноманигори бономунишон шудӣ.*
*Рамзи рӯзноманигории имрӯзи Тоҷикистон шудӣ.*
*Бо дили софу ниййяти покат маҳбуби ҳамагон шудӣ.*
*Ёдат бахайр.*
*Корҳои акбарат поянда бод.*

Рӯзи туро чу рӯзии худ рӯзнома хӯрд,
«Шоҳона» хӯрд шоми турову «Сиёма» хӯрд;
Фарёдҳо аз ин вараќи хомахори умр,
Охир сари туро чу сари сабзи хома хӯрд.

## Маҳдудии барқ…

Дилам дар тирагӣ ғарқ аст, эй дӯст,
Нагӯӣ, зодаи Шарқ аст, эй дӯст;
Дар он шаҳри ҳамеша гарму рӯшан
Дигар маҳдудии барқ аст, эй дӯст.

## Ҷанг

Дар ҷанги беду бод
Сад барги сабзу тар
Беҷурму бехабар
Аз пой уфтод.

## Лонаи холӣ

Дарки он шӯру навое, ки дар ин хору хас аст,
Ба хазон дастрас аст.

## Ба дӯсти ғариб

Ба ғурбат дар дилаш ёди диёр аст,
Ба гӯшаш нағмаи боди диёр аст.

Дилу мурғи дилаш бедор ҳар шаб,
Яқин, то мурғфарёди диёр аст.

Агар бо дарди ширин мекунад кор,
Аҷаб набвад, ки Фарҳоди диёр аст.

Чи хуш рӯзе, биёяд, то бигӯем:
Ҳамон аҳли дилободи диёр аст!

* * *

Рахш Рустамро ба майдон мебарад.
Рахшро Рустам ба дастон мебарад.

Мебарад бар ӯ ҳама дунё ҳасад –
Ӯ ливои мулки Эрон мебарад!

Салму Тӯру Эраҷаш дар ёд нест,
Кинааш бар зидди Тӯрон мебарад.

Ҷанги девон мекунад девониаш,
Ҷовидон девон ба девон мебарад.

Ӯ намедонад, ки дар ин гирудор
Бахти ноҷӯраш Самангон мебарад…

## Намедонам, кӣ ҳастам ман…

Намедонам, кӣ ҳастам ман, чи ҳастам –
Ҳазину шодаму ҳушёру мастам,
Чу чашма софу гил-олуда чун рӯд,
Баланд аз кӯҳаму аз хеш пастам.

## Намози ман

Ё Раб, агарчи азми раҳи ҳаҷ накардаам,
Он бандаам, ки майли раҳи каҷ накардаам.

Сар бар замин набурдам агар, каф бар осмон,
Сарпасти сарбаланди ту будам дар ин ҷаҳон.

Н-овардаам ба масҷид агар вақти саҷда рӯй,
Бо фикри саҷда масҷиди ман буд чор сӯй.

Бар ҷонамоз агар набувад ҳам ниёзи ман,
Ин ҷони пок буду бувад ҷонамози ман.

Чун зоҳидон таҳорати ман нест аз риё,
Аз хуни сидқ покаму аз ашки тавбаҳо.

Тасбеҳи ман на воситаи макру ҳилат аст,
На худнамоӣ асту барои ҷамоат аст,

Тасбеҳи ман зи риштаи ҷони амонат аст,
Аз донаҳои ашки вафову муҳаббат аст!

## Каъбаро пеши ман оред…

Қаҳр аз қаҳри дилам ин ҳама қоҳир бошад,
Фахр аз фахри дилам ин ҳама фохир бошад.

Нест бе зӯри дилам зӯр ба сарпанҷаи зӯр,
Зӯр аз зӯри дилам ин ҳама қодир бошад.

Ҳама парвоз бувад пайрави парвози дилам,
Мушти пар аз пару болам ҳама тоир бошад.

Пур зи оғоз бувад олами беохир, лек
Пеши оғози дилам он ҳама охир бошад.

Дили шаффофи ман аз дида ниҳон аст, вале
Бин ба дилгуна сиришкам – ҳама зоҳир бошад.

Ҳарфи дилгиру парешон ҳама эҳсос шавад,
То ки як сатри тари дафтари шоир бошад.

Боварам ҳаст – нагунҷад ба ду дунё, эй дил,
Он қадар хотираҳое, ки ба хотир бошад!

Ҳарфи беруншуда аз сина куҷо роз бувад,
Ҳамбаҳои сар агар нест, куҷо сир бошад.

Он қадар дар дилу дар дида Худо дорам ман,
Каъбаро пеши ман оред, ки зоир бошад!

## Низоми дил

Агар шӯру қиёми дил набошад,
Низоми бардавоми дил набошад.
Низоми зиндагӣ як дам напояд,
Агар як дам низоми дил набошад.

## Аҳд

Аз фузунхоҳ – беши шайтонӣ!
Ҷуз ками эзадӣ намехоҳам!
Некии ман ба зиндагӣ ин аст:
Ба ягон кас бадӣ намехоҳам!

## Пушти пури ман

Ман мурғаки боғи умру ту – лонаи ман,
Ман тифлаки қиссаву ту – афсонаи ман,
Дар ҷабҳаи гирудори қисмат умре
Пушти пури ман ту ҳастӣ, эй хонаи ман!

## Деҳа

Сабдазорӣ –
Чун нигоре
Соябоне бар сарат дар ҳар куҷо як сабда[1] дорӣ.

Сабдаҳоят чун сабадҳост
В-ин сабадҳо,
Бемуҳобо,
Ошёни мурғакони хушпару хушболи дилҳоянд!
Лек аз наздик ҳар гоҳе бибинӣ,
Села-села
Дар сабадҳои ту доим
Кӯдакони содаат –
Он мурғакони хушпару хушболи ту ҷоянд!

Нест боке ҳам туро аз заҳри гармоҳои беҳад,
Чунки дар ҳар сабдаи худ
Подзаҳри соя дорӣ як сабад!

[1] Сада, сабада; дарахти маълум, ки сабади сарнагунро мемонад.

## Мурғи дил

Мурғи зирак ба авҷи гардун рафт,
Мурғаки сода зери тоқӣ монд…
Қафаси синаам калон шуд, лек
Мурғи дил кӯдакона боқӣ монд.

## Ҳазорон роз гуфтем…

Ҷаҳониву ҷаҳонсозӣ ту, эй зан,
Ба ҳар анҷом оғозӣ ту, эй зан,
Ҳазорон роз гуфтем аз ниҳодат,
Валекин боз ҳам розӣ ту, эй зан.

## Гулафзо

*Ба Г.Савриддинова*

Ту дилбар будиву андешаи дилдор ёрат буд,
Ту марди кор будиву хаёли кор ёрат буд.
Агар тифлони худро чун ниҳолон бору бар додӣ,
Ниҳолонро чу тифлони худ ангези самар додӣ.

Буд андар размы ҷонӣ, бо ҳамон расми дилафшонат,
Хаёли ёр умре бо хаёли кор дар ҷонат,
Самимӣ дил ба ёру даст бар кори Ватан будӣ,
Ватан даркор будат, низ даркори Ватан будӣ.

Туро роҳи қаламрав кай фақат як роҳи манзил буд,
Раҳи дил буду ҳар як роҳрав дар он чу як дил буд,
Наояд бар диле то санги раҳ, бо меҳру дилтангӣ
Натанҳо санг, кардӣ дур аз раҳ расми дилсангӣ.

Агар оби зулоли чашмае дар кӯҳ кам мешуд,
Ду чашми обият чун чашмаи хушкида нам мешуд.
Ниҳоле гар зи боди беғамӣ дар боғ хам мезад,
Ниҳоли орзӯят дар дили пурдоғ хам мезад.

(Чуноне мешавад аз абр гоҳе роҳи Маҳ баста,
Аҷаб не, буд роҳат сӯи хона гоҳ-гаҳ баста…
Ту бо тамкин ба сӯи ёр кардӣ даркушоиҳо,
Бишуд ёрӣ музаффар, нобаҷо шуд «Дар куҷоӣ?!»-ҳо.)

Туро, чун мондаӣ аз дил нишонҳо дар Ватан афзун,
Ватан аз дил барои рӯи дил лоиқ нишонҳо дод.
Гуле кай костӣ дар умри худ аз боғу гулшанҳо,
Гулафзо будиву мондӣ, гулафзоӣ ҳалолат бод!

**Осмондара**

Эй зеби осмон,
Эй осмондара,
Аз гулситораҳо
Як гулфишон дара,
Болу хаёли ёд
Чун боли шабпара
Ҳар шаб маро зи нав
Сайри ту мебарад…

Ҳар шаб туро зи ҷон
Ҳамрози дил кунам,
Аз ҳусни Моҳи ту
Пардози дил кунам,
Садҳо ситораро
Ҳамрози дил кунам,
Бар бекаронаҳо
Парвози дил кунам…

Пурнури дил шавам
Аз бурҷу бораат,
Маҳро кунам ба гӯш
Чун гӯшвораат,

Бахшӣ шарораам,
Бахшам шарораат,
Бошад, ки мониам
Бар авҷи хештан
Чун як ситораат…

**Дили ман, ёд бодат…**

Дили ман, ёд бодат он ҳама пар боз карданҳо,
Ба авҷи осмони орзӯ парвоз карданҳо;

Басо оғозро ҳар дам ба шавқ анҷом доданҳо,
Басо анҷомро бо шавқи нав оғоз карданҳо;

Зи сад мижгону сад бухтон дамодам тир хӯрданҳо,
Сареро дар набарди неку бад сарбоз карданҳо;

Зи сад ҳусне, ки маснӯъист, бепарво гузаштанҳо,
Ҷаҳонро садқаи як ҳусни бепардоз карданҳо;

Фараҳро дар набуданҳош бераҳмона куштанҳо,
Нигаҳро дар расиданҳош пойандоз карданҳо;

Ба зери беди маҷнун сарфароз аз ишқ буданҳо,
Ба як лайливаше аз шарм сархам роз карданҳо;

Ба ҳар овоза гӯши ақлро бебок бастанҳо,
Ба сӯи ёри дил бебокдил овоз карданҳо;

Зи нозе мурдану ҳар дам зи нозе зинда гаштанҳо,
Ҷаҳонро бори дигар садқаи як ноз карданҳо;

Ба рағми ин нишастанҳову дил бар хок бастанҳо
Дили ман, ёд бодо он ҳама парвоз карданҳо!

## Нону имон

Меҳрпарвар дил бихоҳам баҳратон,
Дилкушо манзил бихоҳам баҳратон,
Бовафову босафо фарзандҳо,
Оқилу комил бихоҳам баҳратон,
Лек, ёрон, пеш аз ин баҳри шумо
Дар дили пурмеҳр дорам як дуо:
Хонатон ҳаргиз тиҳӣ аз нон мабод,
Ҷонатон бе шуълаи имон мабод!

Дардҳо аз ҷонатон берун шавад,
Баҳратон озодагӣ қонун шавад,
Бахтатон дар зиндагонӣ кам мабод,
Ишқатон бар зиндагӣ афзун шавад,
Лек, ёрон, пеш аз ин баҳри шумо
Дар дили пурмеҳр дорам як дуо:
Хонатон ҳаргиз тиҳӣ аз нон мабод,
Ҷонатон бе шуълаи имон мабод!

Зиндагонӣ бод бар коми шумо,
Хуштарин айём – айёми шумо,
Бошад андар ин ҷаҳони нангу ном
Аз накӯӣ ҷовидон номи шумо,
Лек, ёрон, пеш аз ин баҳри шумо
Дар дили пурмеҳр дорам як дуо:
Хонатон ҳаргиз тиҳӣ аз нон мабод,
Ҷонатон бе шуълаи имон мабод!

* * *

Ҳарчанд фароҳам бикунад зиндагӣ имкон,
Дар ҳар дару кӯ нест маро зиндагӣ осон;
Сад шаҳри азим аст, вале нест Душанбе,
Сад кӯҳи баланд аст, вале нест Бадахшон.

## Зинда бодо!

Диёри дилписандам зинда бодо,
Баланди сарбаландам зинда бодо,
Самарқанду Бухоро моли ёданд,
Душанбею Хуҷандам зинда бодо!

## Хотира

Дар фикру ёди тираам мондаст танҳо хотира,
мондаст танҳо хотира.
Ман бемуҳобо мешавам охир саропо хотира,
охир саропо хотира.

Дарди маро дармон намонд, дар ман хаёли ҷон намонд,
дар ман хаёли ҷон намонд,
Бигрифта ин дам ҷои ҷон дар ҷисми ман ҷо хотира,
дар ҷисми ман ҷо хотира.

Оварда ғун моли беҳин, дорад касе ҳоли беҳин,
дорад касе ҳоли беҳин,
Ман ҷамъ кардам гӯиё аз моли дунё хотира,
аз моли дунё хотира.

Ман хӯрда чун сероб себ аз дилфиребон сад фиреб,
аз дилфиребон сад фиреб,
Мондаст дар ҷону дилам аз ҳар фиребо хотира,
аз ҳар фиребо хотира.

Худро лаби дарё барам, гӯям ба дарё бингарам,
гӯям ба дарё бингарам,
Аз пеши чашмам бигзарад монанди дарё хотира,
монанди дарё хотира.

Як бесару бепо будам, чун коҳ дар саҳро будам,
чун коҳ дар саҳро будам,
Он сон парешам мондааст чун коҳи саҳро хотира,
чун коҳи саҳро хотира.

Аз ину он гӯяд ба ман, сад достон гӯяд ба ман,
сад достон гӯяд ба ман,
Андар вуҷуди сокитам шуд марди гӯё хотира,
шуд марди гӯё хотира.

## Қиссаи як шаб

Як ними шаб ба ҷанги ману хоб даргузашт,
Ними дигар – ба ҷустани хобе, ки барнагашт.

## Танҳо

Дар ҷаҳон бо ҳамаву бе ту чунон танҳоям,
Ки Худо донаду ман худ, ки чи сон танҳоям.

Ҳамчу як қатраи ашкам сари мижгони ғариб,
Ҳамчу дар хони гадо пораи нон танҳоям.

Андар ин боғ, ки дӣ баргу наво дошт фузун,
Бенаво ман, ки чу як барги хазон танҳоям.

Начмаму начми фузун боз ба паҳлӯ дорам,
Дар аён бо ҳамаам, лек ниҳон танҳоям.

Гарчи дар гӯшаму ангушт, мадон хушрӯзам,
Ҳамчу як зарра зари канда зи кон танҳоям.

Кас надонад, ки чи сону ба куҷо афканадам,
Тираму дар дили бедарди камон танҳоям.

Ғуссаҳо бешумару тезтар аз дандонанд,
Чун забонам ману дар ҳабси даҳон танҳоям.

Лоуболона фишонад абад аз ман доман,
Ҳамчу як лаҳза ба саҳрои замон танҳоям.

Барфи пирӣ ба дилам рехтаву сарддилам,
Нигарон аз паси он умри ҷавон танҳоям.

Ҳоли ман бин ту дар ин олами берӯҳ чунин:
Дар тани хаставу афгор чу ҷон танҳоям.

Аҳли маҳфил баҳаманд ин даму фориғ зи ғаманд,
Ман чу он сӯхтадил шамъи миён танҳоям.

Айб дар ҷумла касон нест, касон маъзуранд,
Айб дар банда, ки бо ҷумла касон танҳоям.

* * *

Гар яке дарбадар овораи туст, эй Ватанам,
Дигаре дар бару ҳамбораи туст, эй Ватанам,
Ҳама як бахшату як пораи туст, эй Ватанам,
Чорасози туву бечораи туст, эй Ватанам.

Ҳама пайванди ту як зарра туро бо худ бурд,
Аз ҳавои ту туро ҳамчу ҳаво бо худ бурд,
Байни ғавғои ҷаҳон ҳамчу садо бо худ бурд,
Гияҳи меҳри туро ҳамчу даво бо худ бурд.

Бо яке рӯи ҷаҳон савту сурудат ҳам рафт,
Бо дигар баҳри ҷаҳон пайку дурудат ҳам рафт,
Дар дилу дидаашон буду набудат ҳам рафт,
То ба ақсои ҷаҳон ҳадду ҳудудат ҳам рафт!

Рафта бар даҳру ҷаҳондида чу фарзанд шудӣ,
Бо ҷаҳон боиси фарзанд ту пайванд шудӣ,
Кай ба маҳдудаи худ баставу побанд шудӣ? –
Бо бузургии дилу рӯҳ ту садчанд шудӣ!

Як дили пур зи нишоту ғами мой, Ватанам,
Нусхаи ҷовиди бешу ками мой, Ватанам,
Ҳама ҷову ҳама дам ҳамдами мой, Ватанам,
Ҷузъи ин оламу худ олами мой, Ватанам!

**Мусофирмардикор**

Аз уфуқ то бар уфуқ
Рӯйдоде
Ё ки бедоде
Мекунад ҳар дам дилашро зиқ.

Абраке чун нома метобад,
Лек, чун мехоҳадаш бар каф бигирад,
Мешавад дар дидааш борону
осоре аз он дигар намеёбад.

Суҳбати ёрон
Барояш нури умед аст,
Шодии дидорашон – аз сад ғизо афзун,
Интизорӣ лек
Саддаста дилашро мекунад хун.

Раҳнамунаш
Роҳҳои зери ин шаҳри азим аст,
Ҳамраҳонаш
Сад нажоду сад забони тозаэҷоду қадим аст.

Бенасиб аз хуш ҳавои боғ,
Мебарад аз боғ партови дигарҳоро;

Баҳри рӯди бозгашти хеш
Меканад ҷӯи умеди хешро
Дар кӯҳу дашти сарнавишти хеш.

Нозҳои хоҷааш бадрӯ-ст,
Лек меъёри бақои ӯст.
Бори қисмат мебарад ӯи мусофир –
Бори ду сар рӯи дӯшаш,
Ду забон андар даҳонаш,
Бори ду ҳосил ба нахли ормонаш.

Сар бувад шабҳо ба рӯи хишт ӯро,
Дур мебошад раҳаш то манзиле,
К-он ҷо
Рӯи ҷогаҳ интизорӣ мекашад
Нармиву гармии як болишт ӯро.

Шаб ба ҳасрат мешавад бедор:
Ҷои ду сар боз рӯи хиштболишташ бувад як сар;
Ҷои ашке рӯи болишташ аён,
Аммо
Ҳамчу ҳалқи ӯ бувад хушк
Ҷои як ашки ғаму шодии дигар…

* * *

Бо Ватан сахт чу вобаставу пайваста манам,
Ҳар куҷое биравам, баҳри дили худ ватанам.

Ҷисми ман дарбадару рӯҳи ман андар Ватан аст,
Кай ғарибам, ки ба ҳар ҷо Ватани хештанам.

Чашм кандам агар аз рӯи хушаш, маҷбурам,
Нафасе аз ғами ширини Ватан дил наканам.

Моҳиям, оби Ватан нест агар, хок шавам,
Кафтарам, бол бирӯяд зи ҳавояш ба танам.

Дарди ман ӯст фақат, талх бувад гар комам,
Вирди ман ӯст фақат, гоҳ чу шириндаҳанам.

Оби ман ӯст, ки ман рӯд наям, маҷроям,
Асли ман ӯст, манаш зоҳираму пираҳанам.

Бидиҳад рангам агар, об диҳам рангашро,
Бизанад сангам агар, орзуи дил шиканам.

Дар ғарибӣ ба сарам ояд агар рӯзи сиёҳ,
Аз қазо кош расад абри сафедаш кафанам.

Ку тавоне, ки кунам бо сухане тавсифаш,
Ӯст дар сафҳаи ин даҳр тавоно суханам.

* * *

Ман некро ба раъйи касон бад нагуфтаам,
Якро барои нафъи худам сад нагуфтаам.

Пайғомбартарош басо дид чашми ман,
Касро аз он миёна Муҳаммад нагуфтаам.

Онро, ки бесарона сари кор омадаст,
Аз тан равад сарам, ки саромад нагуфтаам.

Ҷуз оби рӯи хешу ҷуз обичаҳои даст
Ман ганҷи ғайрро хушу сармад нагуфтаам.

Аз ганҷҳои рӯи ҷаҳон ҳеҷ ганҷро
Ҷуз ишқи пок давлати беҳад нагуфтаам.

Як умр сӯи қиблаи дил саҷда кардаам,
Ҷуз сӯи нахли нози қаде қад нагуфтаам.

Охир хушам ба лаҳзаи рафтан, ки солҳо
Хуш гуфтаам, валек хушомад нагуфтаам.

## Рӯзҳоро розҳо кардам…

Рӯзҳоро розҳо кардам,
Сӯзҳоро созҳо кардам.

Аз ғами мозӣ нагуфтам ҳеҷ,
Тоқати ғаммозҳо кардам.

Заҳмати анҷомро эй бас
Лаззати оғозҳо кардам.

Хорро ангоштам гулхор,
Аз адӯ анбозҳо кардам.

Вожаҳоро ғозаҳо дидам,
Шеърро пардозҳо кардам.

Туғралу Шоҳин набудам, лек
Кӯшиши парвозҳо кардам.

Ширхора тифли шеърам ман,
Узр, агар гаҳ нозҳо кардам.

Чун кабӯтар, нома дар минқор,
Ҳампарии бозҳо кардам.

Ҳар куҷо дидам гаронгӯшӣ,
Сӯи худ овозҳо кардам.

## Ҳама умр

Баланду пасти худ будам ҳама умр,
Шикасту басти худ будам ҳама умр,
Мадори пои ман дар дасти ман буд,
Асои дасти худ будам ҳама умр.

## Ашкрез

Мо дар раҳи умр бояд изе монем,
Дар хотирагоҳи даҳр чизе монем,
З-он пеш, ки ҳамчу ашк резем ба хок,
Бояд сари хок ашкрезе монем.

## Чу Кайхусрав…

Гар туӣ дар роҳи дил, монанди он раҳрав бирав,
Гар равӣ аз хусравӣ, монанди Кайхусрав бирав.

## Ҳар он ки…

Раҳбар нашавад, ҳар он ки дар роҳ афтод,
Ҳамдил нашавад, ҳар он ки дилхоҳ афтод,
Маҷнун нашавад, ҳар он ки Лайлое ёфт,
Юсуф нашавад, ҳар он ки дар чоҳ афтод.

## Бисёр

Аз бода бабодрафтагон бисёранд,
Дар дида зи ёд рафтагон бисёранд.
Бо қуллаи мансабу насабҳои баланд
Дар чоҳи фасод рафтагон бисёранд.

## Оина

Оина, туро азбас
Ростгӯӣ оин аст,
Бингарам чу бар рӯят,
Чеҳраат пур аз чин аст.

## Пирӣ

Даҳони чу халта тиҳӣ з-устухон,
Пур аз устухон халтаи пӯсташ.

## Бозии маргу зиндагӣ

Бо хазон бод мекунад бозӣ,
Бозии маргу зиндагӣ ин аст…
Уфтода хазону мехезад,
Зиндагӣ сахт, сахт ширин аст!

## Лах-лах

Дилам аз сардии дил ях шуд охир,
Зи тарси гурги дунё шах шуд охир,
Кашокашҳои дунё дида афзун,
Зи дасти зиндагӣ лах-лах шуд охир.

## Хазон

Ман ҳамон будам,
ки аз пайдоиши як барги сабзи навбаҳорон
метакид аз тору пуди хеш ранги зард.
Ман ҳамон ҳастам, ки дигар
дарза-дарза баргҳои сабзи доллар низ
сарсабзаш нахоҳад кард.

## Санг агар сабзад…

Сабзаи фасли хазонам кай дигар сабзад,
Санг месабзад ба гӯрам, санг агар сабзад!

## Орзӯ

Дар ҷавонӣ ақли пирӣ
Буд доим пуштбонат,
Гоҳи пирӣ кош бошад
Пуштбон зӯри ҷавонат!

## Лаҳзаҳо

Накӯ нахли умеди он касе руст,
Ки бори зиндагӣ аз лаҳзаҳо ҷуст,
Чу марги лаҳзаҳои умр охир
Бидуни шубҳае, марги ману туст.

## Якрангӣ

Ҳоли мо бо ҳоли ёрон як бувад,
Рӯи дарё нақши борон як бувад.

## Катибаҳо

*Дар дандон*

Ҷаҳон дорӣ агар, чандон надорӣ,
Даҳоне гар пур аз дандон надорӣ!

*Дар шиша*

Дил пур аз хуну чеҳра гулгунем,
Шиша, то пурмай аст, хушранг аст.

Шишаам, ки то мурдан
Интизори сангам ман.

Диҳадат носеҳ агар аз зарари мино панд,
Даҳани шиша кушову даҳани ӯро банд!

### *Дар теша*

Шоиро, з-ин пас сухан аз тешаи Фарҳод бас,
Ишқи Ширин канд ҷӯро, тешаи Фарҳод не!

### *Дар фарсангсорон*

Мапаймо раҳи рӯ, бишав рӯи роҳ,
Раҳо шав зи моҳӣ, раҳӣ шав ба моҳ!

### *Дар чароғ*

Зибаски тиратар аз рӯзи ман танҳо шаби тор аст,
Маро беш аз чароғи шаб чароғи рӯз даркор аст.

### *Дар пушти акси худ*

Аз ҷавонии худ зи худ рафтам,
То ба худ омадам, ки пир шудам.

### *Дар тозиёна*

Рӯҳонӣ офтобе ку, то бикӯбад аз ҷон
Бар фарқи зулмати дил бо тозиёнаи нур?!

### *Дар кӯрпа*

Поро ба қадри кӯрпаи худ дароз кун,
Чени ниёзи зиндагии хеш ноз кун.

### *Дар бухорӣ*

Мо ҷониби рӯи гарм биштофтаем,
Аз гармии рӯ гармии дил ёфтаем.

*Дар тоқӣ*

Сари сабзат таҳи тоқӣ бошад,
Ёри ҷон, умри ту боқӣ бошад!

*Дар гулдаста*

Худоё, маро ҳамдами ёр кун,
Варо кардаӣ гул, маро хор кун!

*Дар куртаи тифлӣ*

Орзӯҳо чу куртаи тифлист,
Мо дар онҳо дигар намегунҷем.

*Дар соат*

Бо ҳама шодӣ он замон бигзашт,
Бо ҳама ғусса ин замон омад.

*Дар курсии ҷоҳ*

Юсуф, ки баҳри ҷоҳ Худош офарида буд,
Аз қаъри чоҳ раставу бар авҷи ҷоҳ рафт.

*Дар санги чашма*

Дар биёбони ташнагӣ, валло,
Оби боқӣ хуш аст аз оби бақо!

*Дар асобағал*

Аз пайи пошикастагон бидавӣ,
Охири кор пошикаста шавӣ!

## Соя

Гӯиё рафт ӯву соя бимонд,
Ҳар ки дидаш, надиду соя бихонд!

## Дуздӣ

Чу аз дуздӣ ҳисоби давра шуд гум,
Алам шуд дар лабон дуздӣ табассум!
Чунон маъруф шуд дуздӣ ба даврон,
Ки соли хеш медузданд мардум!

## Эй рӯсабӣ…

Он гуна, ки рахшандаву бехоб туӣ,
Эй рӯсабӣ, асли кирми шабтоб туӣ;
Хоки сияҳ аст қисмату бахти бадат,
Дар хоки сиёҳ ганҷи ноёб туӣ.

## Хатоҳое кунам…

Агар бори дигар оям ба дунё,
Нахоҳам кард ин гуна хатоҳо!
Хатоҳое кунам нав-нав, ки гӯянд
Хатоҳои куҳан астағфирулло!

## Панд

Аз лаби мӯри донакаш хондам:
Зиндагӣ меҳнат аст, роҳат нест.

## «Манам Зебо…»

*Руҷӯи Ҳунарпешаи халқии СССР Зебо Аминзода*

Чу аз модар ба дунё омадам Зебо,
Ба чашми дил маро зебо ҳама дунёи ҳастӣ буд,

Таманноям дар ин дунё
Фақат зебопарастӣ буд.

Тамоми умр, аз ин рӯ,
Дили зебопарасти ман
Пайи пиндори зебо буд,
Пайи гуфтори зебо буд,
Пайи кирдори зебо буд;
Паси сар карда ҳар зиштии дунёро,
Дили зебопарастам
Аз пайи осори зебо буд…

Ватан,
Эй тоҷбарсар кишвари афсонавии ман,
Накардам дар канорат хонаҳо обод,
Накардам дар баҳорат боғҳо бунёд,
Намондам хатти роҳе рӯи саҳроят,
Пуле – болои дарёят;
Нашуд пайванд
Бо дастони ман
Ду кунҷи аз ҳам дури як саҳро,
Ҷудо ду соҳили муштоқи як дарё…

Вале шодам,
Ки умре аз ҳунар роҳе ба сӯи халқ бикшодам,
Басо парвози рӯҳашро,
Басо эъҷози рӯҳашро
Аён бар даҳр бинмудам,
Самимӣ костам аз дил,
Самимӣ костам аз ҷон,
Ба завқи халқ афзудам…

Ба дасти пуртавони санъатам умре
Намудам хонаҳои маънавӣ обод,
Намудам боғҳои маънавӣ бунёд,

Намудам роҳу пул барпо
Миёни дидаву дилҳо…

Ба рақси рамзи парвози дилам
Дар рӯҳи халқам мондаам осор,
Агар саҳни Ватанро не,
Намудам саҳнаашро аз ҳунар гулзор…

Ба шукри рӯҳи волову дили зебописандат,
эй Ватан, ин дам,
Ба поси завқу илҳоми баланду бегазандат,
эй Ватан, ин дам
Бимон, гулдастаи навбастаам
аз рақси дил
бошад нисори ту,
Бимон,
як зарра афзояд гули рақсам
Ба ҳусни навбаҳори ту,
Ба фасли пургули авҷу барори ту!

**Давлатманд**

Пур аз афроди давлатманд дунёст,
Ба дашти ташна давлатманд дарёст,
Ба сад овоз давлатманд гӯёст,
Вале овози Давлатманд яктост!

**Ба Кароматулло**

Басо буду набуде монд аз ту,
Ба ҳар гӯше суруде монд аз ту,
Кунад шодоб мулки синаҳоро,
Суруде ҳамчу рӯде монд аз ту.

Ту хомӯшиву меояд садоят,
Фиғонат, хандаҳоят, гиряҳоят,
Агар рӯди ҳаётат хушк гашта,
Сурудат монда – рӯди пурнавоят.

Намегӯям, ҷаҳон барбод додат,
Ки дар ҳар ҷону дил барҷост ёдат.
Дили моро бидорад шоду ношод
Садои ҷовидон ношоду шодат.

### Сарпасти сарболо

Дар ин дунё чу худ дунёстам ман,
Зи дунё хостан бархостам ман.
Маро аз пасту боло ҳосил ин аст:
Яке сарпасти сарболостам ман!

### Талху ширин

Аз ҷаҳон моро ҳамин оин бас аст,
Ҷоми талху дилбари ширин бас аст!

### Рӯди дигарон

Зарарҳои ту суди дигарон шуд,
Сари пастат сууди дигарон шуд,
Аё тоҷик, арақҳои ҷабинат
Ба кишти ғайр рӯди дигарон шуд.

### Осоиш

Донӣ, ки чист, эй дӯст,
Осоиши ду дунё –
Не дарди гӯш бошад,
Не гӯшвори тилло!

* * *

Зиндагонӣ азобҳо дорад,
Об дорад, саробҳо дорад.

Чун китобест рӯшану link мармуз,
Аз шабу рӯз бобҳо дорад.

Аз амалномаи баду некаш
Ҷилд-ҷилди китобҳо дорад.

Аз қади кӯзапушту сарвқадон
Бас саволу хитобҳо дорад.

Ҳамчу бахре, ту гӯӣ, ором аст,
Ҳамчу дарё шитобҳо дорад.

Нест танҳо зи зоҳирободон,
Боз ботинхаробҳо дорад.

Асли рӯяш надид инсоне,
Гуна-гуна ниқобҳо дорад.

**Поёни «Китоби сурх»**

Ман чу мебинам, ки обу моҳии оби диёр
Аз ҳарисиҳои ман ҳар лаҳза камтар мешавад,
Моҳидони чашмҳоям мешавад аз нав пуроб,
Моҳиёни мардумаш аз нав шиновар мешавад.

Дар чарогоҳи баланде, ки замон номаш бувад,
Гӯсфанди раҳм ақламро чарида безамон,
Гӯсфанди раҳми ман ҳам баъд аз ин бечора аст,
Гурги бераҳмии ман онро дарида безамон.

То гули бахтам шукуфад чун гули рӯбаҳ мудом,
Рӯбаҳи макрам ҳамора дум ликонда ҳар куҷо.
Мурғбирён хурдаам, хушвақт аз рӯзии хеш,
Мурғаки бахтам ҳамора ҷон фишонда ҳар куҷо.

Мӯрро ҳам ман надидам дар ҷаҳон бо чашми кам,
Дони умрамро кашонад қудрати мӯрам яқин.
Баски омад бешумар бар хонаам неши асо,
Бар дилу ҷоне халида неши занбӯрам бибин.

Пеши ину он зи тарси ҷони худ дар ларзаам,
Оҳуи тарсам ба ҷону дил нуҳуфта аз азал.
Бахти ман кай мешавад бедор аз хобаш дигар,
Хирси хоболудиам дар сина хуфта аз азал.

Гар насозам сер ман оҳуи чашмамро, яқин
Монад аз оҳу фақат оҳуи тарси ман нишон,
Ҳирси худро гар насозам ман ғуломи хештан,
Монад аз хирси ҷаҳон як хоби хирси ман нишон.

Гурги бераҳме намеёбад зи чанги ман раҳо,
Гурги бераҳмӣ бимонад дар дилу ҷонам фақат.
Дар чарогоҳи замона як замон монад нишон
Гӯсфандӣ чашми ман аз гӯсфандонам фақат.

Хонаи занбӯр дар дунё намонд аз дасти ман,
Неши занбӯре куҷо, неши забон монад дигар,
Як замон бо ёди мӯре ҳам дилам гум мезанад,
Мӯри чашмам аз ҳама мӯрон нишон монад дигар.

Ман, ба ин ҳирсе, ки дорам, мебарам охир фурӯ
Ҷумлаи ҳайвони дунёро ба коми хештан,
Худ ҳамемонам ба пеши хеш танҳо як замон,
Меравам балки фурӯ худ ҳам ба коми хеш ман.

## Дар ҷангал

Зиндагӣ ҷангали зебое буд,
Ки аз он зуд гузаштем,
Ки аз он зуд гузаштему пушаймон мондем,
Кош, монанди дарахтон
Ҷовидон реша дар он мерондем!

## Бозёфт

Ғамам то ҳаст, ғамхоре биёбам,
Камам бо хеш, бисёре биёбам.

Сари кас бе сари коре чи бошад,
Саре дорам, сари коре биёбам.

Диле дорам, ба дилдоре бибахшам,
Баҳояш то ки дилдоре биёбам.

Дар ин торам маро хуш зулфи торест,
Дар ин торам аз он торе биёбам.

На ман озурдаи озори ёрам,
Зи ҳар озораш осоре биёбам.

Ғараз он аст аз ин дасту аз ин по,
Ки ҳамдастии подоре биёбам.

Зи ҳар море ба беморе давое,
Зи ҳар хоре гули хоре биёбам.

* * *

Коре, ки кардаам ман, бо ман накарда душман,
Ҳам рӯз кардаам кӯр, ҳам вақт куштаам ман.

Ҷонрову ақлро кас кай созгор дида,
То ақл медарояд, ҷон мебарояд аз тан.

Чашмони равшани ман бошанд равзани ҷон,
Ҷон меравад зи манзил, пӯшида ин ду равзан.

Чун хонаҳои чашмам равшан набуд хона,
Торик гардад охир ин хонаҳои равшан.

Аз душмане мапиндор, аз ман бибин ту, эй дил,
Омад туро ҳар он чӣ, ё рафт ҳарчи бо ман.

## Сафедор

Гули армони ман дар ин замин хушкид,
Гиёҳи меҳри ман помоли кин хушкид,
Ба киштам ҳар чи буд аз ону ин, хушкид.
Ту мондӣ, як ту танҳо дар замини ман,
Сафедори баланди нозанини ман.

Давонда решаҳо дар ҷони ман, охир
Ба боғи ғайр рафта токи ман, бингар,
Ба коми ғайр бошад баъд аз ин дигар.
Фақат як ту ҳамониву ҳамини ман,
Сафедори баланди нозанини ман.

Ту умре барқгардони ману мой,
Паногоҳи дилу ҷони ману мой,
Худ ободиву вайрони ману мой.
Дарахти сабзҷони меҳру кини ман,
Сафедори баланди нозанини ман.

Баландӣ, аз ҷаҳони тира болой,
Зи нури офтобӣ поки тиллой,
Саропо нурборӣ, нурполой.
Дарахти рӯшани нурофарини ман,
Сафедори баланди нозанини ман.

Ба паҳнои само наҷво кунӣ умре,
Нигаҳ бар вусъати дунё кунӣ умре,
Ба дуродурҳо имо кунӣ умре…
Аё сарбарфалак, побарзамини ман,
Сафедори баланди нозанини ман.

Ба боло рафтанат ҷуз рост рафтан чист?
Ба боло рафтанат ҷуз рост рафтан нест!
Дар ин дунёи каҷ ин гуна бояд зист.
Ба рағми каҷравон андар камини ман,
Сафедори баланди нозанини ман.

Қимоб аст ин замон аз ростӣ чандон,
Ки набвад ростӣ, аз ростӣ, осон,
Ҳаметарсам, ки рӯзе мешавад, эй ҷон,
Зи дасти рост холӣ остини ман…
Сафедори баланди нозанини ман.

Дар ин ҷо пир худро навҷавон гирад,
Замин худро баланд аз осмон гирад,
Хасу хоре худашро арғувон гирад.
Дурӯғ аст ин ҳама, эй ростини ман,
Сафедори баланди нозанини ман.

Басо паст аз баландии ту беёд аст,
Басо бодӣ вазон сӯи ту чун бод аст,
Бичаспандат ба дандону ба пову даст…
Биафзояд хати чини ҷабини ман,
Сафедори баланди нозанини ман.

Чи маҳкам дар раҳи бод истодӣ ту,
Ба рағми худ чи сон гаҳ дилкушодӣ ту –
Табарҳоро худ, охир, даста додӣ ту!
Намемирам аз ин ғам, офарини ман,
Сафедори баланди нозанини ман.

Чи мулке – фар бувад бандии фармонаш,
Чи қавме – рафта сӯзи пок аз ҷонаш,
Аловат мекунад дар як зимистонаш…
Дареғи ман, дареғи сарзамини ман,
Сафедори баланди нозанини ман.

* * *

Ҳайфи он субҳе, ки танҳо бо ғами нон бигзарад.
Ҳайфи он шоме, ки дар талвосаи ҷон бигзарад.

Сайри кайҳон карда кайҳо дигарон, бозомаданд,
Он мабодо, ҳасрати мо ҳам зи кайҳон бигзарад.

Ғунча ҳар субҳе бигӯяд сурхрӯву сарбаланд:
Файзи бедорӣ, аё эй сахтхобон, бигзарад.

Пеши беморони даврон гӯ, ки он соат мабод,
То табиб аз ҷо бихезад, вақти дармон бигзарад.

Ғаррагонро гӯ ба худ бошанд, к-ин даври замон
Бар касон бигзашт, ҳам акнун бар эшон бигзарад.

Бо либоси хештан чандин мабол, эй ҷони ман,
Одамӣ ояд ба даҳр урёну урён бигзарад.

Ҳаҷр ҷонкандан бувад, гар ёр матлуби дил аст,
Марг мушкилтар шавад, гар умр осон бигзарад.

Ҳайфи он меҳмон, ки бо паймона паймонҳо кунад,
Чун хумораш даррасад, аз иззати хон бигзарад.

Ташнаро як коса об аз ҳавзи Кавсар бартар аст,
Қимати зар дар дукон аз арзиши кон бигзарад.

Ҷумла мавҷуде, ки инсон ояд аз модар нахуст,
Баъди гирудори умр, эй кош, инсон бигзарад.

* * *

Субҳ агар дод Худо, нуру сафо низ диҳад,
Бол агар дод туро, авҷи фазо низ диҳад.

Роҳ бар сӯи сафо гир дар ин субҳи сафо,
Ки ба дил қувват агар дод, ба по низ диҳад.

Гар ба чашми ту зиё дод, зи шукрона мапеч,
Гӯ дуо низ, ки бар қалб зиё низ диҳад.

Дастгират бишавад, дод агар дасти расо,
Дод чун пои равон, ризқи раво низ диҳад.

Пеши ҳар банда ба уммед макун сарро хам,
Сарбаландӣ биталаб, то ки Худо низ диҳад.

Пеши ҳар бесаре аз бекулаҳӣ нола макун,
Он Худое, ки сарат дод, куло низ диҳад.

Ману ту кардани мо баҳри талаб беҳуда-ст,
Гар маро дод Худованд, туро низ диҳад!

Эй дили хаста, ба уммеди саломат хуш бош,
Он Худое, ки диҳад дард, даво низ диҳад.

* * *

Аз азал дунё саропо огаҳ аст:
Ҷовидон аз лаҳзаҳои кӯтаҳ аст.
Маънии дунё чунон носода нест:
Одамӣ не, ҷовидон одамгарист.

* * *

Сано, эй роҳ,
Сано, эй роҳ,
Маро аз остон то остон бурдӣ,

Маро аз ростӣ то ростон бурдӣ,
Зи байни дуду оташ бурдиам, аҳсан,
Накардӣ гум маро,
Раҳгум нагаштам ман.

Гиреҳ кардам туро дар пои худ чун банди озодӣ,
Раҳи бадхоҳро бастӣ ту бар сӯям,
Ба сӯи дӯстон роҳам ту бикшодӣ.
Ту бурдӣ пешаму аз пеш рафтан кардиам огоҳ,
Ташаккур аз туву аҳсан туро, эй роҳ.

Намондам пой бар бероҳа ман ҳаргиз,
Накардам роҳбар бероҳаро бар хештан ҳаргиз,
Агар раҳгум задам гаҳ,
Ман гила аз хештан кардам,
Ту, эй раҳ, рост будӣ,
Боз ман рӯ сӯят овардам.

Чи хушбахтам,
Ки поям ошноят буд,
Сароғозат – ҳавас,
Сарманзили ишқ интиҳоят буд.

Сано, эй роҳ,
Сано, эй муъҷиби таъхири дилдорам,
Сано, эй дидаи чорам,
Барои бехалал пас бурданат ӯро зи кӯи ман,
Барои бозу боз оварданат ӯро ба сӯи ман.
Дили ман буд – бо ҳар зарби пояш дар барат мезад,
Дили ман ҳамраҳаш мерафту меомад.

Сано, эй роҳ,
Бурдӣ шубҳаҳоямро
Ва овардӣ умеди бебаҳоямро.

Равон бо ман бимон, эй роҳ, то бошад равон поям,
Маро бо ман расон дар кӯи дури орзӯҳоям.
Ва рӯзе дар барат гар роҳи умри ман ба сар ояд,
Бимон обод, к-аз пас боз афзун раҳсипар ояд…

* * *

Дилро барои ҷисми гарон болу пар кунам,
Бар лаб ғазал ба сӯи ғизолон сафар кунам.

То қуллаҳо равам, ки чу хуршед сарфароз
Бо чашми софи чашма ба дунё назар кунам.

Ин осмони кӯр набинад чу ҳоли ман,
Бо як ниҳеб гӯши варо низ кар кунам!

Аз оҳ сӯи ёр яке нома сар диҳам,
Аз кафтари хаёл яке номабар кунам.

Аз равзани ду дидаи саршори меҳри ёр
Бо чашми дил ба ботини покаш назар кунам.

Як шуъла аз рухаш ба дили сарди худ занам,
Ин шамъи мунҷамидшударо шуълавар кунам.

Чун ҷон зи ҳамдамии дил, эй ҷон, ба ҷон расид,
Дигар ҳамон беҳ аст, ки бе дил ба сар кунам!

Дил кофарест, ҳеҷ мусулмон намешавад,
Аммо мабод боз хаёли табар кунам!

Аз мову ман кунам самари меҳри дил талаб,
З-ин баъд тарки мову мани бесамар кунам!

* * *

Ман, ки сар бар авҷи гардун доштам,
Кай ғам аз писханди ҳар дун доштам.

Чун китоби нав набудам пурҷило,
Чун китоби куҳна мазмун доштам.

Ман набудам ҳеҷ гаҳ яксӯгарав,
Дидаи ҳақбин ба ҳар сун[1] доштам.

То надонад аз хазонрези дилам,
Пеши нокас рӯи гулгун доштам.

То зи хомӣ ворахам, умре чу май
Хешро дар хеш мадфун доштам.

Сӯхтам ман ҳам зи ишқи Лайлие,
Дар дилам ғамҳои Маҷнун доштам.

Дар ғами ширинрухе аз оби чашм
Ҷӯйҳо дар кӯҳу ҳомун доштам.

Худ надонам, дар хазонрези ҷаҳон
Ҷону дилро гулфишон чун доштам.

Доштам кай дар ҷаҳон хун бо касе,
Ҳар куҷо ёрони ҳамхун доштам.

* * *

Хешро як лаҳза гар гум мекунӣ,
Раҳраво, роҳи гузар гум мекунӣ.

Гар намеҷӯӣ худатро дар замин,
Дар само Шамсу Қамар гум мекунӣ.

---

[1] сӯ, ҷониб, тараф

Ҳар қадар пайдогарӣ назди касон,
Пеши бефарҳанг фар гум мекунӣ.

Офтоби синаат биншаст агар,
Рӯз ҳам роҳи сафар гум мекунӣ.

Медиҳад ё не камарбандат ҷаҳон,
Дар таҳи бораш камар гум мекунӣ.

Рустам, аз роҳи Самангон бозгард,
Рахш меёбӣ, писар гум мекунӣ.

Эй парасту, ҷонфидое чун ту нест,
Бо хаёли лона пар гум мекунӣ…

## Ғазали Фаластин

Фаластин,
Ашки талхи бар мижа яхбастаи таърих,
Нафасгармони дилсарди замон
Ҳар лаҳза
Обат мекунанд аз нав
Ва хунолуда ҷорӣ мешавӣ
Бар гунаҳои хастаи таърих.

Чу пеши модари дилхун
Ба пешат
Зиндагӣ ҳам
Мекунад гум сабру тамкинро,
Ки байни лолахун ёбӣ
Ҳамеша наслҳоят – тифлакони шӯхи гулчинро...
Худо дорӣ фақат,
Эй рӯи роҳи додгар биншастаи таърих.

Фаластин,
Хонаи бе бому дар,

Эй хони бенони замон,
Эй давлати бемарз ҷовидон,
Нигоҳи хаставу уммедворат бар самост,
Эй мурғи парбишкастаи таърих.

Ҷудо аз Ҳақ наӣ,
Эй бо ҳақиқат то абад пайвастаи таърих,
Биларзонанд ҳар гоҳе буну бехат,
Вале барҷост таърихат.
Харобободи ҷовидон,
Ту бо ободии ҷону дилат як умр ободӣ,
Ту дар дунёи озодипарастонат сарозодӣ,
Аё эй бандии ворастаи таърих.

Аё эй хок,
Эй дилчок,
Эй бебок,
Сано бар ҷони беҷисмат,
Сано бар ҷисми беҷонат,
Ки ҳастӣ кундаи қатли ҳавасҳои фаровонат
Ва то ҳастӣ,
Дарахти ноҳақиро то бурӣ аз бех,
Ту бо исёни бе анҷому оғозат
Ва бо фарёди бе овову овозат
Табар хоҳӣ шудан бар дастаи таърих.

## Офтоби Карбало

*Бар асари фоҷиаи Ироқ*

Эй сӯзи ҷонҳоро гувоҳ, эй офтоби Карбало,
Эй шоҳиди рӯзи сиёҳ, эй офтоби Карбало,

Аз чашми хунрези замон, аз теғи зулми беамон
Дар сӯзи дил бурдӣ паноҳ, эй офтоби Карбало!

Оне, ки ҷуз нураш набуд, як ришта бар нурат фузуд
Бо охирин оҳу нигоҳ, эй офтоби Карбало!

Яъқуби дар ғам мубтало, аз ашк чашмат камзиё
Бе Юсуфи дар қаъри чоҳ, эй офтоби Карбало!

Бо ӯ бигӯ, бо ман бигӯ, бефан бигӯ, рӯшан бигӯ:
Ку кинавар? Ку кинахоҳ? Эй офтоби Карбало!

Бикшо раҳи наззораро, огаҳ бикун сайёраро
Аз сабри кӯҳ, аз ҷабри коҳ, эй офтоби Карбало!

Ғам дар гулӯ, чин дар ҷабин, бошад, ба ин дорам яқин:
Бар ту гунаҳ мондан гуноҳ, эй офтоби Карбало!

Бо риштаи нурат ба сеҳр бодо танидан рахти меҳр
Кори ту дар ин коргоҳ, эй офтоби Карбало!

Аз сӯзи беҳад хастаӣ, дил бар нишастан бастаӣ,
Роҳат сафед, эй марди роҳ, эй офтоби Карбало!

Субҳат бишуд бо ғусса шом, розат нашуд аммо тамом,
Деҳ риштаи розат ба моҳ, эй офтоби Карбало!

…То ҷовидон дорад нигоҳ бар Карбало хуршеду моҳ
Ҳамчун ду чашми бепаноҳ, эй офтоби Карбало!

* * *

Эй раҳ, ба по зи қофилаи худ ҳикоя кун,
Эй по, ба раҳ зи обилаи худ ҳикоя кун.

Фарёдҳо зи силии моиндари ҳаёт!
Эй ёди модар, аз силаи худ ҳикоя кун.

Эй дил, ки бо замину замон ларза кардаӣ,
Бо ону ин зи зилзилаи худ ҳикоя кун.

Бо зулфи ёр, эй раҳи пурпечутоби ишқ,
Аз печутоби силсилаи худ ҳикоя кун.

Эй фасли гул, ки ҳамраҳи ту васли дил гузашт,
Бо восилат зи фосилаи худ ҳикоя кун.

Эй боғи пурхазони дил, инак, ба фасли дай
Бо боғи гул зи ҳосилаи худ ҳикоя кун.

Аз обу гил агар гиларо сода бишмарӣ,
Бар обу гил ту аз гилаи худ ҳикоя кун!

* * *

Кори боло буду бар кори бало туҳмат задем,
Амри қозӣ буду бар амри қазо туҳмат задем.

Куҳнаандарзи ниёро то ба гӯши ҳуши мо
Кардилӣ гуфто наё, мо бар ниё туҳмат задем!

Дода ҷо бар гӯши кар дар пешгоҳи мағзи сар,
Бин ту пастиро – ба пастии садо туҳмат задем!

Даст, чун дидем, аз иқди Сурайё кӯтаҳ аст,
Бар замин аз хашм пову бар саро туҳмат задем.

Он ба манзил норасиданҳо зи дасти по набуд,
Мо вале аз засткӯтоҳӣ ба по туҳмат задем.

Як ҷалабро дида, бар сад ҷолиб афшондем даст,
Бевафоӣ дида ҳар ҷо, бар вафо туҳмат задем.

Ғарқа андар ҷоми бадбӯ, бодӣ аз боди сабӯ,
Бо димоғи баста бар боди сабо туҳмат задем.

Донае нокишта, нолидем: хирманмон надод!
Мо зи худхоҳӣ, Худоё, бар Худо туҳмат задем!

Чун шавад аз гарди гардиш пок рӯзе чашми мо,
Он замон бинем рӯшан – мо ба мо туҳмат задем!

* * *

Ҳама корам пушаймонӣ зи пас дошт,
Дилам як нопушаймонӣ ҳавас дошт.

Чу доғе лоларо дар дил гирифтам,
Ба дил ӯ низ меҳри хору хас дошт.

Асал гуфтам зи шодӣ зиндагиро,
Асал буд он, вале садҳо магас дошт.

Фазо парвозгоҳи ҷовидам буд,
Вале аз бекаронӣ сад қафас дошт.

Чу як тан побапои зиндагонӣ
Дилам дасте зи ҳар сӯ дастрас дошт.

Зи фарде будаам пайваста ҳайрон,
Ки бо он нокасӣ ин қадр кас дошт.

Ҳумо не, мурғи бахтам достак буд,
Ки умре лона дар зери нигас дошт.

Дилам дар роҳи меҳр аз пой афтод,
Вале меҳре ба ҳар кас дастрас дошт.

Фаровон ҳамнафасҳо диду охир
Дар охир аз нафас як ҳамнафас дошт.

* * *

Куҷо дар розгоҳи сина оҳанги дилам монда? –
Зи оҳанги дилам як оҳи беҳанги дилам монда.

Садафҳои диламро обхези зиндагонӣ бурд,
Зи дарёи дилам осор як санги дилам монда.

Замоне акс мешуд дар дилам ҳусни ҳама дунё,
Аз он дунёнамо ҳасратфизо занги дилам монда.

Ҳавас фаввора мезад аз дилам бо ҳар нафас дирӯз,
Нафастангӣ нишон аз ному аз нанги дилам монда.

Маро аз рангҳои орзӯ садранг дунё буд,
Зи хунафсурдагӣ дилгир як ранги дилам монда.

Ба чангаш буд ҳар дам домани хушқоматон дирӯз,
Аз он дамҳо нишон як қомати чанги дилам монда.

Нишони пар задан, парвозгоҳи бекарон ҷустан
Диле бишкастапар дар лонаи танги дилам монда…

* * *

Соли нав табрик бод, эй ёрҳои куҳнаам!
Шодии нав ёратон, ғамхорҳои куҳнаам!

Хуни нав гӯё равон шуд дар куҳанрагҳои дил,
Савти навро бишнавед аз торҳои куҳнаам!

Соли ман нав шуд басо, ҳаргиз вале дигар нашуд
Меҳру Ишқу Ҷону Дил – ҳамкорҳои куҳнаам.

Боми ман дар чордевори ҷаҳон буд номи ман,
Бод барҷо боматон, деворҳои куҳнаам!

Тозагулҳо додаам бар гил дар он соли куҳан,
Гул кунед андар дилам, эй хорҳои куҳнаам!

Зори сӯзандоруед, аммо маро ку дар бисот
Ҷуз сухандору, аё беморҳои куҳнаам?!

Соли ман нав мешавад, ман куҳна мемонам вале
Бо ҳама иқрорҳо, инкорҳои куҳнаам.

Меравам бо роҳи Соли Нав чу дар соли куҳан
Рӯи дӯшам ҷону дил – он борҳои куҳнаам…

**Як замон…**

Як замон
Дар ин ҷаҳони пургуноҳ
Як ҷаҳони бегуноҳам буд,
Рӯи ғофил аз сияҳрӯӣ,
Мӯи беш аз сад сияҳрӯӣ сиёҳам буд.

Як замон
Бехабар будам ман аз бераҳмии дунё,
Бехабар будам ман аз гургии одамҳо,
Аз тамоми зӯрҳо ман зӯртар будам,
Аз ҳама манзурҳо манзуртар будам –
Модарам пушту паноҳам буд.

Як замон
Аз кулаҳдорон набудам ман,
Аз гунаҳдорон набудам ман,
Сарбараҳна,
Побараҳна,
Сода мегаштам,
По ба Роҳи Каҳкашон бинҳода мегаштам;
Барфу борон бар сарам мезад,
Санги ноёрону ёрон бар сарам мезад,

Ман валекин
Будам эмин аз ҳама бад,
Офтобам ҳам намезад –
Дасти пурмеҳри падар танҳо кулоҳам буд.

Як замон
Пушти чизе ман нагаштам,
Лек пушти одамин гаштам,
Дар яке ман ҳусни худро дидаму бо ӯ қарин гаштам,
Дар яке ман қубҳи худро дидаму хоки замин гаштам;
Дар ҷаҳон
Одам фақат оинаи суду савобам буд,
Дар ҷаҳон
Одам фақат оинаи айбу гуноҳам буд.

Гарчи гоҳе низ ноёри замон будам,
Бетаваққуф лек ман ёри занон будам,
Рӯзҳои бенасиб аз офтобам,
Шомҳои бенасиб аз моҳтобам
Моҳрӯи меҳрубоне меҳру моҳам буд.

Бо бутон наздик,
Лек
Аз бутпарастӣ дур будам,
Диданӣ чашми дили ман
Бар дили ҳар чиз медид,
Беш аз ман,
Беш аз чашми сари ман низ медид,
Барги коҳе гаҳ баланд аз ҷумла кӯҳам буд,
Кӯҳ гоҳе пасттар аз барги коҳам буд.

Аз баландиҳои гаҳ-гоҳам наболидам,
Дар ҳама ҷо
Хештанро
Ҳамрадифи дигарон дидам,

Қаъри чоҳам гоҳ-гоҳе авҷи қулла,
Авҷи қулла гоҳ-гоҳе қаъри чоҳам буд.

Ман чи гӯям ин замон аз буду аз нобуди худ акнун,
Ман чи гӯям ин замон аз оташу аз дуди худ акнун –
Шеърам, охир, худ гувоҳам буд.

Ростӣ як умр корам буд,
Ростӣ як умр роҳам буд,
Ғайри дил,
Ғайри муҳаббат,
Ғайри ҳақ,
Ғайри ҳақиқат
Қарздор аз кас набудам ман,
Қарздор аз кас нахоҳам буд!

* * *

Узри беохир барои сода ин ташбеҳ
(Сода ташбеҳе чунин аз васфаки бемояи хуш беҳ!):
Дида – сармасту хумор,
Сина – саршори баҳор,
Аз баландӣ сӯи пастӣ меравад Варзоби нотакрор…

Одамӣ дарёдил аст, аммо на дарёст,
Рафтанашро маънӣ аз поин ба болост…
Аз чу дарё рафтанаш, ё Раб, нигаҳ дор!

* * *

Зоғ,
Ҳатто сафед ҳам бошад,
Баски як умр пушти мурдор аст,
Кай чаманзод ё чамандор аст?

Оқи аҳли Ватан, ватандоро,
Доимо андаруни нохунак –
Дар ғаразҳои худ «Ватандор» аст.

## Рози осиёббони пир

Осиёби пири аҷдодии ман,
Шоҳиди шодиву ношодии ман,
Ҳамчу чархи қисматам гардидаӣ,
Гушнагиву сериамро дидаӣ.

Гашт сокит ҳар гаҳе оҳанги ту,
Дар сари ман гашт гардон санги ту.
Ҳар гаҳе коҳид донат аз қазо,
Орд кардӣ устухонҳои маро.

Обу донат буд обу дони ман,
Санги гардонат – сари гардони ман,
Гоҳи беобии ту ман гаштам об,
Ашки ман шуд донаат, эй осиёб.

Аз сари ту оби сад дарё гузашт,
Аз сари ман оби ин дунё гузашт,
Гард монд аз бурду аз оварди ту,
Дар сари ман монд охир гарди ту.

## Гавҳар

Дарё надошт он ҳама гавҳар, ки дошт дил,
Онро ҳама ба соҳили дилҳо гузошт дил.

Дилро гумошт ҳамдами некӯ дар ин ҷаҳон,
Бингар, азизи дил, ки чи некӯ гумошт дил!

Ҷуз моҳи рӯи маҳрухе аз шоми худ нахост,
Ҷуз офтоби гармии рӯе зи чошт дил.

Онро, ки чашми сар натавонист диданаш,
Бо чашми хеш дид аёну нигошт дил.

Садҳо алам зи ҷавру ҷафоро нагун ниҳод,
Он як алам зи меҳру вафо барфарошт дил.

Аз дони меҳри ҳамнафасон хирманаш пур аст,
Яъне, ҳамон дуруд зи кишташ, ки кошт дил.

* * *

Аҳсан ба ту, эй дил, ки ба як ранг намудӣ!
Хун гаштаву лаъл аз ҳамаи санг намудӣ!

Сар додаву тоҷи шараф аз даст надодӣ,
Подории худро ҳама авранг намудӣ!

Саҳрои хаёлот кушодӣ зи ту омӯхт,
Кай ҷои касе ғайри худат танг намудӣ?

Аз он фару ҳанге, ки ба мерос гирифтӣ,
Фарҳанг намудӣ, раҳи фарҳанг намудӣ.

Умре нафаси гарм дамидӣ ба найи даҳр,
Аз ҳар нафаси зиндагӣ оҳанг намудӣ!

Ҳаргиз зи сари ҳирс ба дунё назадӣ чанг,
Аз бори қаноат қади худ чанг намудӣ!

Сӯи ҳама рафтиву дари сулҳ кушудӣ,
Ҷангидӣ агар, ҷанг ту бо ҷанг намудӣ!

Садрангии дунёву касон дида фаровон,
Аҳсан ба ту, эй дил, ки ба як ранг намудӣ!

**Чи бувад?**

Риши то банди нофатон чи бувад?
Аз фаши салла лофатон чи бувад?

Берун аз лом-алиф чу раҳтон нест,
Даъвии лому кофатон чи бувад?

Инак, он оби лойу моҳиатон,
Ҳарф аз инсофи софатон чи бувад?

Муштатон – пур зи ганҷи кӯҳи Ватан,
Ҳасрати кӯҳи Қофатон чи бувад?

Чун ҳадафтон биҳишти ин дунёст,
Шаф-шафи қиссабофатон чи бувад?

Гар хилофат дар орзӯтон нест,
Бо сиёсат хилофатон чи бувад?

Ҳаст девори мулк ваҳдати халқ,
Пеши он ин шикофатон чи бувад?

Хидмати халқ бод мазҳабатон,
Дур аз ӯ эътикофатон чи бувад?

Гирди худ ин қадар чи мегардед? –
Хештанро тавофатон чи бувад?!

## Тафсири ман

Кай ҷаҳонгирӣ ҳамин чандин макон бигрифтан аст,
Дар ҷаҳон худро ҷаҳон кардан ҷаҳон бигрифтан аст!

Чист боло рафтан андар ин ҷаҳони сарнишеб,
Худ ба боло рафтану дасти касон бигрифтан аст!

Ишқ сад тафсир дорад, лек дар тафсири ман
Қасди пириро аз ин умри ҷавон бигрифтан аст!

Худ нишондорӣ нишон мондан дар ин дунё бувад,
На барои рӯи дил умре нишон бигрифтан аст!

Кандани ҷон баҳри номи нек ҳам кон кандан аст,
Дил гирифтан аз тамаъ ҳам ганҷи кон бигрифтан аст!

Ҳамзабонӣ бо забон кардан давои дил бувад,
Низ пеши тезии теғи забон бигрифтан аст!

Ҳамзамонӣ нест будан бори дӯши ин замон,
Бори худро аз сари дӯши замон бигрифтан аст!

Ҳақталошӣ хурдани заҳри яқини умру низ
Даст аз шаҳду шакарҳои гумон бигрифтан аст!

Раҳ кушодан дар замину кардан онро нурбор
Нусхаҳо аз асли Роҳи Каҳкашон бигрифтан аст!

Сар ба авҷи осмон бурдан ватандорӣ бувад,
Кай валекин пой аз ин остон бигрифтан аст?!

## Ҳушдор

Эй чашма,
Дар ҳабси рӯшани зулолии худ бимонӣ, беҳ,
Дар банди сафеди ҳалолии худ бимонӣ, беҳ;
Агар рӯд бишавӣ,
Раҳ ба раҳ
Дар покии худ намепоӣ,
Меолоӣ…

Худ наолоӣ,
Меолояндат,
Аз ҷарёни пурмонеаи покӣ
Мерабояндат!

## Чӣ мегӯям?!

Ҳангоми
ногаҳон чашм аз ҷаҳон пӯшиданат
набудам, модар;
Вақте ки
саломи фариштаи аҷалро лаббайк гуфтӣ,
ҳузур надоштам, падар;
Лаҳзаҳое, ки ту барои ҷон ҷон мекандӣ,
ман дур аз ту барои нон ҷон мекандам, бародар;
Соати аз ин дунё хориҷ шуданат
дар хориҷа будам, хоҳар…
Дидорҳо ба қиёмат монд,
эй азизоне, ки борҳо дар зиндагӣ
қиёматро бароятон қоим карда будам!
Агар дар он маҳшаргоҳ ба ҳам биёему бипурседам, ки:
«Мо ҳама ҳарфҳои туро –
аз нахустин «папа»-ву «мама»-ҳоят
то шеъру таронаҳоят –
ёд дорем,
ту як вопасин сухани моро ёд дорӣ?»,
Чӣ мегӯям?!

## Хаткашон

Хаткашон, хаткашони ёду хаёл,
Эй расули басо навиду паём,
Бинамат боз ҳам ба китф анбон,
Куҳна анбони ту пур аз пайғом.

Ҳар саҳар бо қади хамида зи бор
Меҳрро ту баланд мекардӣ,
Бо ҳазорон навиди нуронӣ
Субҳро дилписанд мекардӣ.

Мерасидиву дарди раҳдурӣ
Пеши ту бенишону раҳгум буд.
Чашмаки бози ҳар даре, бахудо,
Дар раҳат чашми чори мардум буд.

Сода сандуқи почта ба назар
Буд сандуқи ганҷи афсона:
Гоҳ пур аз навиди рӯи ҷаҳон,
Гоҳ пур аз паёми ҷонона…

Хаткашони хаёлу ёд, акнун
Пеши интернет пирӣ ту,
Пеши эмайлу эсэмэс маро
Кай дигар ёру дастгирӣ ту?!

Мекунам ёд ҳар дамат ман лек,
Ҳамзамоно, туро чу рамзи замон,
Меравӣ дар хаёлам, обилаҳо
Дар кафи пою дар сари китфон.

Он ҷавонӣ, ки интизорат буд,
Зери бори ғаму алам бишкаст,
Сабзу тар барги номаҳо афсурд,
Сода сандуқи поста бишкаст.

Дили аз дард носабурамро
Кай дигар он қарору ором аст?
Хаткашон, дар хаёлӣ анбонат
Аз ҷавонии ман чи пайғом аст?

* * *

Зиндагӣ, дар хаму печат, бахудо, хаста шудам,
Роҳ ҷустам ба хатову ба хато хаста шудам.

Будаӣ гӯши кару сӯи ту рафтам ба абас,
То ба манзил нарасида чу садо, хаста шудам.

Будаӣ дидаи кӯру ба дарат гардидам,
Раҳ набурда ба дарун ҳамчу зиё, хаста шудам.

Ба дари дидаи дунё задам ангушти нигоҳ,
Во нагашту нашудам дидадаро, хаста шудам.

Бас давидам зи пасеву нарасидам ба касе,
Бо сару пои равон бесарупо хаста шудам.

Бедаво будаӣ, афсӯс, надонистам ман,
Ҳар тараф дар ту давида чу даво, хаста шудам.

Раҳ набурдам ба саре, кора накардам ба диле,
Дар забони ҳама чун панди ниё хаста шудам.

Ман ба поини ту дидам, ки басо хоин буд,
Бар сарам рехт зи болот бало, хаста шудам.

Роҳ бурдам зи Саро то ба Сурайё осон,
Аз Сурайё чу расидам ба Саро, хаста шудам.

Дар ҷаҳони туву ман аз ману ту монд дилам,
Дар ҷаҳони ману мо аз ману мо хаста шудам.

Беҷазо дида шабу рӯз сияҳкоронро,
Рӯзу шаб, мунтазири рӯзи ҷазо, хаста шудам.

Мон аз ин баъд марову зи раҳи хеш намон,
Ки туӣ тундраву ман, бахудо, хаста шудам.

Маргро беҳ зи ту донам, ту махон мурдадилам,
Балки мардона бинеҳ узр маро – хаста шудам.

**Гадоён**

*(ба ҷои мақола)*

Бубинем ё на,
Мутаассифона,
Зумрае, дарвоқеъ, зору бенавоянд –
Дареғо, нонгадоянд,
Чунки дар ин дунё
Надоранд касбеву пешае
Ва барои пеш гирифтани пешае
Надоранд хомае,
табаре,
тешае.

Вой бар онҳо,
Вой бар мо низ
Ки барояшон коре наметавонем кардан
Ба ҷуз садақаи гаҳ-гоҳи чанд пашиз.

Оё ба ҷомеа,
ба ҳамагон,
ба дунё
Зарар доранд онҳо?
Магар ба дилҳо,
ба рӯҳҳо,
ба ҷонҳо
Хатар доранд онҳо?
Худо медонад,
Ки кардааст инчунинашон
Ва худашон,
Ки мераванд бехато бо хатти чини ҷабинашон.

Вале ба шаъни Одам,
Ба қадру қимати Инсон,
Ба нангу номи Башар

Зарар доранд онҳо,
Хатар доранд, бемуҳобо!

…Аммо пурзарартар
Дар рӯи дунё
Ҳаст зумрае дигар –
Номгадо,
        шуҳратгадо.

Дар ба дари аёну ноаён,
Назар ба назари ошкору ниҳон
Шуҳрату ном гадоӣ мекунанд онон;
Барои номе, ки сазовораш нестанд,
Барои шуҳрате, ки дар кораш нестанд,
Гиряву зораашон фаровон аст,
Пурилтиҷо назораашон фаровон аст,
Ҳадяву пораашон фаровон аст.

Агар аз даргоҳи номи табиӣ,
Шуҳрати табиӣ
Биронандашон,
Ки дахле ба шуҳрату ном надоранд,
Ҳатто ақлеву андешае,
Ихтисосу пешае,
Хомаву табару тешае
Беш аз авом надоранд,
Мешӯранд,
Исён мекунанд,
Доду афғон мекунанд,
Садҳо ному шуҳрати воқеиро вайрон мекунанд;
Худро ба роҳи бадгӯиву ғайбат мезананд,
Ба сад ному шуҳрати табиӣ туҳмат мезананд,
Ному шуҳрати асилро ганда мекунанд,

Пеши ному шуҳрати гадоӣ афканда мекунанд,
Назди зумрае чун худ – берӯю беҳаё –
шарманда мекунанд…

Ҷор мезананд аз беадолатӣ,
Аз сангдилӣ,
бешафқатӣ,
Дар ҷодаи нангини шуҳратхоҳӣ
Хешро мекунанд охир «шуҳратӣ».

Бо нифоқ
Мешаванд узви сад иттифоқ.
Бо тағою дағо
Мешаванд узви сад фарҳангсаро,
Бо зораву нолаву доду фиғон
Мегиранд нишону унвон.

Пои палид ниҳода бар рӯи заҳмат,
Бар рӯи адолат,
Бар рӯи ҳақиқат,
Бар рӯи садоқат,
Бар рӯи одамият –
Рӯ-рӯи зинаҳои «афкори авом»
Мешаванд «маҳбуб»-и издиҳом.

Дар паҳлӯшон
Ошкору ниҳон
Зумрае бетараф,
Зумрае бешараф,
Зумрае касофатбор,
Манфиатҷӯ,
зиёфатхор
Бар ин оташ доман мезананд,

Оташ ба ҳақиқату адолат,
ба заҳмату одамият,
Оташ ба Миллату Ватан мезананд!

Ҳар ки дар ин ҷода
Садди роҳашон шавад,
Огоҳи вуҷуди ноогоҳашон шавад,
Бигӯяд, ки онҳо аслан чистанд,
Ё аслан чизе нестанд,
Меборанд бар ӯ чун сангборон,
Чун тармасели кӯҳсорон,
Месозанд аз ӯ душман,
кавдан,
аҳриман!

…Эй мардум,
Нонгадоҳоро бихонед!
Номгадоҳоро биронед!
Ба нонгадоён бикунед назар,
бикунед назар,
бикунед назар!
Аз номгадоён бикунед ҳазар,
бикунед ҳазар,
бикунед ҳазар!

## Рӯ ба боғ

Рӯ ба боғ овардам, боғро хазон кардам,
Бехабар кашидам оҳ, бодро вазон кардам.

Баски пурхазон мондам, гӯӣ, аз забон мондам,
Дар даҳони бод, инак, баргро забон кардам.

Тар бишуд маро дида пеши ҷӯи хушкида,
Бар гулӯи ҷӯ аз чашм обҳо равон кардам.

Зери бори шабнам шуд сабзаҳои мижгонам,
Қоматам яке хам шуд, сарвро камон кардам.

Барқ гаштаму дидам: рӯзгор торик аст,
Раъд гаштаму чанде пуралам фиғон кардам.

Осмон набудам, лек бори осмон бурдам,
Остон набудам, лек кори остон кардам.

Кори мардумон, дидам, ҳеҷ аз дилу ҷон нест,
Додҳо зи дил гуфтам, шикваҳо зи ҷон кардам.

Дидам аҳли даъворо, кӯҳашон ҳама коҳ аст,
Кӯҳу коҳашонро пуф то ба Каҳкашон кардам.

Чашм бар замин бурдам, дасти кӯтаҳам дидам,
Даст бар само додам, рӯ ба осмон кардам.

Бемаҷоз, чун болам рехт, мушти пар гаштам,
Сӯхт ошёнам чун, дар худ ошён кардам.

Бӯи ғурбатам бишнид, осмон яке нолид,
Мурғи ошёнҳоро ҷумла ломакон кардам.

Дам задам зи буди хеш, бехабар зи дуди хеш,
Қисматам чу рӯшан шуд, гиря шамъсон кардам.

Чанд дарди дил гуфтам пеши зиндагӣ бесуд,
Мурда буд, бечора, зиндааш гумон кардам.

Дидамаш, ки ҷое нест, ин ҷаҳон кирой нест,
Бар ҷаҳони худ рафтам, пушт бар ҷаҳон кардам.

## Ҳотам

Бо яке чун рӯбарӯ гаштам,
Додамаш гармии рӯи содаамро;
Дигареро омадам з-он пас дучор,
Ҳадяаш кардам дили бикшодаамро;

Ҳатман андар рӯи ин дунё
Бо касе ман будаам ҳампо,
Бо касе – ҳамто;
Қисмату бахшам ба ҳар ҳамдаст танҳо зӯри дастон буд,
Ҳадяам бар ҳамназарҳо нури чашмон буд.

Сад қасам бо нони гандум,
Шодам аз ташрифатон бар олами софи дилам,
эй пок мардум!
Шодам, инак,
Чун дари лутфи диламро ман ба ҳар рӯе кушудам,
Бо касе белутф
мисли бе дилак қулфи дари риндон
набудам:
Аз вуҷудам ҳар кадоме лоақал бурдаст як зарра –
Ё умеде, ё сафое, ё фараҳ.

Қатра-қатра-қатра ҳарфи зиндагӣ гаштам ман охир,
Зарра-зарра-зарра сарфи зиндагӣ гаштам ман охир.

Боз ҳам сӯям биёед ин замон, эй дӯстони ҷонудилравшан,
Бахшу қисмат мекунам бо ҷумла, ҳар чизе, ки дорам ман
(Чун нишона баҳри санги гӯр хоҳам монд
Танҳо ном)
В-андар анҷом
Мепазирам маргро, он вопасин меҳмони худро,
Дода бар ӯ охирин дороии худ –
ин тани беҷони худро.

## Ба хотираи Ҷумъа Одина

Эй варақҳои сафед,
маъзур доред –
ман шуморо бас сияҳ кардам;
бе гуноҳе гуфта будам зиям,
оваҳ, ин гунаҳ кардам.

Он ҳама, охир, сиёҳӣ не,
рӯсиёҳии зи сар бигзаштаи мо буд,
рӯзи дар ранги сияҳ оғуштаи мо буд,
хуни вайронгаштаи мо буд.

Оре, оре,
хуни вайронгаштаи мо буд,
рӯзи дар ранги сияҳ оғуштаи мо буд,
рӯсиёҳии зи сар бигзаштаи мо буд,
ки ман он рӯз
  дар ранги сиёҳӣ
        бар варақҳои сафедаш
                рехтам гирён;
лаҳзаҳое, з-он сияҳрӯӣ,
            сияҳкорӣ,
                сияҳандешагиҳо
то варақҳои сафеди хештан
          бигрехтам гирён.

Эй азизон,
дарду доғи сарнавишти хешро
акнун зи авроқам бигиред,
лаҳзаву рӯзи сиёҳи саргузашти хешро
акнун зи авроқам бигиреду
                бибинед –
чун варақҳоям
        бувад дар ин ҷаҳон чизе сафед?!

* * *

Ҷӯй
Аз дилсардӣ
Буд як афсурда,
Буд ях тобуташ,
Худ – ба мисли мурда.

Лек сеҳри назари ишқ бубинед,
Ки чун маҷнунбед
Мӯи худ кард ба рӯяш афшон,
Об гардид аз эҳсосу бишуд боз равон.

**Чашмаи кӯр**

Манам он чашмаи ноб,
Ки дар ин бераҳа бо пои аташ
Эй басо ташна ба сӯям омад;
Ҷумла бо оби равонбахшоям
Ташнагӣ бишкаста,
Аз дигар боз чароғи дилу чашмон афрӯхт,
Лек як лаҳза дилаш
Бар дили чашма насӯхт,
Чашм бар чашмаи раҳбаста надӯхт;
Бо навин зӯру тавон
Бо раҳи хеш бишуд ҷумла равон,
Норавон монда маро…

Аз чунин бенамакии обам
Рафта дар хеш фурӯ, раҳгуму безӯр шудам,
Гиря карда шабу рӯз,
Охир аз обию шодобии худ дур шудам,
Чашмаи кӯр шудам…

## Хайрбодӣ бо чанористон

Хайрбод, эй чанорҳои куҳан,
Эй бапо ҷоннисорҳои куҳан.

Қисмат аз мо буридатон, афсӯс,
Эй дареғо зи корҳои куҳан.

Бо шумо рафт рози сарсабзӣ,
Ҳайфатон, роздорҳои куҳан.

Ҳасрато, ин баҳор нашкуфтед,
Оваҳ аз хор-хорҳои куҳан.

Кӯч бастанд сорҳо ба алам
Аз сари шохсорҳои куҳан.

Бо шумо ҷовидона рафт аз боғ
Сояи баргу борҳои куҳан.

Ном мондеду бенишон рафтед
Чун басо ёдгорҳои куҳан.

Тӯбатӯ сӯхтан насиби шумо
Нашуд, эй пойдорҳои куҳан.

Уфтодед сабзтан аз по
Мисли он бемадорҳои куҳан.

Соябон баъд аз ин кӣ хоҳад буд
Ҷоятон, эй қаторҳои куҳан?

Кай қароре қарор бахшояд
Ба дили беқарорҳои куҳан?

Бо шумо, барнахоста, афтод
Ҳайкали шаҳрдорҳои куҳан.

Набуридед риштаи ёрӣ,
То буридан, зи ёрҳои куҳан.

Побапои ҳама равон будед
Эй басо дар баҳорҳои куҳан –

Дар ҳама ид ҳамсафи мардум
Ҳамчу хешу таборҳои куҳан –

Ёд бодо ба дасти сабзи шумо
Лолагун он шиорҳои куҳан…

Ошиқонро фақат шумо будед
Ёри гаштугузорҳои куҳан.

Сояҳотон ба раҳ чу қолӣ буд,
Ёд бод он нигорҳои куҳан.

Беғалат бурдаед ёронро
То дари гулъузорҳои куҳан…

Сояи бахт буд соятон
Бар сари ҷумла ёрҳои куҳан.

Дар таҳи ёди сояҳои шумо
Монда он чашмчорҳои куҳан.

Соати меҳру моҳатон гардон
Баҳри он интизорҳои куҳан...

Сабзҷонед агарчи боз аз нав
Дар дили ҳамдиёрҳои куҳан,

Бар сари мо фақат бимонад ёд
Дигар аз соясорҳои куҳан.

Аксатон монда дар нигоҳи пуроб
Ҳамчунон дар наворҳои куҳан.

Ёдатон сояи сари мо бод,
Соябон эй чанорҳои куҳан…

## Сиёҳу сафед

Мӯи сафедро
Битвон ба зӯри ранги сияҳ нопадид кард.
Аммо дили сиёҳро
Бо рӯду баҳри шир,
Бо сад ҳазор субҳи сафо
Менатавонӣ сафед кард.

## Хуросонӣ

Ин ҷаҳон ҳамчу осиёб бувад,
Медиҳад тоб ҷисму ҷонатро,
Мекунад ҷорӣ оби чашматро,
Мекунад гард устухонатро.

Донааш донаҳои ашки ту аст,
Сари сахти ту санги он бошад.
Гарди пирӣ ба сар туро резон
Аз шитобу диранги он бошад.

## Тавба

Тавба кардам, ки дигар май нахурам,
Нашканам ҳеҷ дигар тавбаи пеш,
Лек май хурдаву сармаст шуда,
Бехабар мондаам аз тавбаи хеш.

Шиша шоҳид (, ки чу ӯ ботинсоф
Нест дар олами инсоф):
Қасд бишкастани ин тавба набуд,
Азал ин қасд намуд!

Набуд ин, оре, ҷурми мани маст,
Варна худ аз сари инсоф бигӯед: чи сон
Ман ба хок афтодам, нашкастам,
Тавба бар хок наафтоду шикаст?!

Дар сари тавбаи хешам дилреш,
Диҳадам тавбаи дигар ташвиш…

## Як орзӯ

Фақат як орзӯ дорам ба дунё дар дилу ҷонам:
Ҳамеша бо амал пайванд бошанд орзӯҳои фаровонам!

* * *

Вақте ки мо гузаштем
Аз дори дунё,
Бигзор, монад ин рӯд,
Ин кӯҳу саҳро.

Бигзор, монад ин боғ,
Хуш бод ҳолаш –
Бо сад асои фардо –
Бо сад ниҳолаш.

Бигзор, монад ин роҳ
Бо раҳравонаш –
Бо пири раҳнамояш,
Бо навҷавонаш.

Тифле равад шитобон
Бар сӯи мактаб.
Марде бисӯзад аз ишқ
Пуртобу пуртаб.

Аз обхези рӯдаш
Ово бимонад,
Санги сари раҳи сел
Барҷо бимонад.

Дар дидаҳо дурахшад
Ашке чу тилло,
Вақте ки мо гузаштем
Аз дори дунё…

# 3. НАВБАҲОР МЕОЯД АЗ ХАЁЛИ БОҒИ МАН…

## Наврӯзу Истиқлолият

Наврӯзи мо садсолаҳо буд рамзи Истиқлоли мо,
Сарсабзии мо, бахти мо, гулхандаи иқболи мо,
Наврӯз моро менамуд озод аз ҳар бандагӣ,
Пайваста меовард бор озодагӣ,ояндагӣ.

Наврӯзу Истиқлолият моро ду ҳаммаъно шуданд,
Ин ду ҷаҳонӣ ҷашни мо дар ҷону дилҳо ҷо шуданд,
Хуршеди наврӯзӣ бувад тобон дар ин мулки куҳан,
Хуршеди Истиқлолият поянда дар авҷи Ватан!

## Наврӯз расид, эй дӯст!

Болидани ҷон сар шуд, Наврӯз расид, эй дӯст!
Айёми паропар шуд, Наврӯз расид, эй дӯст!

Шаб низ мунаввар шуд, гул карду муаттар шуд,
Бо рӯз баробар шуд, Наврӯз расид, эй дӯст!

Олам ҳама шуд хуррам, одам ҳама шуд хуррам,
Дилдодаву дилбар шуд, Наврӯз расид, эй дӯст!

Дунё майи гул нӯшид, пероҳани гул пӯшид,
Масти майи дигар шуд, Наврӯз расид, эй дӯст!

Розаш ҳама ахгар шуд, нозаш ҳама ахтар шуд,
Озаш ҳама озар шуд, Наврӯз расид, эй дӯст!

Бар кӯҳ касе дилшод рӯ карду садо дардод,
Аз акси садо кар шуд, Наврӯз расид, эй дӯст!

Ин кӯҳи саропо лол бинмуд садо хушҳол,
Гул бар кафу бар сар шуд, Наврӯз расид, эй дӯст!

Вораста расид он гул, гул баста расид он гул,
Вораста дил аз бар шуд, Наврӯз расид, эй дӯст!

Ашки тараби афлок чак-чок чакад бар хок,
Чашми дилу ҷон тар шуд, Наврӯз расид, эй дӯст!

Ҳар пар, ки мадораш буд, уммеди баҳораш буд,
Шоҳин шуду кафтар шуд, Наврӯз расид, эй дӯст!

Пар буду парасту шуд, бо мову ту ҳамкӯ шуд,
Зад болу паровар шуд, Наврӯз расид, эй дӯст!

Ин хок дигар гашта, афлок дигар гашта,
Олам ҳама дигар шуд, Наврӯз расид, эй дӯст!

## Навбаҳор меояд…

Навбаҳор меояд
Аз хаёли боғи ман…

Аз раҳи димоғи ман
Боз бар суроғи ман
Навбаҳор меояд.

Гармрӯтар аз ӯ нест,
Сабзмӯтар аз ӯ нест,
Нозбӯтар аз ӯ нест.

Нозбӯ лаби ҷӯяш
Бӯи ноз мебезад,
Офтоб дар роҳаш
Нуру нор мерезад,
Пеши чеҳраи гармаш
Барфи хуфта мехезад.

Ҳамчу чашми дилсӯзе
Чашма мешавад пуроб,
Чашма мешавад раҳҷӯ,
Ҷӯй мешавад дарёб.

Пештар зи ҳар дарё,
Пештар зи ҳар сарҷӯ
Об мешавад сад дил,
Об мешавад дилҷӯ.

Оби пок садтора
Мечакад зи ҳар шӯша,
Меравад ба ҳар бора,
Мерасад ба ҳар гӯша.

Чашми лонаҳо боз аст
Дар раҳи парастуҳо,
Мерасанд хуш, инак,
Ҳамчу мардумак, бешак;
Мешавад ба ҳар лона
Ҳамчу мардумак ҳар як
Чун ба чашми поке ҷо.

Аз хумори ҷону дил
Сабз гашта ҳар барзан,
Аз шарори ҷону дил
Гарм гашта ҳар гулхан.

Баъд аз ин ба ҳар гӯша
Гулхан асту гулханда,
Аз гулу гули зинда
Гармӣ аст поянда.
Баъд аз ин ба ҳар майдон
Гулрух асту гулгардон,
Печи зулфу гулпечон,
Лаъли ғунчае хандон,
Чашми наргисе ҳайрон.

Гулшан аст ҳар рӯе,
Балки гармии ҳар рӯ
Бартар аст аз гулшан.
Гулхан аст ҳар чашме,
Балки шуълаи ҳар чашм
Бартар аст аз гулхан.

Беҳтарин гули ин фасл
Рӯи чун гули ёр аст,
Ғунчаҳои уммед аст,
Лолаҳои дидор аст;
Хор ҳам куҷо хор аст,
Дар миёни гул дигар
Хор ҳам гули хор аст,
Яъне, аз гул осор аст!

Гулхане, ки наврӯзист,
Аз шарори дилсӯзист;
Дар забони ҳар шуъла
Суҳбати дилафрӯзист,
Рози маҳфилафрӯзист.

Гулхани авастоӣ
Шаҳрӣ асту рустоӣ,
Гул кунад ба ҳар кӯча,
Гул кунад ба ҳар барзан,

Ҷаҳлро бисӯзонад,
Ҷурмро бирезонад;
Покии сиёвушӣ
Оварад барои ту,
Оварад барои ман.

Ҳамчу хирси барфистон
Мешавад дилам бедор,
Аз сафои дилгармӣ,
Аз ҳавои дилнармӣ
Обаму гилам бедор.

Офтобӣ эй Инсон,
Эй азизи дилравшан,
Баъд аз ин дар ин дунё
Ҳеҷ ғам намеарзад,
Ҳеҷ ғам ба як арзан!

Навбаҳор меояд…

**Мо ворисони Наврӯзем**

Сад гулхани наврӯзӣ бо меҳр барафрӯзем,
Дилсардии дунёро бо оташи дил сӯзем,
Дилгармии аҷдодӣ бар ҷумла биомӯзем,
Бо фикри пагоҳи хеш рӯшангари дирӯзем,
Мо халқи дилафрӯзем,
Мо ворисони Наврӯзем.

Рӯзу шаби бахти мо хуршедию маҳтобист,
Як умр мароми мо дилҷӯию дилёбист,
Дар даҳр нишони мо сарсабзию шодобист,
Шогирди баҳоронем, гулпарвару гулдӯзем,
Мо халқи дилафрӯзем,
Мо ворисони Наврӯзем.

Хоҳад дилу ҷони мо ободии манзилҳо,
Серобии дарёҳо, шодобии соҳилҳо,
Хушбахтии хушгилҳо, озодагии дилҳо,
Рӯ ҷониби фардоем, бунёнгари имрӯзем,
Мо халқи дилафрӯзем,
Мо ворисӣ Наврӯзем.

Соф аст самои мо, болу пари худ дорем,
Дилсӯзи ҷаҳон ҳастем, дил дар бари худ дорем.
Дар роҳи ватанхоҳӣ мо Сарвари худ дорем,
Оини ватандорӣ чун ганҷи дил андӯзем,
Мо халқи дилафрӯзем,
Мо ворисӣ Наврӯзем.

**Омад баҳор…**

Омад баҳор, эй ҷони ман, хушдил баро, хушдил баро!
Андар канори сабзи ман хушдил даро, хушдил даро!

Эй дил, ба авроқи фузун дар пеши чашмам ҷилва кун,
Эй андалеби хушсухун, хушдил саро, хушдил саро!

Эй барқи рахшон рух намо, бар тирагиҳо раҳ кушо,
Эй раъди ғуррон, бо само ғур-ғур чаро, ғурбат чаро!

Эй моҳ, аз авҷи барин бар авҷи бахти ман нишин,
Эй Зуҳраи базмофарин, инак, ба базми мо фаро!

Дил хуш шуду дилдор хуш, аз бодаи саршор хуш,
Бидҳед бо такрор хуш соғар варо, соғар маро!

## Ҳафтранги баҳорон

Анвор ёри риштаи борон шуд,
Дар ҷилва ҳафтранги баҳорон шуд.

Хуршед ҳам ба ранги дигар хандид,
Тимсоли чаҳрагармии ёрон шуд.

Монад нигорхонаи Мониро,
Азбаски боғ пур зи нигорон шуд.

Дигар пиёда нест гуле ин ҷо,
Дар бехи гӯшҳо зи саворон шуд

Бар дашту боғ савти ҳазорон рафт,
Айёми бахти неки ҳазорон шуд.

Ҳафтахтари саиди Ватан садчанд
Рахшон чу ҳафтранги баҳорон шуд.

## Наврӯзу ҷавонӣ

Гул кардани дилҳост дар гулшани Наврӯз,
Гармии дили мост дар гулхани Наврӯз,
Пӯшида ҷаҳоне пероҳани Наврӯз,
Шуд ҳамдили Наврӯз, шуд ҳамтани Наврӯз!

Монандаи Наврӯз
Дар Соли ҷавонон
Хуш боду дилафрӯз
Иқболи ҷавонон!

Аз ҳиммати Наврӯз саҳро бикунад гул,
Бо ҳар гули мавҷаш дарё бикунад гул,
Аз зӯри ҷавонӣ дилҳо бикунад гул,
Меҳан бикунад гул, дунё бикунад гул!

Монандаи Наврӯз
Дар Соли ҷавонон
Хуш боду дилафрӯз
Иқболи ҷавонон!

Наврӯзи ҳама сол уммеди ҷавонист,
Дар авҷи самоҳо хуршеди ҷавонист,
Дунёи куҳанро як иди ҷавонист,
Бишкуфтани дунё тавлиди ҷавонист!

Монандаи Наврӯз
Дар Соли ҷавонон
Хуш боду дилафрӯз
Иқболи ҷавонон! *12.03.2016*

**Бо шеъри форсӣ…**

Бӯи баҳорро зи хаёлам садо кунам,
Шаббодаро ба бӯи баҳор ошно кунам.

Дар боғи ёд гул шукуфонам ҳазорранг,
Боғи хазонрасидаи гулро раҳо кунам.

Чун баргаки хазон, ки ба ҷӯе бувад равон,
Дар ҷӯи сатрҳои равонам шино кунам.

Ҳар лаҳзае зи худ биравам, то ба худ расам,
Бар худ биёям аз наву шукри Худо кунам.

Он рӯзро, ки ёри дил аз дил ҷудо набуд,
Аз рӯзҳои умри азизам ҷудо кунам.

Аз моҷарои бехуду бедил кунам гузар,
Ҳар лаҳза бо худу дили худ моҷаро кунам.

Бо шеъри форсӣ бирасам то халиҷи Форс,
Дилро дар он вузӯ диҳаму порсо кунам!

## Баҳоро, омадӣ…

Баҳоро, омадӣ, ҳангомаҳо оғоз хоҳӣ кард,
Ба роҳи атри гул аз сабза пойандоз хоҳӣ кард.

Зи рӯ афшонда гарди ғозаҳои барфро нозук,
Зи ранги лолаҳои дилкушо пардоз хоҳӣ кард.

Гираҳ хоҳӣ кушод аз кори гулҳо, аз раҳи дилҳо,
Барои боди субҳ оғӯши гулро боз хоҳӣ кард.

Ба азми дилкушоӣ ҳамраҳи боди сабо ҳар субҳ
Ба сӯи ғунчаҳои бастагӯш овоз хоҳӣ кард.

Беҳин симфониёи зиндагиро гӯш хоҳӣ дод,
Хушово мурғаконро мутриби ҳамроз хоҳӣ кард.

Ба боли донаи сарсабзу боли мурғаки хушнабз
Ба сӯи авҷ аз хоки сияҳ парвоз хоҳӣ кард.

Ниҳода дасти сабзи токро бар гардани беде,
Ту бо чашми хуморолуди наргис ноз хоҳӣ кард.

Хазондилро сабақҳо дод хоҳӣ аз шукуфоӣ,
Ба ҳар пажмурдадил сад хидмати устоз хоҳӣ кард.

Ба хоки сарду аҳли дард хоҳӣ дод дилгармӣ,
Аё устози эъҷоз, аз дигар эъҷоз хоҳӣ кард!

## Бикунад гул…

Ёрон, зи гули дида чаманҳо бикунад гул!
Дилро бикушоед, ки саҳро бикунад гул!

Бо чеҳраи шодоб биёед лаби об,
То аз гули мавҷаш дили дарё бикунад гул!

Сарсабзу сарозод сари роҳ бароед,
То сарви сари роҳ сари по бикунад гул!

Гулдони хаёл аст туро гар сари гардон,
Мазмун шукуфад дилкашу маъно бикунад гул!

Дар косаи сар гар шукуфад ғунчаи илҳом,
Сад дафтари сарводаву сарво бикунад гул!

Кай сояи бед аст – зи ҷону дили Маҷнун
Гулҳои сиёҳи ғами Лайло бикунад гул…

Аз савту навое, ки ба дилҳо бинишинад,
Сад гулшани эҳсос пурово бикунад гул!

Ҳар нор чу хандон бишавад, боғ бихандад[1],
«Ман»-ҳо шукуфад ҷумла агар, «мо» бикунад гул!

Фардои шумо хуштар аз имрӯзи шумо бод,
Фардои шумо беш зи ҳоло бикунад гул!

## Рамзи баҳор

Рамзи баҳорӣ, суманак,
Файзи диёрӣ, суманак,
Бӯи хушатро ҳама мо
Гашта хуморӣ, суманак.

Шираи гандум – суманак,
Шуълаи анҷум – суманак,
Сурхии рӯи ҳамагон,
Шодии мардум – суманак.

---

[1]Нори хандон боғро хандон кунад. (Мавлавӣ)

Ҷӯши ту ҷӯши дигар аст,
Шаҳди ту нӯши дигар аст,
То саҳар аз боиси ту
Ҷӯшу хурӯши дигар аст.

Шираи гандум – суманак,
Шуълаи анҷум – суманак,
Сурхии рӯи ҳамагон,
Шодии мардум – суманак.

Ёди ту ояд зи чаман,
Бӯи ту ояд зи суман,
Сабз шавад бахти ҳама,
Сабз шавад бахти Ватан!

Шираи гандум – суманак,
Шуълаи анҷум – суманак,
Сурхии рӯи ҳамагон,
Шодии мардум – суманак.

## Дар фасли баҳор…

Дар фасли баҳор аз шукуфтан бисаро,
Аз боғи дили худу дили ман бисаро,
Бар домани гулдӯзии ёрон бинигар,
Аз гулбадану зи гулбадоман бисаро!

## Гули гулдон

Гули гулдон ғаме дар дил надорад,
Ки зебу зинати ин хонадон аст,
Чу меҳмони азизу дилписанде
Ҳамеша пеши чашми мизбон аст.

Надорад аз шамоли тунд тарсе,
Ҳаросаш нест ҳам аз селборон.
Ҳама гулҳои саҳрой бимиранд,
Бимонад ӯ вале дар хона хандон…

Раҳи якрӯ набуда лек тақдир,
Ҳама кори ҷаҳон поён пазирад, –
Куҷо донад гули гулдон, ки рӯзе
Хазонаш даррасад, ногаҳ бимирад.

Замоне соҳибони хона дида
Ба гулдон ҷои ӯ мушти хазонро,
Биканданд аз буну берун фиканданд
Гули пажмурдабарги заъфаронро.

Шамоли тундхези бемурувват
Варо афканд дар оғӯши саҳро,
Ба ҷони нимааш раҳме накарда,
Ба рӯяш рехт гарду чанги раҳро.

Ба пеши он гули дилрешу мискин
Гули саҳро ҳама дар ханда буданд,
Ба ҳар ҷо лолаҳо хандону рақсон
Ба ҷони хок алав афканда буданд.

Бувад ҳар гул ба саҳро тифли нозе,
Ки саҳрояш чу модар менавозад,
Варо борон кунад серобу хушрӯ,
Сарашро бод нармак сила созад…

Ба ранги заъфарону бо дили чок
Гули гулдон намуд эҳсоси дигар,
Ки умре буд як бегонафарзанд,
Ки гулдон буд ӯро модарандар.

## Гулу хор

Дареғи одамиву рӯзгораш,
Ки ҳамсон нест ёду ёдгораш:
Бувад то зинда, бинмоем хораш,
Мурад, монем гулҳо бар мазораш.

## Беҳтар аз ман

Эй баҳор,
Дар меҳру муҳаббат
Ту беҳтарӣ аз ман,
Ки гулзор мекунӣ сари гӯри падару модарамро,
Пургул месозӣ мазори бародарамро,
Ба хоки ноком хоҳаронам сабза мекорӣ –
Сари гӯрашонро,
Ё рӯҳи бонурашонро
Сабз медорӣ.

## Баҳорӣ

*Барои Ибодулло Машраб*

Сар ба сар яхистонам, зери офтобам кун,
Эй баҳор, обам кун,
Эй баҳор, обам кун!

Боди сарди дунё кард инчунин парешонам,
Овар аз дигар ҷамъам, гулбасар китобам кун.
Эй баҳор, обам кун,
Эй баҳор, обам кун!

То шавад дилам дарё, раҳ барад ба ҳар маъво,
Ҷӯ ба ҷӯ маро бикшо, ҷӯи даршитобам кун.
Эй баҳор, обам кун,
Эй баҳор, обам кун!

Хастагии роҳам бин, роҳро гувоҳам бин,
Як ҷаҳон гуноҳам бин, ҷониби савобам кун.
Эй баҳор, обам кун,
Эй баҳор, обам кун!

Чун зи киштаи бебар нарм аз сарам бигзар,
Гар наруям аз дигар, мурдадил ҳисобам кун.
Эй баҳор, обам кун,
Эй баҳор, обам кун!

Ин манам туро ошиқ, ишқи сабзро лоиқ,
Хоҳӣ ҳамдили содиқ, инак, интихобам кун!
Эй баҳор, обам кун,
Эй баҳор, обам кун,
Эй баҳор, обам кун!

## Барги саломи сабз

Омад баҳор, аз сари раҳ хору хас бигир,
З-ин пас зи атри боғи саҳаргаҳ нафас бигир.

Чун ҳаст асли ҳол басо хуштар аз хаёл,
Мурғи хаёлро нафасе дар қафас бигир.

Барги саломи сабз ба дастони кас бинеҳ,
Барги саломи сабз зи дастони кас бигир.

Дилбастагӣ бибар, ба ҳама ҷо, ки бигзарӣ,
Ҳар дилгирифтагӣ дигар аз хосу хас бигир.

Он роҳро биҷуй, ки суи ҳавас барад,
Бероҳро бигуй, ки роҳи ҳавас бигир.

Дар барги гул навис дигар нома баҳри ёр
В-он номаҳо, ки додӣ аз ин пеш, пас бигир!

* * *

Баҳор омад, биё, дилро ба барги гул бипечонем,
Ба дилҷӯе кунем эҳдо, ба гулрӯе фиристонем.

Бари як лабшакар шинем, рӯзу шаб шакар бинем,
Ҳама ширини дунёро зи умри талх бистонем.

Биё, ҳамчун гияҳ пеши баҳори сабз бархезем,
Биё, дилро чу нахле дар баҳори сабз биншонем.

Кунем аз ҷону дил кӯчат ҳазорон гул ба боғи гил,
Ҳама гулҳои хушгилро ба боғи дил бикӯчонем.

Биё, хуршедро ҷои дил андар сина ҷо бидҳем,
Хазонрову зимистонро зи ҷону дил биафшонем.

Зи ҳар як муғчаву ҳар ғунча дилгармӣ биомӯзем,
Дилу ҷонро зи дилсардиву нашкуфтан гурезонем.

Биё, бар шеъри бемисли табиат саҷда бинмоем,
Нагӯем аз сари мардӣ, ки мо инем, мо онем!

Биафшонем садҳо дони меҳр андар дилу ҷонҳо,
Яке хирман зи ҳар як дони меҳри дил бирӯёнем.

Чу хоҳад буд рӯзе гӯшамон гӯри хамӯшиҳо,
Дар он имрӯз тухми нағмаи булбул бисабзонем!

**Баҳорон табрик!**

Имшаби бедорӣ
Ҷӯи дар хеш хамӯш
Кард ногоҳ хурӯш,
Ҳамчу як роҳрави роҳкушо
Шуд равон бо тарабу созу наво,
Гуфт: «Баҳорон табрик!»

Ними шаб,
Шуда бо дидаи рӯшан бедор,
Чун туву ман бедор,
Кӯл аз маҳбаси ях ёфт раҳо,
Гуфт: «Баҳорон табрик!»

Моҳи нав –
Он гули зардаки афлок шукуфт,
Бо ҳиҷоби сияҳи абр «худоҳофиз» гуфт,
Нозанин
    пас ба замин
        карда нигоҳ,
Дид дар оинаи кӯл чи зебо худро,
Гуфт: «Баҳорон табрик!»

Субҳдам
Омад аз дур парастуи шинос
Боз бар лонаи дерин ба сипос,
Бол афшонда дилоро чу ҳумо,
Гуфт: «Баҳорон табрик!»

Баъд аз ин
Муғча нагунҷид ба пӯст,
Гуфт: «Берун некӯст!»
Ғунча хандидаву гуфт:
«Рост гуфтӣ, эй дӯст!»
Ёфт раҳ бӯи раҳидан ба фазо,
Кард булбул ба қафас низ наво,
Гуфт: «Баҳорон табрик!»

Хӯҷаи Хизри саҳар
Ҷелаки сабзи баҳораш дар бар,
Саллаи сабзи баҳораш бар сар,
Селаи турнаи хушбол чу тасбеҳ ба даст,
Рӯшанипарвару анворпараст,
Дастаи нури сабоҳаш чу асо,
Гуфт: «Баҳорон табрик!»

Ин саҳар
Файзи фалак рехт, ки рехт,
Ашки шодии малак рехт, ки рехт,
Балки омад ба замин нури Худо
Қад-қади риштаи борон зи само,
Гуфт: «Баҳорон табрик!»

Ҳама шаб
Ҷӯй садо карду садо,
Кӯли дилҷӯй садо карду садо,
Моҳи афлок садо карду садо,
Рӯшану пок садо карду садо,
Пурнаво лона садо карду садо,
Мурғаку дона садо карду садо,
Ғунча болида садо карду садо,
Булбулаш дида садо карду садо,
Риштаи нур садо карду садо,
Бо лаби ҳур садо карду садо,
Хизри тадбир садо карду садо,
Балки тақдир садо карду садо…

Гашта саршор аз анбӯҳи садо,
Дили ман шуд, бахудо, кӯҳи садо,
Бо садоҳои баҳорон ба шумо
Гуфт: «Баҳорон табрик!»

## Савганд

Савганд ба ин кишвари пайванд ба Наврӯз,
Савганд ба сарсабзиву савганд ба Наврӯз;

Савганд ба ин нурфишон Меҳани Хуршед,
Савганд ба уммеди дили миллати уммед;

Савганд ба ҳар иду ба ҳар шодии Меҳан,
Савганд ба озодиву ободии Меҳан;

Савганд ба хокаш, ки ҳама ганҷ биёрад,
Савганд ба обаш, ки ҳама нур биборад;

Савганд ба ҳар кӯҳ, ки тимсоли ғурур аст,
Савганд ба ҳар рӯд, ки сарчашмаи нур аст;

Савганд ба шеъраш, ки баланд аст чу кӯҳаш,
Савганд ба меҳраш, ки фузудаст шукӯҳаш;

Савганд ба ҳар сабзаи бархоста аз хок,
Савганд ба ин хок, ки болост зи афлок;

Савганд ба ҳар нахли тару меваи покаш,
Савганд ба ин лафзи хушу шеваи покаш;

Савганд ба ҳар модари дилпарвару дилсӯз,
Савганд ба ҳар тифлаки хушқисмату хушрӯз;

Савганд ба ҳар лонаяки шохи дарахташ,
Савганд ба ҳар хонаи пайвастаи бахташ;

Савганд ба ҳар дил, ки пайи меҳру сафо рафт,
Савганд ба ҳар мард, ки бо роҳи вафо рафт;

Савганд ба ин мақсади созандаи воло,
Савганд ба ин Раҳбари донову тавоно;

Савганд, ки сарсабзии ин мулк бихоҳем,
Наврӯзи Ватанро ҳамагон пуштупаноҳем!

# 4. ЗИСТАН ШОИРОНАВУ МУРДАН

## Қуллаҳо

Ҳамчу миллат агарчи дар дунё
Халқи мо будааст каммиқдор,
Аз бузургон сухан равад гоҳе,
Кист монанди халқи мо бисёр?

Он қадар қуллаҳо, ки мо дорем,
Кӯҳсоре чу мардуми мо нест,
Лек бо ин ҳама дар ин дунё
Хоксоре чу мардуми мо нест.

Ҷои лашкаркашу ҷаҳонгирон
Мо басо шоири закӣ дорем,
Сари сарчашмаҳову дарёҳо –
Рӯди шодоб – Рӯдакӣ дорем!

Бо ғуруре, ки дошт Фирдавсӣ,
То кунун беҳтарин ватандор аст,
Рустамаш то ба ҳол бар сари зин
Баҳри номусу ор подор аст.

Менамояд табобати олам
Ҷовидон Бӯалии хушномаш.
Гашта ҳамсоғари бани одам
Ҳофизу Мавлавию Хайёмаш.

Лафзи ширини шеъри тар охир
Кард мафтуни худ Низомиро,
Ҳеҷ кас дар ҷаҳон намефаҳмад
Мисли мо он бузурги номиро.

Он дигар, гарчи буд бадри сухан,
Бо сафо хешро Ҳилолӣ гуфт,
Баски дар осмони шеъри дарӣ
Бадру хуршед бешумар бишкуфт.

Он якеро ба ифтихор имрӯз
Ҷумла ҳамҷону ҳамбадан хонад
В-он дигарро ба ҳилаҳо ҷамъе
Асли ҳамқавми хештан донад.

Ҳарчи гӯянд душманон, гӯянд,
Ҳарчи гӯянд дӯстон, нек аст.
Бӯалӣ бо забони худ гӯяд:
Порсотинат асту тоҷик аст…

Ҳамчу миллат агарчи дар дунё
Тоҷикон будаанд каммиқдор,
Аз бузургон сухан равад гоҳе,
Нест монанди халқи мо бисёр.

**Надидӣ мил…**

Аё эй Рӯдакӣ, эй аз суудон,
Дурудат вирди ин соҳибдурудон,
Бидидӣ шуълаи нилии гӯгирд,
Надидӣ мил дар дасти ҳасудон...

**Қасидаи ифтихори Фирдавсӣ**

Дуруди ёр туро, эй диёри Фирдавсӣ,
Нисори ту гули дил, эй баҳори Фирдавсӣ.

Зи ифтихори дигар шоирони хеш магӯ,
Туро бас аст ҳамон ифтихори Фирдавсӣ.

Ба ҳам биёяд агар ҷумла нангу ори ҷаҳон,
Намерасад ба яке нангу ори Фирдавсӣ.

Чу пойкори ҳунар буд поядори ҳунар,
Ҳунар бувад ба ҷаҳон пойкори Фирдавсӣ.

Парида ранги ҷаҳон эй бас аз мурури замон,
Ҳамон ки буд, бувад рангубори Фирдавсӣ.

Ҳазор тахт нагун шуд, ҳазор шоҳ гадо,
Ба тахти хеш бувад шоҳкори Фирдавсӣ.

Ҳазор шоиру шаҳнома омад аз пасу лек
Ҷаҳони зӯр бувад боз зори Фирдавсӣ.

Фузун ба дашти сухан шаҳсавори тунд, вале
Расидане набувад бар ғубори Фирдавсӣ.

Барои сулҳ бувад ҷумла ҷанги Рустами ӯ,
Ниқори ақл бувад ҳар ниқори Фирдавсӣ.

Чи пурнишонаву пирӯзу ҷовидона бувад
Алайҳи бехирадӣ корзори Фирдавсӣ.

Чи номдор шавад зиндагӣ, бикӯчад агар
Ба саҳни умр ҳама номдори Фирдавсӣ.

Гузашти умр бикоҳад зи бору барги ҷаҳон,
Фузун шавад ҳама дам баргу бори Фирдавсӣ.

Ба боғи маънию шохи хирад бубин, ки бувад
Ҳазор сол пурово ҳазори Фирдавсӣ.

Ба осмони хирад ҳар даме кунад парвоз
Ҳазор мурғи дил аз шохсори Фирдавсӣ.

Арӯси маънӣ аз он рӯзгор то ба абад
Чу ёри зор бувад интизори Фирдавсӣ.

Ба сӯи киштгаҳи ташнаи дилу ҷонҳо
Равон бувад сухани обдори Фирдавсӣ.

Бибин, расида чи пурбор донаҳои хирад
Зи роҳи хомаи ҳамчун сипори Фирдавсӣ.

Ҳамеша бар ҳадаф андар шикоргоҳи сухан
Расида тири тари дилшикори Фирдавсӣ.

Қабули миллату қавми ҳама замона бувад
Расули номаи пайғомдори Фирдавсӣ.

Равон ки буд, равон монда ҷониби фардо
Зи роҳи дил сухани раҳсипори Фирдавсӣ.

Бибин ту хомаи хуршедро – ба оби тило
Ба лавҳи арш нависад шиори Фирдавсӣ.

Ҳазору як шаби нуронии дили мо шуд
Мунаввар аз ҳаваси рӯзгори Фирдавсӣ.

## Як сатри равону ноб

Дилбанд Хуҷанд, ҳамдаму ёри Камол,
Дар ҳар қадами ту ҳаст осори Камол.
Ҳар кӯчаи рӯшанат бувад пеши назар
Як сатри равону ноби ашъори Камол.

## Файзи пайванд

Камоли покҷон аз хоки поки Тоҷикистон буд,
Гирифт аз меҳр дар оғӯш хоки поки Табрезаш,
Зи чашми ҷону дилҳо файзи ин пайванд пинҳон нест,
Ба ду мазраъ сафобор аст хоки поки гулбезаш.

## Ҷомӣ

Агар шеъри Аҷамро ҳафт номист,
Яқин, дар он миён фарзона Ҷомист.

Гуҳар кард ӯ суханҳои дариро,
Ба дунё бурд лафзи модариро.

Забони тоҷикиро тоҷ бинмуд,
Дар он нав шеваи меъроҷ бинмуд.

Бувад то ҷовидон ин лафзи номӣ,
Чу он зинда-ст ҷовидона Ҷомӣ!

## «Ҳар ки моро ёд кард…»

*(саҳнаи манзум)*

### Оғоз

*Зангӯла, ки рамзи қофилаҳои асливу рамзист, се бор садо медиҳад. Баъд хомӯшии тамом ҳукмфармо мегардад ва зимнан садои Рӯҳи Ҳамадонӣ ба гӯш мерасад.*

*Антураж дар тапишу такопӯст.*

Ҷаҳон роҳу мо раҳравони вайем,
Агар пири вай ё ҷавони вайем.

Як оғоз дорад, як анҷом роҳ,
Чи хуш, тай шавад гар ба хуш ном роҳ.

Манам раҳраве, роҳсанҷидаам,
Нахӯрдаҷаҳонам, ҷаҳондидаам.

Ба дунёи имкон басо гаштаам,
Кучо роҳ бо пой бинваштаам,

Маро қасд дунёи имкон набуд,
Ба ҷуз таййи дунёи Инсон набуд,

Бирафтам ман аз пушти Инсон ба дур,
Расидам дар ин роҳ охир ба Нур,

Кашидам аз он Нур то хеш роҳ,
Расидам ба худ, Нури покам гувоҳ…

Пас аз ранҷи афзун ба ҷону ба тан
Бидидам, ки Инсон бувад қасди ман,

Варо ҷавҳари ин ҷаҳон дидаам,
Дар ӯ Нурро ҷовидон дидаам.

Зиҳӣ, эй ҷаҳонсоз Инсони пок,
Ки то Нур раҳ ҷустӣ аз рӯи хок,

Зи зулмоти фонӣ чу бигсехтӣ,
Ту бо Нури ҷовид омехтӣ…

*Шеърхонӣ қатъ ва ҳама ҷо сокит мешавад.*
*Тарҳи Рӯҳ бо нури чароғҳо меомезад.*

**Садои 1**

Гирифт, инак, устоди дори вафо
Зи дорулфано раҳ ба дорулбақо…

Басо дар ҷаҳон гом бардошт ӯ,
Ба сад мулки дунё сафар дошт ӯ,

Азизи касон дар ҳама ҷо бишуд,
Басо ташнаро рӯду дарё бишуд.

Аз он ҷумла пурнур мулку макон
Кӯҷояш шавад хонаи ҷовидон?

## Садои 2

Ба вопас нафасҳояш ин бурҷи дин
Васият намуд, эй азизон, чунин,

Ки оромгоҳам ба Хатлон кунед,
Яке мушкилам ҳаст, осон кунед…

## Садои 3

Зи Эрон чу бархост ин номвар,
Чаро хок гардад ба мулки дигар?

Ҳамадон варо беҳтар аз ҷон бувад,
Саранҷом ҷояш Ҳамадон бувад!

## Садои 4

Беҳин ҷои дунёш Кашмир буд,
Муридаш ҳама халқу ӯ пир буд,

Бимонед, Кашмир ҷояш шавад,
Сари халқи он пеши пояш шавад!

## Садои 5

Ҳамин пири комил намуда раҳо
Басо ҳиндувонро зи бахти сиё,

Зи ваҳдат ба ҳар як сабақ додааст,
Ба сӯи Ҳақаш роҳ бикшодааст.

Адолат ҳамин бошад, эй дӯстон,
Ки бошад мазораш ба Ҳиндустон!

## Садои 6

Ба Балху Ҳирот ӯ гузар карда буд,
Ба ҳоли дили мо назар карда буд,

Басо монда аз фазли ӯ хотирот,
Шавад наъши покаш ба Балху Ҳирот!

## Садои 2

Ҳама андар ин гирудор одилед,
Ки аҳли сафоеду аҳли дилед,

Ҷаҳон сарбасар ошиқи рӯи ӯст,
Ҳама кӯи ёрон беҳин кӯи ӯст!

Вале байни ёрон чу бархост баҳс
Ва, ҳаққо, дар ин боб барҷост баҳс,

Ҳақ аст он касе, к-андар ин моҷаро
Тавонад бибардорад аз ҷо варо,

Бибардораду бар диёраш барад,
Ба хоки накӯ мулки худ биспурад.

*Ҳама банавбат тобути рамзиро бардоштан мехоҳанд, вале наметавонанд. Чун нафаре, ки аз васият гуфта буд, даст ба тобут мебарад, он осон рӯи дастон шуда, ба ҳаракат медарояд.*

## Садои 2

Дигар ин азизи сағиру кабир
Ба Хатлон шавад ҷовидон ҷойгир,

Муридон шитобанд аз чор сӯ
Суи хоки поку сафобахши ӯ,

Диҳад халқро иттиҳоди яқин,
Кунад қавмҳоро қарибу қарин

Ва Хатлон диёри саодат шавад,
Яке нуқтапайванди ваҳдат шавад!

*Издиҳом ба ду ҷониб ғайб мезанад.*

*Рӯҳ гӯё пардаи саҳнаро мекушояд ва пеши назарҳо манзараи ошнои мақбараи Ҳамадонӣ намоён мешавад.*

**Ҷои Туғрал**

Ба шеъру зиндагонӣ ҷои Туғрал
Бувад дар ҳиммати волои Туғрал.

Ба мислаш бедили Бедил наёбӣ,
Зи дил сабз аст ҳар иншои Туғрал.

Ба дашти шеъри Бедил ӯст Маҷнун,
Ниҳонмаънӣ фақат Лайлои Туғрал.

Гузаргоҳи ғизолони ғазал шуд
Зи як мушкинқалам саҳрои Туғрал.

Расида то Самарқанду Бухоро
Зарафшон не агар, дарёи Туғрал.

Сари бар авҷи гардун дошт азбас,
Налағзид аз раҳи ҳақ пои Туғрал.

Чу дид – ӯ ҳеҷ парвояш надорад,
Накард афлок ҳам парвои Туғрал –

Пурармон, чун ба чашми қотилаш, монд
Ба чашми зиндагӣ симои Туғрал.

Ба ҳасрат раҳ ба раҳ дилхун Зарафшон
Бигӯяд: вои Туғрал, вои Туғрал…

Садои тири туғралкуш наёрист
Барад аз ёди халқ овои Туғрал!

**Қасидаи Лоҳутӣ**

Дили тангаш ба ҳоли танг андохт,
Варо бо тангчашмон ҷанг андохт.

Диёрашро ба озодӣ садо кард,
Садо дар Ҳинду Руму Занг андохт.

Вакилону вазирони дурӯро
Ба фикру зикр аз авранг андохт.

Варо фарҳанг ҳам буд инқилобе,
Дилашро дар раҳи фарҳанг андохт.

Сухан дарёфт аз авзои даврон,
Зи зарби инқилоб оҳанг андохт.

Чу бар Айнии ҳамсанги замон дид,
Худашро дар бари ҳамсанг андохт.

Суханро бо сухан доронд бозӣ,
Сухангӯро ҳама дар нанг андохт.

Чу тире буд ҳар шеъраш, ки чолок
Ба табъи кӯру завқи ланг андохт.

Ба боғи шеър хуш-хуш мева афшонд,
Ба боғи шеърбофон санг андохт.

Суханро буд ранг аз рӯ парида,
Ба рӯяш аз дигар ӯ ранг андохт.

Ба ашъори хуши зангӯладораш
Зи хотирҳои ёрон занг андохт.

Ба рӯи навҷавон гул диду болид,
Зи рӯи пирмард ожанг андохт.

Дили фарзонаашро бе дареғе
Ба роҳи ёри шӯху шанг андохт.

Барои дӯстонаш чанг бинвохт,
Ба рӯи душманонаш чанг андохт.

Равону сода бо мардум сухан кард,
Зи шеър ӯ ҳилаву найранг андохт.

Ба шеър аз нав ғурури «Шоҳнома»,
Ҳавои Мониву «Аржанг» андохт.

Ба душман хӯрд ҷумла тири шеъраш,
Ки аз фарсанг то фарсанг андохт.

Зи сангарҳо шунав шеъру сурудаш,
Замон шеъри варо оҳанг андохт.

## Шеъри роҳ

Дар ҷаҳон роҳе агар манзилбар асту сода аст,
Сатри шеъри содаи устод Турсунзода аст.

Хешро дар роҳи умр аз ранҷи роҳ огоҳ кард,
Роҳҳоро шеър карду шеърҳоро роҳ кард.

Роҳҳо бурданд ӯро то ба дурии ҷаҳон,
Шеърҳо бурданд ӯро дуртар – то ҷовидон.

* * *

Як умр пеш-пеш
Аз ту равон фақат
Як хомаи ту буд
(Дар номаҳои ту).
Баъд аз чунон ҳаёт
Инак, бувад равон
Он гуна аз ту пеш
Танҳо асои ту.

## Қаламҳой

*Барои Бозор Собир*

Ҳар ки аз қисмат бадар омад аламкаш,
Мекунад қисмат варо охир қаламкаш,
То кашад умре қалам бо ройи қисмат,
Ҳар аламро афканад дар пойи қисмат.

Ҳар ки омад, дар дилу ҷонаш қаламхор,
Мекунад қисмат варо охир қаламкор,
Қисматаш созад қаламкори замона,
То кашад аз дил қаламхори замона.

Ҳар киро қисмат кунад пуштиқаламрав,
Бас варо дар умр авроқе қаламрав,
Мешавад ӯро қалам обу қалам дон,
Ганҷу ганҷураш – қаламнойу қаламдон.

Ҳар касеро буда дар қисмат қаламчӯб,
Мекунад қисмат варо охир қаламкӯб,
Мекунад ӯро қалам бад ё қалам хуб.

Резадаш ашки аламдорон ба реша,
Гиряд ӯ беш аз аламдорон ҳамеша,
Бошадаш ашки қалам борон ҳамеша.

Чун расид аввалқадам аз мом ғамхор,
Монадаш тақдир то фарҷом ғамхор.
Бин сиротулмустақимаш дар қаламчӯб,
Чӯби тобуташ шавад охир қаламчӯб.

Офарида ҳар киро қисмат қаламбанд,
Офарад як умр бояд ӯ қалампанд,
Н-оварад як умр бояд ӯ қаламфанд.

Ҳар ки аз қисмат расида пандхӯрда,
Зумрае ӯро бихоҳад фандхӯрда,
Яъне, ӯро дар ҳама раҳ фанд созад,
Бехабар, к-ӯ фандҳоро панд созад.

Ҳар ки аз қисмат бадар омад қаламзан,
Ӯ қаламро мекунад як узв дар тан,
Мешавад ӯ бо қалам яъне чу ҳамтан.

Ҳар ки аз қисмат бадар омад қаламрон,
Дар раҳи қисмат варо ту бо қалам мон,
Кай канад дил аз қалам, гарчӣ канад ҷон,
Бо қалам ӯе, ки дар худ меканад кон.

Як қалам донад фақат роҳи сиришташ,
Аз сари сахти қалам бин сарнавишташ.

Ҳар ки аз қисмат бурун шуд бо қаламной,
Бин ҷудояш аз қаламбози қаламхой,
Фарқ дорад аз қаламсозони одӣ,
Фарқ дорад аз қаламбозони бодӣ
Бо қалам, яъне, як ангушти зиёдӣ.

Гар қаламдаст орадат қисмат ба дунё,
Мешавӣ охир қаламдасту қалампо,
Менависӣ бо қалампоят раҳатро,
Бо қаламдаст – оҳи ҷони огаҳатро.

Ҳар ки аз қисмат расида бо қаламной,
Оқибат нойаш қалам гардад, қалам – ной,
Савти худро менавозад бо қаламной,
Яъне,
    мегӯяд замонро бо қалам «Ҳой!»

Аз азал ҳар кас намуда бо қалам хӯ,
Орад ӯ аз рӯи олам бар қалам рӯ,
Баъд аз инаш зиндагии беқалам ку?
Баъд аз ин ӯро саропо дар қалам ҷӯ!

Ҳар садояш – ҷону дилро ҳамсадое,
Байтҳояш – хонаи бебайтҳое,
Сатрҳояш – роҳҳои ошное.

Бехато хат мекашад ӯи қаламкаш,
Бори қисмат мекашад ӯи аламкаш.

## Иқрор

Гарчи мо ҳам олимони содиқем,
Гарчи мо ҳам шоирони ошиқем,
Лек мебояд шудан мардона иқрор:
Пеши Лоиқ мо ҳама нолоиқем,
Пеши Бозорем мо як майдабозор!

Лоиқи Бозори шеъру шоирӣ мо нестем,
Низ дар бозори Лоиқ зеби савдо нестем!

## Ҳикояти шеър

*Ба ёди Ҳабибулло Файзулло*

Содадил шогирди донишгоҳ будем,
Орзӯмон буд аммо
Шуҳраи ашъор будан,
ҲамрадифиЛоиқу Бозор будан;

Хомафарсой, аз ин рӯ, корамон буд,
Тарҳи хушрӯи арӯси шеър дилҷӯ ёрамон буд.

Ҳар як аз мо –
Ҳамсабақҳои равон
бо сатрҳои норавон
бар кӯи шуҳрат,
Гарму ҷӯшон,
Аз дилу ҷон
Асли шеъри ноб медонист
ҳазёнпораҳои сарду хоми хештанро,
Роҳи фардои башар мехонд –
Ҳатман! –
Сатрҳои норавону бенизоми хештанро.

Дафтари шогирдии «ашъор» зери каш,
Зумрае мерафт ҳатто
Пеши шоирҳои машҳур,
«Шеърҳо»-и хешро мекард манзур…

Аз шумори ҳамсабақҳо
Як нафар бо ман қарин буд,
Байни донишҷӯйҳо
аз «шоирони аввалин» буд,
Балки дар кайҳони шеъру шоирӣ
«тири замин» буд…

Бо даҳони пур гаҳе мегуфт «Муъмин»,
Бо даҳони пур гаҳе мегуфт «Бозор»,
Бо даҳони пур гаҳе мегуфт «Лоиқ»,
Гӯиё буданд онҳо ҷӯраҳояш,
Ҳамдаму ҳамсолу ҳампояш,
Балки ӯ устод буду
он се устоди яқин – шогирдҳояш…

Боре ӯ нохост
Як «шеър»-и маро ҳам хонд,
Лаҳзае истоду ғайриинтизора кард таҳсинам,
Баъд – талқинам:
«Бад нагуфтӣ…» – гуфт,
«Гарчи ҳоло дур насуфтӣ… – гуфт,
Боз дорӣ шеър?
Ҳатман назди Лоиқшо бибар,
Гар бихоҳӣ, ман ба ӯ мегӯям аз боби ту…
Бепарво бибар!»

Ман ҳасад бурдам ба ӯ он дам,
Ки ҳампаҳлӯи шоирҳост,
Аз барояш
Лоиқи машҳур «Лоиқшо»-ст…

Баъд аз он суҳбат
Оташе дар ҷони ман афтод,
Ҳамчу шоирпеша дар дунёи донишгоҳ
Номи ман ҳам ногаҳон бар сад даҳан афтод.

…Рӯзе,
Айёми баҳорон,
Бо ҳазорон изтироби ҷон,
Сӯзу созу печу тоби ҷон
Дафтари шогирдиам – даҳ шеъракам дар даст,
Раҳ гирифтам сӯи «кох»-и шоирон
(Иттифоқи гарми Турсунзода он вақт
Як бинои сода буд, аммо
Кох метофт аз шукӯҳи шеъру шоир дар хаёли мо!).

Ҳасрато,
Лоиқ набуд он вақту андар дафтари ӯ
Менишаст –
Андар мулоимкурсии фартут,
Аммо дар ҷаҳони хештан – шоир Ҳабибулло.

Ӯ маро аслан намедонист,
Ман вале якчанд медонистам ӯро,
Гоҳ-гаҳ медидамаш ин ҷову он ҷо;
Дар ҳама дидан шитобон буд,
Дарди шеъраш дар дилу худ чеҳрахандон буд.

Баъд фаҳмидам,
Ки умре мешитобад,
То касеро бо касе ҳамдам бисозад,
Аз диле то дур дарду ғам бисозад,
Бо яке ҳампо бигардад,
Дасти дигарро бигирад –
Ёри одамҳо бигардад.

Баъд фаҳмидам,
Ки медонистааст ӯ гӯиё –
Умраш кам аст,
Мешитобидаст,
То як лаҳзаро надҳад зи даст…

«Ҳа, сағира! – Гуфт бар ман, –
Шеър овардӣ?»
«Шеър…» – гуфта, лол мондам,
Ногаҳон беҳол мондам,
Хешро дар хеш –
Баҳри кори густохонаам – бераҳм афшондам;
Шукр, он вақт
Волидонам зинда буданд,
Бар сарам меҳру маҳи тобанда буданд,
Як каме ранҷидам аз шоир Ҳабибулло,
Чун «сағира» гуфт бе боис маро.

Баъд фаҳмидам,
Ки он будаст ӯро вожаи нӯгизабонӣ,
Ҳарфи бад, таҳқир не,
Будаст навъе «меҳрубонӣ»,

Чунки ҳар барподиле,
Афтодаи раҳ, ё батадбир аст,
Гар бибинӣ нектар,
Аслан сағира-ст;
Гарчи бошад то ба гардун сарфароз,
Бар навозиш бошадаш умре ниёз…

«Пас, бишин!» – гуфтову бар курсӣ ишорат кард,
Гарм-гарм аз ину он як лаҳза суҳбат кард,
Гуфт баъдан:
«Нест Лоиқ,
Лек меояд.
Ғам махӯр,
Ин аст дунё –
Мард умре роҳ мепояд:
Ҳамчу шоирпеша гоҳе роҳи Лоиқро,
Гаҳ чу ошиқ роҳи як дилдори мушфиқро…
Гар напоӣ роҳ, мақсудат намеояд,
Аз раҳи бахти накӯ судат намеояд…
Ман худам бетоқатам бисёр, лекин
Бар ту мехоҳам,
чу бар як додари худ,
сабру тамкин…»

Боз чанде гуфт аз ину аз он шоир Ҳабибулло,
Карда аз банди ҳаросу ҳабси эҳсосам раҳо.

Баъди чанде
Интизорӣ ҳам сар омад,
Ногаҳон Лоиқ даромад,
Бо ҳамон шӯру ҳамон туғён,
Андаке қоматхамида,
Халтаҳо дар зери чашмон;
Баъд фаҳмидам:
Хамии қоматаш

Буда аз бори гарони зарфи ҳарфи ҷовидона,
Халтаҳои зери чашмонаш –
Ҳосили шабзиндадориҳои поки шоирона…

Даст дод ӯ бар ману шоир Ҳабибулло,
Рафт пас, бар ҷои худ биншаст
(Буд ҷои ӯ бари боло).

«Ин бародар интизори туст кайҳо», –
Гуфтаву шоир Ҳабибулло ба сӯи ман ишорат кард,
Фикри Лоиқ буд банди чизи дигар,
«Интизори ман бувад ин ҷо ҳама!» – гуфт…
Лек манзури маро бишнуфт;
Гуфт:
«Аз ин даҳ шеър мехонам якеро,
Гар писанд ояд, давомашро бихонам,
Лек ҳоло не, пагоҳ…
Ҳамраҳи устод Боқӣ
«Маснавӣ»-хонӣ бувад имрӯз кори мо.»

…То саҳар он шаб нахобидам,
Хештанро борҳо афтодаву бархоста дидам,
Аз хаёли хуш гаҳе дар хеш болидам,
Аз пушаймонӣ гаҳе дар хеш нолидам,
Сад садои ноаён дар хеш бишнидам…

Рӯзи дигар боз
Бо ҳазорон изтироби дил,
Сӯзу созу печу тоби дил
Хешро дарёфтам дар Иттифоқ;
Ваҳ, чи сон мехостам –
Бошад кунун ҳам дар барам шоир Ҳабибулло,
Чун миёнҷӣ,
Қуввати дил,
Муттако…

Лек он рӯз
Буд Лоиқ тоқ;
Гуфт:
«Хондам дафтаратро,
Ёфтам ду шеър,
Боқиро бипарто!
Баъд аз ин,
Чун дар ҳамин ду шеъракат,
Аз дардҳои хештан бинвис,
Аз дилу аз ҷон барои хештан бинвис,
Лек ҳар бинвишта
Бояд дархури ҳоли касон бошад,
Сатрҳоят роҳи ҳамвору аён бошад,
Ҳарфҳоят,
Ҳамчу инсонҳо,
Дар ин раҳ ҷониби фардо равон бошад…
Гар ҳунар дорӣ, чунин бинвис,
Гар надорӣ,
Рав ба русто,
Кори деҳқонӣ бикун –
Сатри замин бинвис…»

Худ намедонам,
Чи сон берун шудам аз дафтари шоир –
Беҳису бедарку бехотир,
Ҳолати мурғи само дархурди ҳолам буд,
Он ду шеъри мунтахаб ҳамчун ду болам буд!

…Инак, аз он рӯзҳо чил сол бигзашт,
Бо ҳазорон сӯзҳо чил сол бигзашт,
Буд умре
Сафҳаи шеъри сафеди босафо субҳи умеди ман,
Шоҳидам – мӯи сафеди ман…

Даҳ китобам чоп шуд,
Гӯё шудам шоир,
Дар ҳисоби соҳибунвонҳо
Нестам ман аввалу ман нестам охир;

То кунун аммо
Сахт метарсад дилам аз дафтару хома,
Сахт метарсад зи нозу фахри беҳангому ҳангома;
Ман намедонам, расида сатрҳоям то касон ё на,
Бурда чун раҳ як нафарро то макон ё на;
З-ин сабаб,
                бисёрҳо гуфтам ба худ,
                                    аз роҳ баргардам,
Аз пайи кори дигар гардам,
Лек ҳар бор
Аз дигар шоир Ҳабибулло маро бар ёд меояд,
Чун миёнҷӣ,
Муттако,
Имдод меояд,
«Ҳа, сағира! – сахтгап мегӯяд ӯ бар ман, –
Шеър овардӣ?
Ба заҳмат ё надодӣ тан?!
Як сухан мегӯямат,
Медор дар ёд:
Зиндагӣ бисёр шоир зод,
Лек аксар дар ҷаҳони пургазанд
Ё сухан барҷо намеёбанд,
Фурсат ё намеёбанд…
З-ин сабаб
Ҳар он ки меёбад сухан барҷо,
Низ фурсат дар ҷаҳони бебақо,
Бояд сухан гӯяд,
Он нагуфта розҳои мову ман гӯяд!»

«Ғам махӯр! – мегӯяд ӯ, –
Ин аст дунё:
Мард умре роҳ мепояд,
Аз раҳ аммо на ҳамеша дилкашу дилхоҳ меояд…
Бар ту, аз ин рӯ, дар ин даҳри пур аз танбеҳу таҳсин,
Гарчи худ бетоқатам бисёр,
Мехоҳам, чу бар як додари худ, сабру тамкин…»

Гарчи як умр аз миён бигзашт,
То кунун
Дар хобу бедорӣ
Он ҷавони ҷовидон
Бар додари пираш ҳамон сон
Мекунад то ҳол талқин

Сабру тамкин.
Ончунон мегӯяд аз ҷону самимона,
Тунд чун инсону чун шоир ҳалимона,
Ки бетамкин дили ман
Мешавад аз аҳли сабру роҳ мепояд,
Бо умеди он ки рӯзе
Аз раҳи пурпечутобу пуразоби сатрҳо –
Ҳамтакяи тақдир,
Ҳамчун ҳадяи тақдир –
Шеъри дилкашу дилхоҳ меояд…

*2012, марти 2015*

**Фанни Ватан**

На, эй азиз, зи нав дар Ватан ватан кардӣ,
Ватан чу нур ту дар чашми мову ман кардӣ.

Ту ҳам зи аҳли амал ҳастиву Ватан obод
Зи хиштҳои тилои тилосухан кардӣ.

Куҳансарои суханро ҷилои нав додӣ,
Бинои тоза зи обу гили куҳан кардӣ.

Хасаш касе шуду хораш гули хаёл туро,
Зиҳӣ, ки аз хасу хори Ватан чаман кардӣ.

Самои хотират аз вижавожа анҷум дошт,
Зи ҳарфи ноби пуранвор анҷуман кардӣ.

Ту тан ба заҳмати ҷонкоҳи шоирӣ додӣ,
Барои шеър зи ҷон ҷанги танбатан кардӣ.

Ғизот – мағзи сухан, шеъри обдор – обат,
Малаксухан шудиву тарки мовуман кардӣ.

Ҳазор ҷӯи пур аз шири шеъри ту ҷорист,
Сад аҳсанат, ки равон кори Кӯҳкан кардӣ.

Зи фанди нокасу кас дигарат чи бок бувад,
Ки фанди шеъри Ватанро тамом фан кардӣ.

**Марди сухан**

*Барои Абдулҳамиди Самад*

Нест афзун он қадар марди сухан,
Марди огаҳ аз ҳама дарди сухан.

Бурдану овардани як хома нест
Хомадоро, бурду оварди сухан!

Як амал дар зиндагонӣ мушкил аст –
Сохтан бо гарму бо сарди сухан.

Дар сухан бин сурхрӯиро фақат,
Дар сухангӯ – чеҳраи зарди сухан.

Зерсанги осиёбаш мешавӣ, –
Нест осон ёфтан гарди сухан!

Мешавад бо дарди дил як умр ҷуфт,
То сухангӯ мешавад фарди сухан.

Зуд ҳосил хоҳӣ аз киштат агар,
Кам бигардо гирди огарди сухан!

Мебарӣ сад кӯҳи нозашро ба дӯш,
Мешавӣ то нозпарварди сухан.

Сангро дар синаҳо дил сохтан –
Ин бувад асли амалкарди сухан!

## Булбулнаво

*Ба ёди Фаттоҳ Одина*

Хати нота туроcт шохаи гул,
Ки ба ҳар як нишаста сад булбул.

## Нахли сари по

*Барои Муҳаммад Ғоиб*

Ҳамчу боронзада нахли сари по мегирйем[1],
Даст бар мо нарасонед, ки мо мегирйем.

Пайрави меҳри самоем, ки то шом аз субҳ
Гоҳ хуни ҷигару гоҳ зиё мегирйем.

Абри раҳмат шуда ҳампешаи мо дар раҳи умр –
Худ фано гаштаву бар хок бақо мегирйем.

Низ мо гумшуда дорем фаровону чу кӯҳ
Ҳар ки афғони садо кард, садо мегирйем.

[1]…Ки ҳамчун нахли боронхурда сар то пои ман гиряд. (М.Умед)

Ҳамчу афшурашав ангур ба сарпанҷаи чарх
Дардмандем худу лек даво мегирйем.

Чу ҳавои ба гулӯ гиряву хандони баҳор
Мо баҷо ханданисорему баҷо мегирйем.

З-он ки дар гиря худодод чу мо афзун нест,
Мо ба сад шукр ҳамин доди Худо мегирйем.

* * *

Зи хидмат бар ҳама кас ор кардам,
Ҳамеша хидмати ашъор кардам.

Нахуфтам эй басо, аз ҳарфи рӯшан
Шабонро субҳи пуранвор кардам.

Худо шоҳид, ки умре дидам озор,
Вале андешаи осор кардам.

На бар дӯши касе ман бор гаштам,
На фикри хеш бар кас бор кардам.

Маро тадбир бо тақдир ин буд,
Ки нодаркорро даркор кардам.

Маро ҳарчанд дунё кард афгор,
Ҷаҳонро ман пур аз афкор кардам!

**Рубоиву дубайтӣ**

Рубоиву дубайтӣ чорсӯянд,
Ба боғи завқ ҳамчун чорҷӯянд,
Барои ҳар дилу ҷон чордорӯ,
Барои хушдимоғон чорбӯянд.

## Нуқтаи баҳс

Манзур чу ҳарфу маънии қолабҳост,
Аз қолаби шеър баҳсҳо нобарҷост,
Дар ҳар қафасест баски хушхон булбул,
Гул, дар ҳама қолабе, ки бошад, зебост!

## Нақд

Чи бошад нақд – мастури суханҳоро аён кардан,
Ҳунар ҷустан ва хушзавқона манзури касон кардан.

## Калимаҳо

Калимаҳо, ки расули аёни фикри мананд,
Магӯ муҷассамашон, ҷумла ҷони фикри мананд.
Ҳамешаванд равон бар забони ҷумла агар,
Аҷаб мадор, ки барҳақ равони фикри мананд!

## Сабки ман

Ҳамеша қақраи дил кабки ман буд,
Равон сад ҷӯй аз ҳар набки[1] ман буд,
Хуросонам ҳама, Ҳинду Ироқам,
Ки умре шеъри ширин сабки ман буд.

## Эпиграфи «Хомасӯзан»[2]

Аз хома бигрифтан маро
Донӣ, чи бошад муддао –
Бо хомасӯзан мекунам
Дарди дили худро даво.

---

[1] Таровиш, чакидани об.
[2] Маҷмӯаи шеъри муаллиф.

## Катибаҳо

*Дар китоб*

Рӯ ба рӯи китоб бошӣ агар,
Рӯ ба рӯи ту аст ақли башар.

Мардуми нурофари тоҷикро бошад китоб
Дар ҳама шаб моҳтобу дар ҳама рӯз офтоб.

Ҳар китобе, ки боби зиндагӣ аст,
Баҳри мардум китоби зиндагӣ аст.

Савоби зиндагӣ бояд нависем,
Сароби зиндагӣ бояд нависем,
Ҷавоби ҳар саволу ҳар хитобаш
Китоби зиндагӣ бояд нависем!

Тоҷик аз азал Ватан андар китоб кард,
Аз минбари китоб ба дунё хитоб кард.

Зи ҳар кас ҳарфаке дар ёд бошад,
Маро ӯ бешу кам устод бошад.

*Дар «Кӯҳи садо»*[1]

Ҳар шеъри тар, ки сабт дар ин тоза дафтар аст,
Кӯҳи садои меҳру вафои бародар аст.

[1] Маҷмӯаи шеъри муаллиф.

### Ситора ҳар гаҳат гуфтанд…

Баланду пастро бинмо назора,
Ки бошад ҳарду ҳам панду ишора;
Ситора ҳар гаҳат гуфтанд мардум,
Нигар бар осмони пурситора...

### Умед

Зи коғи зоғ бишнидам навое,
Зи заҳри мор ҳам дидам давое,
Ба шоми тор ҳам ҷустам сафое,
Шинондам нахлҳо баҳри асое.

### Донаву доно

Қисмати донаву доност яке –
Ҳарду ҳам дар таҳи хок осоянд.

### Агар…

Аё онон, ки фахри дил надоред,
Ду-се нособиту ноустуворед,
Агар таъзим аз мо интизоред,
Сари моро ба пои мо гузоред!

### Аз чӣ?

Чунон дар шеърҳоят меҳрубонӣ,
Ки дилҳо мешаванд аз меҳр саршор;
Чунон дар шеърҳоят хушзабонӣ,
Ки берун мешавад аз хонааш мор;

Чунон мардӣ дар ашъорат, ки гӯё
Туро ҳар сафҳа як майдони мардист;
Дар ашъорат чуноне росткорӣ,
Ки ҳар як мисраъат паймони мардист;

Ба он ишқе, ки дар ашъор дорӣ,
Сазад, Маҷнун кунад гар саҷда пешат;
Ба он сидқе, ки дар шеъри ту бошад,
Чи хуш, гар ҷумла гирад ройу кешат;

Чунон дар шеърҳоят ҳақталошӣ,
Ки аз Мурғи Ҳақӣ гӯё нишона;
Чунон дар шеърҳоят пурсипосӣ,
Сипосатро намебошад карона;

Дар ашъорат бувад дардошное,
Шарики мушкилу осони мардум,
Худат эй бас зи мардум дур ҳастӣ,
Вале наздики дастархони мардум.

Дар ашъорат, ки гӯё нест аз ту,
Чунон ину чунон онӣ, бародар!
Дар ашъорат як инсони шариф аст,
Худат аз чӣ на он сонӣ, бародар?

**Зиндабод**

Зинда бош, эй меҳри ман, дар синаи ман зинда бош,
То абад бар рағми бухлу кинаи ман зинда бош.

Дӯстони нав агар гоҳе хиёнат мекунанд,
Содиқо, эй душмани деринаи ман, зинда бош.

Дар дили ман сабзаи ишқи ту бодо бехазон,
Эй сари сабзи ман, эй сабзинаи ман, зинда бош.

Дардманди пору имсолам, давоят мушкил аст,
Эй дили бедарди перооринаи ман, зинда бош.

Омадам пешат чу бо ҷурме, ту бе рӯю риё
Кардаӣислоҳам, эй оинаи ман, зинда бош.

Ганҷи туст, эй шеър, моро ҳосил аз умри азиз,
Ҳамбаҳои умр, эй ганҷинаи ман, зинда бош.

То ба он ҷое, ки меарзидаам, эй зиндагӣ,
Бурдаӣ боло маро чун зинаи ман, зинда бош!

**Болонишин**

Нахонда сатри Айнӣ, садри дин шуд,
Алайҳи рушди дилҳо дар камин шуд,
Бале гуфта балоро, рафт боло,
Алафро хонд алиф, болонишин шуд.

**Орзӯи шеъри дилҷӯи баҳорон**

Барф шеъри пурғами поизро
карда таҳрир,
дар китоби зиндагонӣ
боз шеъри хешро бинвишт имшаб.

Андар он
ҳар роҳ сатри ноаёнест,
ҳар дарахте чун хитоби нобаҷо,
песаҳо ҳамчун ҳиҷои бесадо,
рӯдҳо чун сатрҳои норавонанд,
ҷӯйҳо чун мисраи обаш парида,
ҳаст балки ҳар яке як мисраи беобу дилгир.

Як шаб он сӯ
дар китоби бози тиреза
роҳи оҳан шоҳбайте менамуд.
имшаб онро барф монанди муҳаррир
карда таҳрир.

Ғофил аз оне, ки маҳз он буда як байти асил, –
борҳо бар дӯш дорад,
мебарад низ одамонро то ба манзил.

Чашм сӯи сафҳаҳои шеъри якрангу сафеди барф,
чашм сӯи тораҳои бешумора –
сатрҳои шоири пурҳарф,
орзӯи шоири озодадевон мекунам,
орзӯи шеъри дилҷӯи баҳорон мекунам.

Баъди чанде мерасад ӯ
бо нигоҳи тозаву тар,
шеърҳояш хубу дилбар.
Роҳҳои ноаён –
ин сатрҳои ноаёнро мекунад охир аён,
рӯдҳои норавон –
ин сатрҳои норавонро мекунад охир равон.
Мӯсафеди завқҳоро
мекунад охир ҷавон,
охир ҷавон…

**Бӯи сухан**

То ки ҳастам, сархуш аз бӯи сухан,
Менишинам рӯй бар рӯи сухан.

Ҷовидон аз чор сӯи ин ҷаҳон
Мениҳад дил рӯй бар сӯи сухан.

Сӯи дилҳо раҳ биҷӯям бо ҳавас
Дар ҷаҳони хубу дилҷӯи сухан.

Ҷовидон хонанд дар ҷону дилам
Андалебони сухангӯи сухан.

Ҳамчу деҳқонам, ки умре мебарам
То ба дилҳо аз дилам ҷӯи сухан.

Киштаҳое сабзу обӣ мешавад
Дар дилам аз Вахшу Омӯи сухан.

Сарпаноҳам нест ҷуз ӯ дар ҷаҳон,
Сар ниҳам охир ба паҳлӯи сухан.

## Забон

Агар мо бе забон монем,
Даҳони мо чи кор ояд?
Даҳони бе забони мо чи кор ояд?

Бибин зангӯлаҳои безабонро –
Садо кай медиҳанд,
Арчанд медоранд во доим даҳонро.

Агар кас бе забон монад,
Даҳони боз мемонад,
Ҷаҳони роз мемонад.

Бибин,
Зангӯла ҳам,
Чун безабон шуд,
Бесадо гардид,

Бубин –
Зангӯла ҳам,
Чун безабон шуд,
Зери по гардид.

Шавад зангӯлае чун безабон,
Гардад яқин бозичаи тифлон,
Наояд ҷуз ба санги дасташон дигар садо аз он
Ва ё ояд аз он иҷбориовое ба зарби чӯб,
Садоҳое бурун аз ҷон кунад танҳо ба калтаккӯб.

Шавад зангӯлаҳои безабон бозичаи тифлон,
Шавад соҳибзабони безабон бозичаи даврон.

Гаҳе зангӯлаҳои безабоне ҳам
Зи нав соҳибзабон гарданд,
Забонҳо дар даҳон гарданд,
Чи сон аммо забоне? –
Сарду бегона,
Садо ояд аз он бедарду бегона.
Забон бегона аст азбас, нагунҷад дар даҳанҳошон,
Халал орад ба овошон.

Яқин, ҳар кишваре монанди инсон аст,
Яқин, ҳар кишвареро,
Ҳамчу инсон,
Дардҳое дар дилу ҷон аст,
Яқин, ҳар кишвареро,
Ҳамчу як инсон,
Забони хеш мебояд,
Ки дарди хешро гӯяд,
Давои хешро ҷӯяд…

Забоне, к-ин замон ҳабси даҳон бошад,
Яқин, соҳибзабонаш безабон бошад!

Забон ҳам
Мисли як инсони соҳибдил бувад –
Кай хештанро лол мехоҳад?
Забон ҳам
Чун ҳама гӯёдили нолол
Истиқлол мехоҳад!

**Халта**

Бедард гуфтаӣ ту,
Дар умр хонда шеъре:
«Бин, шоирӣ чи кайф аст –
Як халта пул бигирӣ!»

Худ фикри халтаи пул
Бошад зи ақли калта.
Он халтае, ки гӯӣ,
Дорад ҳазор халта.

Обичахалтаҳое
Дар ҷону дил фузун аст,
Обичахалтаҳое
Лабрези обу хун аст.

Сахт аст чашми худро
Сӯи дарун кушудан,
Дилро даруни сина
Як халта хун намудан.

Бехобӣ оварад бор
Ҳар субҳгоҳ охир
Ду халтаи пури хоб
Зери ду чашми шоир.

## Дар ҳиҷрати Бозор Собир

Бе ту дар ҳар куҷо, ки мебинем,
Гӯшаи узлат асту танҳоӣ,
Ту, ки дар дай баҳори мо будӣ,
Ҳасрато, рафтаву намеоӣ.

То ту будӣ, агарчи вайрон буд,
Дар сухан буд ин Ватан обод,
Дар дилу дар хаёли мо кардӣ
Баски онро ту бо сухан обод.

Рафтиву бе ту рафтаем аз худ,
Бурдаӣ балки мову манро низ,
Рафтиву бе ту мисли беватанем,
Бурдаӣ, гӯӣ, ин Ватанро низ… *1995*

## Соядаст

Сояи дасти ту рӯи ҳар китобе ҳаст,
Андар он гармии рӯи офтобе ҳаст!

## Роҳи дур

Бо ғами бешу кам дар ин дунё
Бар ғами дил намерасам гоҳе,
То сари мизи шеър раҳ дур аст,
Ман ба манзил намерасам гоҳе.

Ман дар ин роҳ гоҳ дилшодам,
Гоҳ ҳастам басо ҳазину ғамин,
Меравам раҳ, намерасам аммо,
Дуртар роҳ нест рӯи замин.

Раҳ махуф асту роҳзанҳое
Мезанандам зи роҳ дар ҳар ҷо,
Раҳзане – корҳои беҳуда,
Раҳзане – айшу нӯшу маҷлисҳо.

Мезанандам зи роҳу месозанд
Дили манро чу кисаи холӣ,
Доимо мебарам ман аз ин роҳ
Ҷону танро чу кисаи холӣ…

Бо ғами бешу кам дар ин дунё
Бар ғами дил намерасам гоҳе,
То сари мизи шеър раҳ дур аст,
Ман ба манзил намерасам гоҳе.

Доимам ҳаст ёди ин манзил
Чун ғарибе, ки бо ғами ватан аст,
Зистан шоиронаву мурдан
Дар ҳамин ҷой орзӯи ман аст.

* * *

Пухтагиҳои ҷаҳон аз сӯхтанҳои ман аст,
Рӯшаниҳояш зи худафрӯхтанҳои ман аст.

Он ҳама бинояш бошад зи нури чашми ман,
Ин ҳама донояш з-омӯхтанҳои ман аст.

Ҳаст аз парвози ақли ман чунин волоназар,
Боддастиҳояш аз андӯхтанҳои ман аст.

Зиндагонӣ инчунин бе ҷурму бе айбу гуноҳ
Аз назар сӯи малоик дӯхтанҳои ман аст.

То қиёмат маншаи осоишу оroишаш
Тохтанҳои ман асту тӯхтанҳои ман аст.

* * *

Сад тарозу дорӣ, аммо ҳамтарозӯям наӣ.
Ройгон кам гӯ, ки ҳамчавгону ҳамгӯям наӣ.

Гарчи бо имои абрӯ дорӣ афзун обрӯ,
Бо ҳама ин обрӯ як гарди абрӯям наӣ.

Рӯзи бахтам нестӣ чун соя дур аз паҳлуям,
Рӯзи сахтам ҳамчу дил аммо ба паҳлӯям наӣ.

Осмонӣ гарчи мегӯӣ суханҳо дар ҳақам,
Ҳамчу чархи мина ҳастӣ, чархи минӯям наӣ.

Мезанӣ аз рӯи дил ҳарфу наӣ боби дилам,
Мезанӣ кӯси тамаллуқ, дархури хӯям наӣ.

Сарду дилгирончунон боди мухолиф ҳар замон
Мерасӣ сӯям зи ҳар сӯ, лек ҳамсӯям наӣ.

Мешавад з-оби даҳонат даштҳо шодоб, лек
Обрӯямро нахоҳӣ, Вахшу Омӯям наӣ.

Бемаҳал дар пеши ман дигар мазан лофи маҳал,
Ҳамдилам гар нестӣ, ҳамшаҳру ҳамкӯям наӣ.

Оқибат ҳарфи шакарворат диламро мекушад,
Талх бошад ҷумлаи дорӯ, ту дорӯям наӣ.

Даст шӯям аз ту, ҷӯи зиндагонӣ ҳам шавӣ,
То чунин беобрӯӣ, лоиқи рӯям наӣ!

## Бими ба зер омадан

Як роз маро бо ду ҷаҳон бознамонда,
Амроз басо мондаву ҳамроз намонда.

Эй даҳр, намондаст касе аз ту дилобод,
Эй чарх, тане аз ту сарафроз намонда.

Рафтӣ чу нафас зуд, аё умри ҷавонӣ,
Аз пушти туям зӯри даву тоз намонда.

Дӣ дар ҳама ҷо сад дари бозам нигарон буд,
Ҷуз хотира имрӯз даре боз намонда.

Дар кӯдакиам буд басо бозии ширин,
Ҷуз бозии тақдир яке бознамонда.

Бар ҷону дилам ларзаи анҷом расида,
Ҷуз дар ҳавасам лаззати оғоз намонда.

Сад бими ба зер омаданам монда чу шоҳин,
Бар авҷ дигар қуввати парвоз намонда.

Атре зи Самарқанду Бухорои ман имрӯз
Ҷуз дар ғазали Хоҷаи Шероз намонда.

Лоқайдиам аз ҳар касу ҳар чиз гузашта,
Ҷуз биму ҳарос аз ғаму ғаммоз намонда.

Созии ҷаҳон буд муроди ману аз ман
Ҷуз соз дар ин олами носоз намонда.

Он ҳофизи пирам, ки маро аз гузари умр
Овоза басо мондаву овоз намонда.

## Садое мерасад…

Садое мерасад аз дур,
Садое –беҳ зи мавҷи нур –
Ҳаму печи диламро мекунад рӯшан.
Садое –нарм мeборад,
Маро бар хеш меорад –
Ҳамегӯяд аламҳои маро бо ман.

Садое –рӯшану зебо
Чу ёди моҳии тилло
Ба дарёи ҳавасбори дилам ногоҳ мелағзад.
Дилам бо хеш меболад,
Зи шӯру шавқ менолад
Ва аз ҷӯши ҳавас дар хеш меларзад.

Равад чини ҷабинам низ,
Зи дил осори кинам низ
Басо нозук – чу чини чеҳраи дарё.
Ба гӯши дил садо ояд,
Ба чашми дил зиё ояд,
Шавам беғаштарин як фарди ин дунё.

Садое мерасад ҳар шаб,
Садое мерасад пуртаб,
Паёме медиҳад аз рӯзи рангинам.
Садое мерасад ҳар рӯз,
Садое мерасад пурсӯз,
Қаринтар мекунад бо сӯзи ширинам.

Чу аз оби равон сарҷӯ
Дилам пур мешавад аз ӯ,
Зи ҳасратҳои арзон мешавам холӣ.

Дигар сар бар фалак дорам,
Ба сар дасти малак дорам,
Аё бахт, ин хушҳоливу хушфолӣ!

Садое – пайки хоҳишҳо,
Пур аз меҳру навозишҳо –
Дили сахти ҷаҳонро мекунад ботил
Ва ман ҳис мекунам рӯшан,
Ки ҳоле меравад бо ман –
Худоро, синаам пур мешавад аз дил!

* * *

Кӯҳи моро каҳ шумурдӣ, зинда бош.
Шамъи худро маҳ шумурдӣ, зинда бош.

Роҳ рафтӣ, фук сӯи осмон,
Каҳкашонро раҳ шумурдӣ, зинда бош.

Даҳрро донистаӣ ғофил, намур,
Хешро огаҳ шумурдӣ, зинда бош.

Кардаӣ ҳамсояро дур аз раҳат,
Сояро ҳамраҳ шумурдӣ, зинда бош.

Дида аз ғафлат шафақро ғарқи хун,
Субҳро бегаҳ шумурдӣ, зинда бош.

Акси маҳро дида дар оби чаҳат,
Нурро дар чаҳ шумурдӣ, зинда бош.

Беҳ-беҳи дар ҳаққи кас бишнидаро
Бе ҳаё баҳ-баҳ шумурдӣ, зинда бош.

Кардаӣ бозӣ ба умри шоирон,
Ҷовидонро гаҳ шумурдӣ, зинда бош...

## Сангпушт ва сангдил

Сангпушти баччагии ман,
Будай як сангпушт,
Будаам як сангдил…

Санги ту дар ёди ман монда
Дар қатори сангҳои бешумори
аз сари ҳар пушта ғелонда.

Ҳар куҷо медидиям,
Аз тарс андар хеш мерафтӣ фурӯ,
К-ин замонат мекунам беғам пурӯ,
К-ин замонат тунду бесар
Мекунам ҷар…

Зиндагӣ баъди ту аз кӯҳу ҷараш
афзун маро ҷар кардааст,
Ҷаршуданҳои туро ҳар лаҳза
пеши чашми ман оварда боз,
Аз алам чашми маро тар кардааст…

Зиндагӣ фориғ накард аз моҷарои сангпуштам –
Хонабарпуштам намуду чангпуштам…

Сангпушти баччагии ман,
Санги хунолуди пуштат
Санги дилро андаруни синаам
ҳар дам ба хун тар мекунад,
Ёди ту
Ҳар лаҳзае ашки маро
Аз пуштаи рухсори ман ҷар мекунад…

## Қарз

Нахустоғози ман чун аз ту буда,
Басо бо ту намудам бозӣ, эй хок,
Ман охир мешавам бо ту баробар,
Ки бошӣ аз ман охир розӣ, эй пок.

Ба тифлӣ дар бару дӯшам ту будӣ,
Пасам бардоштӣ умре ту бар дӯш.
Дар оғӯшат агар бигрифта будам,
Ту мегирӣ маро охир дар оғӯш.

Басо беҳудаат барбод додам,
Ҳамехоҳам зи ту имдод охир,
Аз ин ҳамқисматӣ бо ту хушам ман,
Ки бо ту меравам барбод охир.

Туям рӯи ҷаҳон бурдӣ сари дӯш,
Туро мижгони ман рӯи ҷаҳон бурд.
Дар аввал гар туро ман хӯрда будам,
Ту, эй хок, оқибат хоҳӣ маро хӯрд.

* * *

Аз яке бедод мемонад,
Аз яке имдод мемонад.

Зинда рӯзе меравад ғамгин,
Зиндагонӣ шод мемонад.

Мерасад шогирд бар ҷое,
Ғуссаи устод мемонад.

Умри ширин мешавад охир,
Қиссаи Фарҳод мемонад.

Мешавад сад кох хоки роҳ,
Кохи дил обод мемонад.

Боди барбоде фақат барҷо
Аз сари пурбод мемонад.

Дар ҷаҳон озодадил танҳо
Ҳамчунон озод мемонад.

Шеъри ман чун ёди некон аст,
Бешу кам дар ёд мемонад.

**Овои ҳақ**

Танг омад зиндагӣ, андешаро паҳно кунед,
Роҳи саҳро баста бошад, синаро саҳро кунед.

Рӯдро дар худ фурӯ бинед ҳангоми хазон,
Рӯде аз дарёдилӣ ҷорӣ дар он маҷро кунед.

Дар раҳи созандагӣ бекор монед аз қазо,
Хешро аз по канеду аз дигар барпо кунед.

Ҳар куҷо дар гӯшатон овои ҳақ бидҳад садо,
Сӯи ҳам он гуна ҳақ чун кӯҳҳо ово кунед.

Ҷой кардан хешро дар маҳфиле душвор нест,
Хешро аз роҳи ёрӣ дар дили ҳам ҷо кунед.

Аз қазо бинед – дасте сӯи фардо кӯтаҳ аст,
Аз вафо ӯро бигиреду ба худ ҳампо кунед.

Ҳар киро бинед нобино ба сатри роҳи умр,
Чанд сатр аз Рӯдакӣ хонедашу бино кунед.

Ёр бепарво шавад, ранҷиш чаро, лутф оваред,
Рӯзу шаб парвои парвохоҳи бепарво кунед.

Ман-манӣ моро ба манҳо мекунад ҳар ҷо ҷудо,
Ман-маниро бас кунед, андешаҳо аз мо кунед!

Умрро бо фикру зикри оқилон бар сар баред,
Фикри Бедил мушкил ояд, зикри Мавлоно кунед.

Ёди некони ҷаҳон оред рӯзону шабон,
Баъд аз он, хоҳед агар, як лаҳза ёди мо кунед!

**Сӯи нур**

Мешавам наздик бо уммеди дур,
Ман зи зулмат меравам бар сӯи нур.

**Эҳё**

Қатра-қатра оқибат дарё шудем,
Зарра-зарра кӯҳи побарҷо шудем.

Сад ҳазорон Ман ба ҳам ҷамъ омадем,
То дар ин даҳри парешон Мо шудем.

Ҳосили ҳамдасту ҳампоӣ бубин,
Дасти ҳам бигрифтаву барпо шудем.

Меҳри ҳам варзида, қад афрохтем,
Қадри ҳам дониста, сарболо шудем.

Дасти ҳам бигрифта, ҳамчун ҳарфҳо
Рӯи авроқи Ватан маъно шудем.

Милро аз чашми миллат карда дур,
Ҳамчу шеъри Рӯдакӣ бино шудем.

Доруи дарди ҷудоӣ ёфтем,
Ворисй арзандаи Сино шудем.

Рӯ ба роҳи ҳақ ниҳодем аз дигар,
Рострав чун сатри Мавлоно шудем.

Бин ба мо ҳар субҳ чун бар Офтоб –
Гум нагаштем, аз дигар пайдо шудем!

Мо на хокистар, шудем оташ зи нав,
Чун Самандар мо зи худ эҳё шудем.

27.06.97

* * *

*БА ФАРЗАНДОНАМ*

Арзандаи номи хеш бошед,
Қоим ба мақоми хеш бошед.

Сарсон зи пайи касон нагардед,
Дар даст зимоми хеш бошед.

Аз пушти баландҳо манозед,
Худ зинаи боми хеш бошед.

Аз маҳфили нокасу касон дур
Масти майи ҷоми хеш бошед.

Бозӣ бувад ин шаҳу ғуломӣ,
Худ шоҳу ғуломи хеш бошед.

Дом аст ҷаҳон ҳама, бибинед,
Афтода ба доми хеш бошед.

Худ қисмати хеш хуш бисозед,
Худ пайку паёми хеш бошед.

Бо назми Низом ҳам набошед,
Бо назму низоми хеш бошед!

## Ғазали Исфаҳон

*Эҳдо ба Алиризо Қазва –*
*шоири машҳури Эрон*
*ва дӯсти тоҷикону Тоҷикистон*
*дар Ҷашнвораи байналмилалии*
*шеъри форсӣ дар Исфаҳон*

Дурахшон аст чандон дидаи пиру ҷавон имшаб,
Замин ҳам гаштааст аз ахтари чашм осмон имшаб.

Дар ин маҳфил фақат дилбурдаву дилдода мебинам,
Ҳама зебодили дунёст дар чашмам аён имшаб.

Тамошоист, эй дил, чеҳраи бишкуфтаи ёрон,
Тамошоист дар ҳар чеҳра боғи арғувон имшаб.

Нишоти зиндагонӣ мебарам чун Зиндарӯд имрӯз,
Чу Корун мешавам шодобдил сатри равон имшаб.

Бақои бахти Эрон устувору собиту барҷо
Сутунҳо дидаам бар об акси ҷовидон имшаб.

Намеояд ба ёдам аз тамошои ҷаҳон нақше,
Ки боби дидан аст аз даҳр як Нақши Ҷаҳон имшаб.

Кабӯтар мешавам дар саҷдагоҳони азизонаш,
Вуҷудам мешавад саршор аз атри азон имшаб.

Дигар, эй ҳамзабон, рози диламро интиҳое нест,
Дили ман боғи савсан мешавад бо сад забон имшаб.

Бихон бо ман, дило, ҳамчун асал ширинғазалҳое,
Даме ҳамрози дил бо Сойиби пурдил бихон имшаб.

Худо ҳофиз, аё Шероз, аё Саъдӣ, аё Ҳофиз,
Чи бахте – аз гулистон омадам бар бӯстон имшаб!

Ҳавои ҳар диле ҳамчун ҳавои Исфаҳон соф аст,
Пас аз ин шеърборон медамад рангинкамон имшаб!

Зи гулҳои рухи ёрон, ки дар ҷону дилам рӯид,
Шукуфо мешавад дар ман тамоми Исфаҳон имшаб.

Беҳ аз хоб аст ин бедории зеботар аз руъё,
Мадеҳ тан, эй дили бедор, бар хоби гарон имшаб!

Забони порсиро рӯи тахти ҷовидон бингар,
Ба ҷои ҳарф мерезад шакарҳо аз лабон имшаб.

Сухан аз парда берун шуд, рухаш дилҷӯю гулгун шуд,
Ту ҳам, эй хушсухан, дар худ намон дигар ниҳон имшаб!

Тамоми найситонҳоро қалам бинмуда бинвисем,
Нахоҳад шуд тамом, эй дӯстон, ин достон имшаб!

## Девор

Байни мо чизе нест,
Байни мо деворест.

Ту аз он сӯ бикунӣ такя ба он,
Ман – аз ин сӯ,
Яъне, аз ҷон ту ба ман такя кунӣ,
Ман – ба ту.

Дар ҷаҳони ту ҳазор озор аст,
Дар ҷаҳони ман низ.
Пуштибони ту ҳамин девор аст,
Пуштибони ман низ.

Бар сарам чун соя
Бошӣ, эй ҳамсоя!

Ҳаргиз ин девор байни ману ту
Бахшу тақсим мабод!
Пуштибони ману ту
Ҳеҷ гаҳ ним мабод!
Такягоҳи моро
Аз харобии қазо бим мабод!

Накунам ҳарф зиёд –
Такягоҳи ману ту барҷо бод!

**Шеъри сукут**

Биёед,
Алифбои шеърро шод кунем:
Ҳарф-ҳарф барги дарахтонро биомӯзем
Ва сатр-сатр роҳҳои равонро азёд кунем.

Биёед, бибинем,
Ки чи гуна табиат
Ҳарф-ҳарф баргҳои хазонро
Мерезад ба ҷӯи боғ,
Афзуда ҳусну ҳузни ин сатри равонро.

Биёед, бибинем,
Ки чи гуна сатри роҳ
Ҳарф-ҳарф одамонро
Мерасонад ба манзил…
Чаро наомӯзем аз ин сатри комил?!

Биёед,
Аз шоирии кӯҳ ибрат бигирем,
Ки бо басо маъниҳои ниҳонаш –

Ганҷу махзану конаш
Наменозад.
Чи собир шоирест он,
Ки бовар дорад:
Рӯзе ганҷкобу конҷӯи соҳибдил –
Маънираси комил
Мекунад кашф маъниҳои ниҳонашро,
Шеърҳои дилу ҷонашро…

Биёед,
Сафҳаи осмони шабонгоҳро бибинем,
Ки ҳарфҳояш чи дурахшонанд –
Ахтаронанд…
Пеши он шеъри поку баланд
Бипарҳезем аз ҳарфи пасту нодилписанд.

Биёед,
Рӯшанбаёнии моҳро азхуд кунем
Ва истиораи истораҳоро
Ва гармии сухани офтобро,
Ки аз милён мил
Гарм мерасад ба дил…

Биёед,
Бо пари мурғон бипайвандем хомаҳоро
Ва парвози мурғон бидиҳем номаҳоро.

Биёед,
Аз боғи пургулу пурбулбул –
Аз ин шеъри рангину пурсадо –
Сабақҳо бигирем;
Фаротар бибинем –
Аз шоҳбайти роҳи оҳан
Ва шоҳмисраи хати парвози ҳавопаймо
Сабақҳо бигирем.

Биёед,
Барг-барг ашъори бетаровату хазоншудаамонро
Ба чанги бод бикунем,
Биёед,
Амиқтар ба андеша биравем,
Ақаллан
Якмаҷмӯагӣ
Шеъри сукут
Эҷод бикунем…

**Вақти суҷуд**

*Барои Саидқул Билол*

Як умр агар шуд оташу як умр дуд шуд,
Умри азизи ман ҳама созу суруд шуд.

Чун чашма бо тарона равон шуд ба сӯи рӯд,
Ҳаргиз зи ҷустуҷӯй наосуду рӯд шуд.

Бепарда аз фуруду фарози замона гуфт
Савтам, ки рӯи парда фарозу фуруд шуд.

Урён ҳар он садо, ки зи ноёр мерасид,
Аз парниёни савти дили ман дуруд шуд.

Гаҳ ёр дер омаду гаҳ сабр зуд рафт,
Ҳар савтам иқтибос аз он деру зуд шуд.

Ҳар гаҳ ки мерасид ба поён суруди ман,
Мегуфт аҳли завқ, ки вақти суҷуд шуд!

Дунё пур аз фасонаи буду набуд буд,
Дунёи ман таронаи буду набуд шуд…

## Тафсири панҷ оҳ

Чашми ман
Як умр
Гӯё мекашид оҳ,
Чунки
То як чашм мезад,
Субҳи ман мегашт бегоҳ;
Субҳи поки ман,
Ки зеби дида буду диданӣ буд.

Гӯши ман
Як умр
Гӯё мекашид оҳ,
Чунки
Умре
Мекушод оғӯшро
Бар ҳарфҳои дилкашу бишниданӣ,
Аммо
Чор сӯяш
Пур зи ҳарфи дилкушу нашниданӣ буд.

Дасти ман
Як умр
Гӯё мекашид оҳ,
Чунки
Чун як даста нури офтоби субҳ
Сӯи зиндагӣ мешуд дароз,
Дасти ҳамдастии ӯро
Боз ҳам медид кӯтоҳ.

Пои ман
Як умр
Гӯё мекашид оҳ,
Чунки
Умре роҳҷӯи роҳи дил буд,

Лек дар ин роҳ
Аксар ёри гил буд.

Ақли ман
Як умр
Гӯё мекашид оҳ,
Чунки
Бас мехост,
Аммо ҳамнафас бо дил нашуд,
Дар ҷудоиҳо зи дил комил нашуд,
Ақл шуд охир,
Вале оқил нашуд.

Хуллас, эй чашм,
Эй равонбахши зиёҳо,
Хуллас, эй гӯш,
Эй навосанҷи самоҳо,
Хуллас, эй даст,
Эй яке ҳамдасти дунё,
Хуллас, эй по, –
Раҳрави подору барпо,
Хуллас, эй ақли ҳамадон, –
Бо дили ман душмани ҷон,
Бо шумо дар роҳи қисмат
Панҷ оҳам сода ёри роҳ шуд,
Панҷ оҳам
Оқибат панҷоҳ шуд.

* * *

Хиштзан хишт мезанад ба ҷадал,
То бад-ин гуна мешавад боло,
Месазад ҳар баландиаш, ки расад
Ӯ бад-ин гуна пешаи воло.

Ту хушомад ҳамезанӣ умре,
Ки баландат барад фарозу нишеб,
Гашта боло ту бо чунин пастӣ…
Эй аҷаб оламе!
Аҷиб!
Аҷиб!

* * *

Агарчи ними ҷаҳон буд зери боли шумо,
Ҳазор шукр, набудаст банда Золи шумо!

Чу қасди ман талаб аз умр буд шеваи хеш,
Накардаам талаби мева аз ниҳоли шумо!

Ба чашми танги шумо менагунҷам, аз ин рӯ
Набудаам ба ягон гӯшаи хаёли шумо!

Зи сангатон дили ман гарчи ҳамчу кӯза шикаст,
Нарафтаам ба талаб бар дари кулоли шумо!

Чи тоза зар, ки ниҳон аст зери хоки куҳан,
Ба маъраз аст валекин куҳансафоли шумо!

Шарифатон нашумурдам, ки бешараф будед,
Муроди хеш наҷустам зи хатту холи шумо!

Суруди хуш бувадам қасд, на хушомади кас,
Нагуфтаам ва нагӯям, ки «Хуш ба ҳоли шумо!»

Қади якам зи дуқадҳо нахостаст ҳакам,
Бидода маънии афзун якам ба ноли шумо!

Ман аз шимоли сафоям, ҳам аз ҷануби вафо,
На аз ҷануби шумову на аз шимоли шумо!

Киям ману зи куҷоям? Ҳамин суруди нав аст
Ҷавоби тозаи ман бар куҳансаволи шумо!

## Салом

Салом, эй дӯстон, эй ҳамгилон, эй ҳамдилони ман,
Салом, эй ҷамъи ман, эй шамъи ман, ҳаммаҳфилони ман.

Манам як пораи ин хоки пок, ин оби рӯшандил,
Расидам, инак, он сон поку рӯшандил ба ин маҳфил.

Задам давре ба гирди хешу баргаштам ба оғозам,
Худоро шукр, аз нав бо шумо ҳамроҳу ҳамрозам.

Аз ин ҷо буд оғозам, давоме гар маро бошад,
Талоши ном аз ин ҷо буд, номе гар маро бошад.

Чи гӯям ман, шумо ҷону дилед, охир, манам як тан,
Чи гуям ман, ки медонед афзунтар маро аз ман.

Ба мисли модарам хушдил зи некӯ бахтатон будам,
Ҳамеша чун падар ҳамрози рӯзи сахтатон будам.

Хумори кулчаҳои тӯйи тифлони шумо бошам,
Мабодо шоҳиди чашмони гирёни шумо бошам.

Накардам баҳратон коре, фақат бигдохтам худро,
Дар ин вайронадунё аз шумо ман сохтам худро.

Агар ҳарфе зи шеърам дархури ҳоли шумо омад,
Чи ҷои ҳайрат аст, охир, ки аз фоли шумо омад.

Ба ҳар ҳоле, ки будам ман, шумо дар ёди ман будед,
Шумо як пораи дил, мактабу устоди ман будед.

Беҳин устод дидам ман, сараввал лек мардум буд,
Мани дилгушнаро ҳар ҳарфи мардум нони гандум буд.

Аз ин рӯ, хештанро дар канори мардум афкандам,
Дар он ҷо маҳз фаҳмидам, ки аслан чунаму чандам.

Ман андар он канори гарму дилҷӯ гум шудам охир,
Раҳо аз саргумӣ гардидаму мардум шудам охир.

Ҷаҳонро гар шунидам ман, шумо будед гӯши ман,
Агар фаҳмидаам чизе, шумо будед ҳуши ман.

Шумо чашми дилам будед, дунёро аён дидам,
Шумо ҳампои ман будеду ман рӯи ҷаҳон дидам.

Шумо дастам гирифтеду шудам ҳамдасти дунёе,
Зи худхоҳӣ раҳидам ман, шудам пайвасти дунёе.

Шумо, инак, манед, эй ҳамдилону ман шумо ҳастам,
Садои ман шумо ҳастед, ман кӯҳи садо ҳастам.

Садоҳои шуморо карда андар ҷону дил афзун,
Чу кӯҳи Нор охир мекунам аз синаам берун.

Чу ҳарфу маъниаш аз қаҳру аз меҳри шумо бошад,
Агар арзанда сатре гуфтаам, шеъри шумо бошад.

Зи васфи зумраи арзонсухан ҳаргиз наболидам,
Ба ҳақгӯён ниҳодам рӯ, зи ҳақ ҳаргиз нанолидам.

Нагуфтам нав агар, нав-нав зи ғамҳои куҳан гуфтам,
Ба рағми талху шӯри зиндагӣ ширин сухан гуфтам.

Ба рағми ноумедӣ доимо уммед парвардам,
Ба рағми сардии даврон суханҳо гарм овардам.

Ҷаҳон ҳаргиз наҷустам, худ барои худ ҷаҳон будам,
Наҷустам минбаре, худ минбари пиру ҷавон будам.

Шудам ҳамдил ба дил дар зиндагӣ, ҳамсар ба сар гаштам,
Нагаштам гирди номи ҳеҷ кас, гирди ҳунар гаштам.

Бибахшедам, агар ранҷондаам гоҳе шуморо ман,
Ки натвонистаам дигар кунам ҳукми қазоро ман.

Шумо ҳастед манзурам, шумо ҳастед рози ман,
Сазовори шумо будан бувад умре ниёзи ман.

Бародар бо шумоям, бо шумо ман шодаму маҳзун,
Баробар бо шумоям, аз шумо ман нестам афзун!

* * *

Шоир, ки бо хишти сухан кошона барпо мекунад,
Бехонаҳоро хонда аз ҷону дар он ҷо мекунад.

Бо ҳарфи чун лозури хеш, бо маънии пурнури хеш
Сад кӯрдилро мебарад то нуру бино мекунад.

Бар ташнакомони кавир, к-аз ҷони ширинанд сер,
Аз сатрҳои обдораш ҷӯю дарё мекунад.

Баҳри нафастангони шаҳр, дилмонда дилтангони даҳр
Аз хуш фазои шеъри хуш паҳнои саҳро мекунад.

Бо дилрабо талмеҳҳо, бо дилкушо ташбеҳҳо
Дилгирии ҳар лаҳзаро дилоро мекунад.

Бо сӯзу созу тобу таб, бо ҳарфҳои ҳамчу ҳаб
Бемории дилҳову ҷонҳоро мудово мекунад.

Дар ёдмони зиндааш, дар ормони зиндааш
Аз ҳар бухори ормон шаҳри Бухоро мекунад.

Аз ҳар Самарқанди кухан дорад дусад панди кухан,
Гумкардаҳои хешро дар хеш пайдо мекунад.

Умре зи рахшон ҳарфи хеш, умри ба маънӣ сарфи хеш
Лаъли Бадахшони ҳунар аз санги хоро мекунад.

Бошад ба ҳарфи содааш сад маънии озодааш,
Бо сеҳри шеъру меҳри дил аз зишт зебо мекунад.

Рӯҳи басо дилмондаро, сад пой дар гил мондаро
Бо парчами табъи баланди хеш боло мекунад.

Дар посухи ин сӯзу соз аз шеърхони бениёз
Бо шеър буданро фақат умре таманно мекунад.

**Мавҷи Варзоб**

Аз ҷоми умри ҷовид хаммор мавҷи Варзоб,
Сармаст мешитобад ҳушёр мавҷи Варзоб.

Ҳар кӯҳааш чу кӯҳест, авҷофари шукӯҳест,
Ганҷи равона дорад кухсормавҷи Варзоб.

Зераш бибину авҷаш, хуш печутоби фавҷаш, –
Як ҷилва ҳам надорад такрор мавҷи Варзоб.

То бекарони водӣ, то ҷовидони шодӣ
Дар авҷи хеш дорад гулзор мавҷи Варзоб.

Чун сӯи авҷ роҳӣ, як умр авҷхоҳӣ
Дар синаҳо бимонад осор мавҷи Варзоб.

Чун шеър ҷовидон аст, чун ишқ бехазон аст,
Бо шоир асту ошиқ ҳамкор мавҷи Варзоб.

Саркаш чу шоиронаш, сархуш чу ошиқонаш,
Дорад аз ин ду хислат бисёр мавҷи Варзоб.

Дар сабқати равонаш афтод ҷумла аз по,
Аммо нарафта аз даст подор мавҷи Варзоб.

Хобида пурхумораш сад маст дар канораш,
Дар синаҳои мастон бедор мавҷи Варзоб.

Ҳар нозарури моро, мавҷи ғурури моро
Ҳамвора менамояд ҳамвор мавҷи Варзоб.

Чун рамзи сарбаландӣ дар авҷи худ кашида
Сарпастии ҷаҳонро бар дор мавҷи Варзоб.

Эй кош монад ин сон ҳамсоғари дилу ҷон,
Аз мастии сари мо саршор мавҷи Варзоб!

* * *

Ҷавҳару асли наслу зотам ман!
Коиноте ба коинотам ман!

Сели тӯфону мавҷу гирдобам,
Шуртаву соҳилу наҷотам ман!

Мору тимору анчару заҳрам,
Асалам, шаккарам, наботам ман!

Муҷриму банда, абду маҳкумам,
Қозии ҷумлаи қузотам ман!

Эй асирони нохушии ҳаёт,
Хуш хатам, муждаи баротам ман!

Бесубот аст умр агар, бодо,
Собитам, сабтаму суботам ман!

Аз азал то абад бувад умрам,
Фориғ аз зодаму вафотам ман!

Дили дарёи ман надорад ҳад,
Вахшаму Обаму Фуротам ман!

Ин Бухоро ҳамон Бухоро нест,
Ман ҳамонам, ҳамон Худотам ман!

Шоири субҳу ровии шомам,
Коғазу хомаву давотам ман!

Фарқи умри ману ту, донӣ, чист? –
Барҳаётӣ ту, зарҳаётам ман!

Чун кунам ман, ки осиёст ҷаҳон?
Чун кунад дил, ки Дон-Кихотам ман!

## Сухани гарм биёред!

Сард аст ҳаво, як сухани гарм биёред!
Бар мазраи дил як сумани гарм биёред!

Ин сохтани сард ба сармо бигузоред!
Бо гармии дил сӯхтани гарм биёред!

Бар чеҳраи сарде гули уммед расонед!
Гармии нафас аз чамани гарм биёред!

Бо сарддилӣ сарди ҳаворо мафизоед!
Як гармдилӣ баҳри тани гарм биёред!

Аз тирагии сардии дилҳо бигурезед!
Бар маҳфили шамъ анҷумани гарм биёред!

Сардии Ватанро ба дили гарм магиред!
Дилгармии боби Ватани гарм биёред!

Эй гармдилон, то гузарад сардии айём,
Ҳезум ҳамагон аз сухани гарм биёред!

* * *

Дилу ҷон гар батаҳорат бошад,
Ҳама ҷо ҷои ибодат бошад!

Ғами ҷон нест муҳаббат, эй ҷон,
Ғами ҷонона муҳаббат бошад!

Гаҳ-гаҳ, эй мурдапарастон, бахудо,
Зинда ҳам баҳри зиёрат бошад!

Коргар коргару деҳқон аст,
На вазиру на вазорат бошад!

Шоирӣ минбару унвонҳо нест,
Шоирӣ муҳри маҳорат бошад!

**Хомасӯзан**

Баҳри дил пероҳани таб дӯхтам;
Ман бар ин пероҳани дилхоҳи дил
Дона-дона тугмаи ҳаб дӯхтам.

Шаб яке аз равзани рӯзам расид,
Аз пайи таб сӯзани сӯзам расид;
Меҳрро бо моҳу кавкаб дӯхтам.

Роҳро дидам, ки аз бероҳ буд,
Рӯзро дидам, ки бо бегоҳ буд;
Порае бар рӯзам аз шаб дӯхтам.

Мансабам – бо ман, ман – аз мансаб ҷудо;
Вожаи гарми насабро доимо
Ман ба рӯи ҳарфи мансаб дӯхтам.

Раҳ набурдам сӯи бунбасти талаб;
Карда кӯтаҳ аз танам дасти талаб,
Ман ба ҷояш дасти матлаб дӯхтам.

Ман набудам гарчи як қолабшикан,
Ташналаб андар биёбони сухан
Ман лаби сад чоҳи қолаб дӯхтам.

Бо сухан хӯ кард агар лабҳои ман,
Фаррухӣ, дидам, ки набвад дар сухан,
Хомасӯзан сохтам, лаб дӯхтам…

**Нестам як сухан…**

Камтарин бастаи каломам ман,
Хуш аз он бо хушии номам ман.

Гарчи кӯчидаам зи худ ба сухан,
Нестам як сухан, маромам ман.

Тифли сарсабзи боғи ин Ватанам,
Пухта аз меваҳои хомам ман.

Гармии манзил аст хуршедам,
Сабзаи руста рӯи бомам ман.

Хӯрдаам нону оши халқ зиёд,
То ҷаҳон ҳаст, аҳли вомам ман.

Баргузиданд гоҳ хосам агар,
Турфа хосӣ, ки хоси омам ман.

Сахт аз издиҳом метарсам,
Гарчи як тан аз издиҳомам ман.

Дар раҳи меҳру шеър аз ман ҳеҷ
Бенизомӣ маҷӯ, Низомам ман!

**Расми дастонсоз**

*Ба дӯсти шоирам*
*Ҳодӣ Сайидии Киёсарӣ,*
*ки барои оғози ин ғазал*
*мадюни мисраи зебои ӯям.*

То нафас боқист, эй ишқи ҷалолӣ, зинда бошӣ,
Чорасоз, эй душмани бечораволӣ, зинда бошӣ.

Бегумон, ҳар синну солеро ғамеву ҳасрате ҳаст,
Ошиқӣ, эй давраи бесиннусолӣ, зинда бошӣ.

Бе ту ин ҷоми тилоӣ чист, эй ишқи тилоӣ?
Эй хумори ишқу он ҷоми сафолӣ, зинда бошӣ!

Бо қади хам мекунам, эй ёри дил, з-ин пас дуоят:
Дар дилу ҷон бо қади сабзи ниҳолӣ зинда бошӣ.

Эй замони ҳамраҳи он ҳофизи ишқи дили ман
Ҷустан аз девони Ҳофиз некфолӣ, зинда бошӣ.

Хоби беҳабро намебинам дигар дар хоби хуш ҳам,
Дар хаёл, эй хоби бедимедролӣ, зинда бошӣ.

Ҳар гаҳ афтодам, ба по бархостам бо ҳиммати ту,
Эй дил, эй хасми ҳама афтодаҳолӣ, зинда бошӣ.

Эй дурахши қимати зар, эй самои қадри парвоз –
Расми дастонсози симурғиву золӣ, зинда бошӣ.

Дар дили ман чун ду қутби Тоҷикистони азизед,
Эй ҷанубӣ, зинда бошӣ, эй шимолӣ, зинда бошӣ.

Эй чанори сабз, ҳар баргат бувад чун баргаи шеър,
Дар хиёбони зи шоирҳо хаёлӣ, зинда бошӣ.

Эй қади пайваста пеши пастии дунё баландам, –
Эй хитобам сӯи дунёи саволӣ, зинда бошӣ!

*03.03.09. Теҳрон*

* * *

Меравам бо оби ҷӯи хештан
То ба рӯди обрӯи хештан.

Мекунам таъмирҳо, тағйирҳо
Даҳрро дар орзӯи хештан.

Дӯст медорам ба даҳри пурсадо
Бо дили худ гуфтугӯи хештан.

Нестам масти сабӯи ҳеҷ кас,
Бар сари дӯшам сабӯи хештан.

Ғайри чашми хеш дар оинае
Ман надидам асли рӯи хештан.

Дар набарди хеш бо хеш эй басо
Буд дастам дар гулӯи хештан.

Ҷустани маънӣ маро дар ин ҷаҳон
Бошад асли ҷустуҷӯи хештан.

Карда боғи шеъри тар умри маро
Масти ранги хешу бӯи хештан.

Шеъргуфтанҳои ман, эй дил, набуд
Ҷуз садо кардан ба сӯи хештан.

* * *

Гуфтам, ки дигар бар касе эрод нагирам,
Беҳуда чу корест, раҳи бод нагирам.

Чун бод давон бигзарам аз бодияи умр,
Чизе зи ҷаҳон дар дилу дар ёд нагирам.

Донам, ки диле додталаб доштаму бас,
Бо додаи Яздон раҳи бедод нагирам.

Ҷӯяд чу дилам ишқи пуровозаи ширин,
Ман пеша ҷуз аз тешаи Фарҳод нагирам.

Сад гуфтани якрову яке гуфтани садро
Сад ёд диҳандам, бахудо, ёд нагирам!

Гарде ба дилу хотири ман роҳ наёбад,
Гарде ба ҷуз аз домани устод нагирам!

## Сухан

Сухане – чун кафтар:
мерасонад пайғом;
Сухане – чун кафтор:
мушти пар мекунад он кафтарро.

## Чи суде?

Найӣ ошиқ, агар содиқ набошӣ,
Найӣ шоир, агар ошиқ набошӣ.
Чи суде – рӯзу шаб Лоиқ бигӯӣ,
Агар бар асли худ лоиқ набошӣ?!

## Забони ту, забони ман

Забон узве туро дар роҳи ҳалқ аст,
Маро узве ба роҳи рӯҳи халқ аст.

## Сарнавишти зарнавишт

Сарнавишташро касе бо сар навишт,
Зиндагӣ онро пасон бо зар навишт!

## Алифбо

Чунон пурсеҳрию пурзӯрию пуриқтидорӣ ту,
Ки душманҳои ҷониро бари ҳам мегузорӣ ту!

## Ришта

Риштае, к-ин гуна аҳли ҷону дилро медиҳад пайванд,
Расму оину забону одату фарҳанги эшон аст,
Варна, бешак, насли инсон
Муҳрасон аз ҳамдигар дуру парешон аст.

## Эй Шӯравӣ…

Эй Шӯравӣ, ин манам яке шоири ту,
Ношукри ту бисёру манам шокири ту;
Ширин будӣ, вале барои тоҷик
Овард чи шӯр аввалу охири ту!

## Шоирона дид

Зиндагиро гарчи садҳо нозир аст,
Шоирона дид кори шоир аст!

## Ҳадиси дил

Куҳаналфоз гардад нав зи шоир,
Диҳад афсурдадил партав зи шоир.
Ҳадиси дин зи пайғамбар шунидӣ,
Ҳадиси дил, биё, бишнав зи шоир!

## Кешу наққош

Кешу пайғамбартарошиҳои Монӣ шуд зи ёд,
Дар хаёлу хотироти даҳр ӯ наққош монд.

## Ба дӯсти шастсола

Дида мавҷи ту, дӯст маст шавад,
Дида авҷи ту, хасм паст шавад,
Моҳии бахт ёри шасти ту бод,
Шасти тиллоият ду шаст шавад!

## Подош

Зиёрати дили аҳли замонаат бояд,
Ки баъд аҳли замон бар зиёратат ояд.

## Дар чанг

Қомати одамӣ охир чанг аст,
Ҳосили умр ҳамин оҳанг аст.

## Ҳадиси хазён

### 1

Тирадилҳо хешро аҳли зиё донистаанд!
Аз сафо дурон сафоҳатро сафо донистаанд!

Сатри ҳамворе надоранд аз қазо, ҳамвора лек
Хешро бесакта чун роҳи ҳаво донистаанд!

Қофия – вайрон, ғалат – мантиқ, ҳама авзон – хароб,
Пурдағоӣ бин, ки худро бедаго донистаанд!

Карда бемормони табъу завқро бемортар,
Заҳрҳои додаи худро даво донистаанд!

Зинату зеби нисоиро таҳи по кардаанд,
Хешро дар шоирӣ Зебуннисо донистаанд!

Норавонҳо дида аз сарви равон пӯшидаанд,
Кӯтаҳии хешро з-он пас расо донистаанд!

Шоириро дарзаи ҳазён гумон бинмудаанд,
Шеърро як номаи ҳангомаҳо донистаанд!

Гӯри Хайёму Ҳилолиро таҳи по кардаанд,
Нобаҷо пас «қадр»-и худро зери по донистаанд!

Мавлавӣ нохонда, худро авлавӣ дарёфтанд,
Ҳоли дилро молу молихулиё донистаанд!

Аз ғуруру нури Хатлон барканор афтодаанд,
Он «наё!» гуфтасташон, инҳо ниё донистаанд!

Шеърҷӯшишро гумони ширҷӯшӣ кардаанд,
Шоириро «эй бале, шери таго!» донистаанд!

Бин ба мисҳое, ки худро ёри зар пиндоштанд,
Камбаҳоён бин, ки худро пурбаҳо донистаанд!

Гуфта ин урёндилон урёнбаёниро ҳунар,
Бар тани гуфтан қабоҳатро қабо донистаанд!

Гӯӣ, як «арзанда»-и донистани дунёстанд,
Бо «гуноҳ»-и мо, ки донистем, «нодониста»-анд!

Аз сабукфикрӣ намедонанд аслан чист вазн,
Дар сухан худро вале ҳамвазни мо донистаанд!

Сӯи ҳазёнҳои афзуншон бикун боре назар,
Бингар, эй аҳли зиё, худро чиҳо донистаанд!

Ҷуз дифои шеър набвад з-ин ғазал моро ғараз,
Гар надонад кас, азизони Худо донистаанд!

**2**

Качнигоҳе «нигоҳ»-и даврон шуд!
Раҳзане «марди роҳ»-и даврон шуд!

«Дӯсте» душмани шараф гардид,
Бедалеле гувоҳи даврон шуд!

Бин, ки маъюб айбҷӯӣ кард,
Айбҳояш «гуноҳи даврон» шуд!

Ҷои сар як кадуи кибру ғурур
Зеби зери кулоҳи даврон шуд!

Дони пурмағзаш аз нигоҳ афтод,
Пур нигоҳаш зи коҳи даврон шуд!

Дар ҳавои саҳифаҳазёнаш
Ҳар рухи зишт моҳи даврон шуд!

Бо дуои дурӯямуллояш
Рӯсабӣ дар никоҳи даврон шуд!

Войи давре, ки моли ростнигоҳ
Дар кафи каҷнигоҳи даврон шуд!

**3**

Дар олами пур аз дун, дар олами пур аз данд
Ҳар кӯр занад чашмак, ҳар пес занад писханд!

Ҳар пес битобад гес, ҳар кӯр бихоҳад нур,
Ҳар рӯсабӣ аз иффат бе шарм фурӯшад панд!

Гӯяд сухан аз ҳурӣ кампири лабигӯрӣ,
Аз нутқ сабақ бидҳад бар аҳли забон алканд!

Худро гулу райҳон гуфт дар селрави дунё
Ӯе, ки набошад ҷуз хору хаси селафканд!

Ӯро, ки калом ин сон бар сафҳа ҳаром ояд,
Он гуна ҳаром ояд дахчанд аз ӯ фарзанд!

Ҳарчӣ зи ҳасад гуфта, бо нийяти бад гуфта,
Обест, ки мекӯбанд аз ҷаҳл ба харҳованд!

Дарди ҳасад андар дил, сӯзи ҳасад андар ҷон,
Дарюзаи Амрико, ҷӯгии дари Ҳоланд!

Аз шодии кас бошанд ин харгалаҳо ношод,
Аз ғуссаи кас бошанд ин харкалаҳо хурсанд!

Рейтинг агар боло аз заҳри забоншон аст,
Аз душманиии қанданд охир ҳама болоқанд!

Эй дил, туӣ аҳли панд, пас аз дилу ҷон механд,
Гар кӯр занад чашмак, гар пес занад писханд!

**4**

Аҷаб давре, ки пӯсида даюсе
«Навин» гӯяд худашрову «нюс»-е!

Ниҳон имрӯз бо сад номи ноком
Паси ҳар ҳарфи чопӣ чоплусе!

Чу моку дар равуо мокиёнҳо,
Намебинӣ ба майдоншон хурӯсе!

Ҳама нармоҳану нармодагонанд,
Намехоҳанд дид оғӯшу бӯсе!

Зи ғайбатмошини ин хомасӯзон
На тоҷик мондааст эмин, на русе!

Ба дил – пасмондаҳои кини дунё,
Ба лаб пасмондаҳои попирусе!

Чи уммеде, ки ҳамчун ботлоқанд
Баду бадбӯю андархешпӯсе!

Бигирад бонгашон аз банг ранге,
Куҷо донге зи бонги таблу кӯсе?!

На бар доранд дар умру на соя,
На себанду на беданду на тӯсе!

На ринданду на мулло, войи имон,
Ба ҳам омад «плус»-е бо «плус»-е!

На марди базми май бошанд инҳо,
На зеби минбару ҳусни ҷулусе!

Чаро ин чанду чун бо чанд ганде,
Намеарзанд чун бар як фулусе?!

**5**

Бонги данг меояд аз замонаи дангӣ,
Фар зи ҳанг метарсад дар ҷаҳони «фарҳангӣ».

Аз ҳазор нангу ор, аз ҳазор касбу кор
Монда кори беорӣ, монда касби бенангӣ.

Рафта асрҳо аз сар, одамӣ нашуд дигар,
Асри санг агар бигзашт, омад асри дилсангӣ.

Одамӣ зи нав шуд хор, баски омад асри ғор,
Ҳоли танги ӯ бингар дар замони дилтангӣ.

Зиндагӣ ҷило дорад боз бо ҳазорон ранг,
Рафта лек якрӯӣ, рафта лек якрангӣ.

Кам шуда мададгорат – ҳангии таҳи борат,
Меканад вале ҳангат аз фузунии ҳангӣ.

Аз сапедрӯён ҳам кам нашуд сияҳкорӣ,
Зоҳиран агарчӣ монд рӯсияҳ фақат зангӣ.

Одамо, дигар дар дил нест тоҷу аврангат,
Гарчи дар таҳи тоҷӣ, гарчи рӯи аврангӣ…

## Чакида

Дар роҳи талаб ту дигарӣ, ман дигарам,
На ҳамсафатам ба умру на ҳамсафарам,
Хушкида ту аз чакидаи ҷаҳли худӣ,
Болида ман аз чакидаи шеъри тарам!

## Меъроҷи ман

*Барои академик Ғиёсиддини Меъроҷ*

Рӯди кӯҳиям, ки шодобӣ бувад меъроҷи ман,
Мерасад бар домани ҳар ташналаб амвоҷи ман.

Миннати кас бори дӯшам набваду хоҳад дилам,
К-андар ин дунё набошад низ кас муҳтоҷи ман.

Рӯи ман аз офтоби дил ҳамеша рӯшан аст,
Бошад аз ин рӯ дили ҳар бофаре вартоҷи ман.

Мешавад қурбони фарҳангу фари ман оламе,
То бувад ин тирҳо, беҳад бувад омоҷи ман.

Аз касу нокас басо тороҷ дидам дар ҷаҳон,
Умрҳо ҳикмат рабудам, ин бувад тороҷи ман.

Рӯҳволоям ману дилзинда умре дар ҷаҳон,
То бувад фар тоҷи ман, фарҳангофар тоҷи ман.

Меҳри гарми халқ бошад давлати пояндаам,
Нури чашму дил бувад бар меҳри мардум боҷи ман.

Дил ба «Қонун» бошаду сар бар «Ғиёс»-ам рӯзу шаб,
Тахтшинҳоям бибин, эй тоҷу тахти оҷи ман.

Ҳар шабу рӯзам бувад рӯзу шаби меъроҷи дил,
Пар кашидан то ба авҷи ҳар диле – меъроҷи ман.

## Ман кистам?

Ман кистам, агар шарафи хеш нестам,
Дар ҳар тарафкашӣ тарафи хеш нестам?

Ман кистам, агар ба чунин даври бедилӣ
Дил нестам ҳама, ба кафи хеш нестам?

Ман кистам, ба разми замину замон агар
Ҳар лаҳза аз дигар ба сафи хеш нестам?

Ман кистам, миёни алавбозҳои даҳр
Огоҳ агар зи нору хафи хеш нестам?

Ман Қобили камонаму ман Ҳобили камин,
Ҷуз тири хешу ҷуз ҳадафи хеш нестам.

На ғолибам ба давру на мағлуб дар замон,
Дар ҷанги хеш ҷуз талафи хеш нестам.

Умре дарун-дарун аламу шодии худам,
Ҷуз сӯзи нойу бонги дафи хеш нестам.

Худхорамончунон, ки ба даҳри чу марғзор
Ҷуз гови хешу ҷуз алафи хеш нестам.

Он содахат китоби вафову муҳаббатам,
Гум гаштаам дигар, ба рафи хеш нестам.

Гаҳ-гоҳ дурам аз худу аз асли худ агар,
Он гавҳарам, ки дар садафи хеш нестам.

Ман Саййидои завқи баландам, ки ин замон
Дар ёди носалаф Насафи хеш нестам…

* * *

Хуш он шеъре,
Ки бошад инъикоси қудрату азму мароми халқ;

Хуш он шеъре,
Ки бошад иқтибоси вазну тамкину қиёми халқ;

Хуш он шеъре,
Ки дорад ҷӯр назми зиндагиро бо низоми халқ;

Хуш он шеъре,
Ки бо ҳар сатри тӯлонӣ чу таъриху чу умри шоирон кӯтаҳ
Биафзояд ба умри бардавоми халқ;

Хуш он шеъре,
Ки гаҳ дар оташи девону гаҳ даврон бисӯзад,
Пухта созад лек хоми халқ;

Хуш он шеъре,
Ки бо тиру туфанги нуқтаҳову нуктаҳои хеш
Зи хасми халқ гирад интиқоми халқ;

Хуш он шеъре,
Ки ҳарфаш заҳрсон бошад ба коми хасм,
Бигардад шаҳди ноб аммо ба коми халқ.

Хуш он шеъре,
Ки худ шаҳ бошаду табъаш вазир, аммо
Биёбад хештанро ходими халқу ғуломи халқ;

Хуш он шеъре,
Ки ҳар ҳарфаш дурахшад
Чун нигини тоза дар ангуштарини нангу номи халқ;

Хуш он шеъре,
Ки реши халқро дармон бибахшад бо забони халқ
Ва дарди халқро дармон бисозад бо каломи халқ;

Хуш он шеъре,
Ки бар субҳи фараҳзо,
Шомҳои пурзиё,
Сӯи таманно,
Сад ҳазорон рӯзи фардо,
Ҷониби аҳли вафо
Бошад саломи халқ;

Хуш он шеъре,
Ки вақти хонданаш

Бо қомати болои дил,
Бо қимати волои дил,
Бо ҳиммати зебои дил,
Бо фахри беҳамтои дил
Аз ҷой бархезад тамоми халқ!

# 5. ЭЙ ЧАШМАҲОИ ҶОВИДИ УММЕД…

* * *

Аё модар,
Аё эй чашмаи поку мунаввар,
Аз канорат мо чу дарёҳо равон гаштем;
Ҷаҳон гаштем,
Дар роҳи ҷаҳонгардӣ ҷаҳон гаштем;
Ҳазорон рӯду дарё дида,
                    дур аз чашмаи меҳри ту аммо
                            ташнакоми ҷовидон гаштем!

Аё модар,
Аё эй шамси ховар,
Мо ба пеши меҳри поку бекаронат зарраҳо ҳастем,
Агарчӣ гоҳ-гаҳ бехеш гарми иддао ҳастем,
Бақои мо ҳамин бошад,
Ки дар оғӯши пурнури ту ҷо ҳастем,
Ҷаҳондору ҷаҳонгири ту аз як каф дуо ҳастем!

Аё модар,
Агар як дам
          зи ёдат дур
                    андар кунҷи гарми хеш
                            бо шахси ту бедардем,
Агар як дам
          сари таъзим бар хони туву
                    бар хонаву
                            бар нони гарми ту наовардем,

Агар як дам
сари таъзим бар гармии дил,
бар ҷони гарми ту наовардем,
Агар сад оташу сад оташин бошем,
Агар сад ахтари чархи барин бошем,
Дар ин даҳр рӯсардем,
дилсардем,
ҷонсардем!

Аё модар,
Ба наздат гоҳ агарчӣ бодиему тундтар аз бод,
Насими сабзи меҳрат ёд бодо, ёд,
Ки хоҳад рафт моро
Ҷисми бодӣ,
Ҷони бодӣ
Бе насими меҳри ту барбод!

Аё модар,
Аё дар баҳри қисмат шуртаботи мо,
Аё эй бодбони киштии бахту муроди мо,
Аё шири сафедат шаҳдбахши комҳои мо,
Танӯри гарми меҳрат пухтасози хомҳои мо,
Аё эй оташи созандаи сӯзон ниҳоди мо,
Ҷавоби шири покат бод умри покзоди мо
Ва подоши умеду ормонат –
дар талоши будан одам –
ёрии мо,
ваҳдати мо,
иттиҳоди мо!

Аё модар,
Ту оби мо,
гили мой,
сафои маҳфили мой,
бақои манзили мой,

Набошӣ ту агар,
Ҳастии мо берун зи обу гил нахоҳад шуд,
Гилу оби азал дар ҳастии мо ҳеҷ ҷону дил
нахоҳад шуд!

Аё модар,
Туӣ он кӯҳи побарҷо,
Ки аз акси садоят мешавад огоҳ дунё
аз хушии мо,
фироқи мо;
Туӣ баъд аз Худо,
баъд аз Ватан
Яктои мо,
дунёи мо,
дар меҳр тоқи мо!

* * *

«Ман модарам,
Модари халқи Тоҷикистонам,
Хушбахтиам сулҳу салоҳи диёр аст,
Осудагии тифлакони комгор аст,
Хушбахтиам аз он аст, ки тифлонам
Бахти тифлӣ мебинанд
Ва навруста фарзандонам,
Меваи бахт аз боғи ҷавонӣ мечинанд.

Ман ҳазорсола модарам,
Ҳазорон бор фурӯзон шудаву хомӯш гашта ахтарам,
Аз дасти душманони бешараф
Ва ё фарзандони нохалаф
Ранҷи бисёр дидаам
Ва азияти афзун кашидаам.

Вале ҳар бор мераҳидам бо ҷаҳди
фарзандони бонангуор
Ва боз мешудам комгору шуҳратёр.

Ёд доред, шумо, азизон,
Нохалаф фарзандон боз маро карданд синареш,
Сӯхтанд хонаамро,
Барҳам заданд зиндагиафрӯз афсонаамро.
Аммо, хушбахтона,
Афканда худро ба оташу об,
Дар баҳои бешумор ранҷу азоб,
Аз он варта раҳоям кард фарзанде фарзона;
Даво бахшид дардҳои синаамро,
Зинда кард таърихи деринаамро.

Шукри ин фарзанди ҷонфидо
Ва шукри ҳамаи шумо,
Ки ҳамсафеду ҳамнафас ӯро.
То абад ин гуна ҳамдам бимонед,
Бо халқу Ватан маҳрам бимонед.
Охир, бахти ҳар инсону ҳар сарзамин
аз меҳру муҳаббат аст,
Меҳру муҳаббати самимӣ асоси поянда ваҳдат аст,
Ваҳдат аст, ки халқ босадоат аст.

Бубинед ҷаҳонро,
Кишварҳои ноорому халқҳои сарсонро,
Тифлони зори як бурда нонро,
Модарони беилоҷу нолонро…

Ҳазар,
Алҳазар аз кинаву ҳилаву тазвир,
Бикунед шукру биандешед тадбир,
Самимона соябон бошед ин халқи заҳматқаринро,
Аз ҷон нигаҳбонӣ кунед ин худодод сарзаминро.

Ман модарам
Ва намехоҳам, ки модаре бошад гирён
Дар ғами фарзандон,
Аз ин рӯ,
Дуо мекунам аз ҷон,
Ки осуда бошад ҷаҳон
Ва ҷовидон ин гуна озоду обод Тоҷикистон.

Рӯзи ман аст имрӯз –
Рӯзи модари дилсӯз.
Медонед, чист иду ҷашну хурсандии модар –
Бахту саодати фарзандони некахтар!

Инак, имрӯз барои ман ид аст,
Иди саид аст,
Ки шумо, фарзандонамро хушҳолу хушомол мебинам
Ва гули боғи мурод мечинам.
Шукр, ки аз шарофати бузург фарзандонам
Обод аст хонадонам
Ва худ соҳиби иду ҷашну иззату шонам.

Аё дилҷӯй фарзандон,
Ҷону ҷигарбандон,
Ҳамеша чунин хушрӯзу хушҳолатон мехоҳам,
Хушболу хушиқболатон мехоҳам.

Ба бахти ман,
Ба бахти халқу Ватан
Шодона бирақседу бибозеду биболед,
Ҳар рӯзатон бодо ҷашн,
Ҳар рӯзатон бодо ид!»

## Насими остин

Обила буд аз азал симин нигини модарам,
Чини ангуштон фақат ангуштарини модарам.

Ёд бод он лолазору лолаи рухсори ӯ,
Ёд бод он дам, ки будам лолачини модарам.

Бо рухи бишкуфта ҳар гаҳ лола меовардамаш,
Лолагун мешуд рухи холӣ зи чини модарам.

Гарчи рӯи нозанин бисёр дидам дар ҷаҳон,
Пеши рӯям монда рӯи нозанини модарам.

Беҳтарин шаббодаҳо дидам, вале шаббодае
Хуш надидам чун насими остини модарам.

Меҳрубонӣ он қадар будаш, ки бар кин ҷо надошт,
Кин ба бемеҳрии инсон буд кини модарам.

Ӯ заминӣ буд беҳад бо ғамони хеш, лек
Буд аз ҳафт осмон боло замини модарам.

Гар шудам шодоб зери обшори обрӯ,
Буд оғозаш арақшори ҷабини модарам.

Ҳар суруди шодмоние, ки овардам зи дил,
Реша дорад дар дили лаҳни ҳазини модарам.

Аз миёни дилфишор ин шӯру ин ғавғои даҳр
Бишнавад дил аллаҳои дилнишини модарам.

Дур будам аз сари болинаш, охир меравам
Бо ғами ногуфта рози охирини модарам…

## Моҳу абр

Буд модар баҳри мо моҳи мунири осмон,
Эй дареғо, абри марг аз чашм бинмудаш ниҳон.

## Модар-Ватани ҷовидон

«Ман Модар-Ватани ҷовидонам,
Тоҷикистонам,
Бо решаҳои сабз дар аъмоқи даври бостон,
Бо шохаҳои сабз бар авҷи осмони ин замонам.

Зодаи мананд
Эй басо қаҳрамонони куҳан,
Эй басо офарандагони ҷовидона сухан.
Бо лафзи ман
Васф шуда зӯри мардию ҳусну ҷамоли зан,
Садоқату матонат
Ва муҳаббати Ватан.

Мо ду танем,
Ки умре ҳамбаданем:
Ин хок тан аст,
Ман – ҷон
Ва меҳри Модар-Ватан
Тавонбахши фарзандон.
Некӯ зодагони ман
Поянда кардаанд ин Ватанро,
Гулбасар доштаанд ин марзи куҳанро,
Равшан намудаанд чароғи ин абадӣ анҷуманро.

Ман модарам,
Тоҷикистонам,
Агар фарзандонам гулкоранд,

Лоиқи табрикам
Ва гар хоранд,
Ба ғам наздикам.

Чи мехоҳам аз ин дунё? –
Подор тахти бахти фарзандон.
Аз чи метарсам дар зиндагӣ? –
Аз рӯзи сахти фарзандон.

Ҳазорон бор тир хӯрдаам,
Балки ҳазорон бор мурдаам,
Аммо ҳар бор
Аз нав барпо шудаам,
Аз нав эҳё шудаам,
Охир, зиндадори умеди фардоям ман,
Модари Синоям ман!

Инак, имрӯз собит бар поям,
Ҳамқадами дунёям,
Захмҳои тозаамро бо майсаҳои ғаллазорон,
Бо гулҳои кӯҳсорон,
Бо оби шифои чашмасорон,
Бо дидори ғамгусорон
Даво мебахшам;
Чашмони умре ба роҳи фарзандон интизорамро,
Чашмони чун чашма
аз пайи фарзандони дар ҷаҳон парешон ашкборамро
Бо нури хуршеди диёр,
Бо нури умеди саршор
Зиё мебахшам
Ва дасти дуо мебардорам
Барои фарзандони оқилам,
                    қобилам,
                              пурдилам,

Ки обрӯмандӣ биомӯзанд аз ин рӯдбор
Сарафрозӣ биомӯзанд аз ин кӯҳсор,
Покдилӣ биомӯзанд аз ин фазои беғубор.

Дасти дуоям ҳамеша болост
Барои фарзандони хушгилам,
фозилам,
комилам,
Ки бар по бошанд,
Шод бошанд, ҳар ҷо бошанд,
Раҳрави тавонои роҳҳои дунё бошанд,
Аммо бо ёди модари раҳпо бошанд…

Ман Модарам,
Тоҷикистонам,
Фарзанддорам,
Аз ин рӯ, беҳад ғамхорам
Ва ин аст ормонам,
Ки фарзандонам
Арзанда ҷигарбанди Модар бошанд,
Ҷонпайванди кишвар бошанд…»

## Хаёл

Дар самои сиёҳкори сафед
Барфро мебарад ба ҳар сӯ бод,
Мерасад боз бо ғами ширин
Ордбезии модарам бар ёд.

Остинро баланд бармезад,
Банди дасташ чу ширмоҳӣ буд.
Элаки пур зи орд дар дасташ,
Дастҳояш ду сӯй роҳӣ буд.

Остини кушоди курта, ки буд
Гоҳ-гаҳ бодбезаки тифлон,
Гоҳ-гоҳе кушода мешуд боз,
Менамуд ордбезиаш вайрон.

Орд мебехт ӯ барои хамир,
Пора-пора зувола мебардошт.
Баъд мезад ба кулчаҳо мухпар,
Мухпараш бӯи ширу рӯған дошт.

Гарм мегашту лолагун рӯяш,
Дегдонро гаҳе ки метаспонд,
Гармдил пас ба дегдони гарм
Кулчаҳои башир мечаспонд.

Метаровид қатраҳои арақ,
Дар рухаш зарра-зарра дур мешуд…
Гушнагиҳо зи ёди ман мерафт,
Сурфа гоҳе зи кулча пур мешуд.

…Боз дар осмони барфолуд
Бод чун орд барфро безад,
Модарам гӯӣ орд безад боз,
Мухпараш рӯи кулча гул резад…

**Рози Модар**

«Ман модарам, саодати ман тифлаки ман аст,
Бемисл бахту давлати ман тифлаки ман аст.

Нуҳ моҳ ҳамчу дил битапад дар вуҷуди ман,
Пайванди ман бигардаду буду набуди ман.

Пас бар ҷаҳон биёяду шодифизо шавад,
Уммед ин бувад, ки ба ҳар дида ҷо шавад.

Дасташ бигираму биравам по ба пои ӯ,
Шодӣ кунам зи ҳар тарабу ҳар садои ӯ.

Ҳар гаҳ ки бишнавам зи лабаш аввалин сухан,
Гӯё ки бишнавам сухани бахти хеш ман…

Як рӯз дар бараш бирасад модари дигар –
Гирад чу ман ба меҳри фузун мактабаш ба бар,

Чун ман ба меҳр ҳарфу сухан ёд бидҳадаш,
Ҳарфи вафову меҳри Ватан ёд бидҳадаш.

Бо он вафову меҳр кунад хизмати Ватан,
Як ҳамтани Ватан бишавад тифли поки ман.

Шодам дигар, ки тифли ман уммеди ман шуда,
Ҷони ман асту тифлаки Модар-Ватан шуда.

Обод аз ӯ шавад ҳама вайронаи ҷаҳон,
Дилшод аз ӯ шавад ҳама ғамхонаи замон.

Ҳар ҷо, ки ӯ равад, бибарад меҳру орзӯ,
Ҳар ҷо, ки по ниҳад, бикунад гул қудуми ӯ.

Бо ҷаҳд мулки кӯчаки худро ҷаҳон кунад,
Номи марову мулки маро ҷовидон кунад.

Бо ӯ равад ба минбари дунё забони ман,
Зеби ҳама ҷаҳон бишавад ин ҷаҳони ман!

Фарзанди беҳ зи ҷону дилам дар барам бас аст,
Чун бахти нек сояи ӯ бар сарам бас аст,

Дар осмони зиндагӣ ӯ ахтарам бас аст,
Ин бахти ҷовидона, ки ман модарам, бас аст!»

## Модари сарбоз

Ҳамраҳи аскарон ба ҷанги ҷаҳон
Шуд равон донаҳои ашки ту ҳам;
Душманонро зи пой меафтонд
Тирсон донаҳои ашки ту ҳам.

Ҳамчунон аскаре ҷиҳод намуд
Ҳамраҳи аскарон дуои ту низ;
Сахт тарсонда буд гоҳи ҳуҷум
Хасмро ларзаи садои ту низ.

Нигаҳи пурғами ту ҳам пар зад
Дар самоҳо гаҳе чу тайёра,
Гоҳ оташ гирифтаву афтод
Аз барои наҷоти сайёра.

Ҳамчунон аскаре хаёли ту низ
Гашта гоҳе асиру гаҳ мераст.
Гаҳ дилат мешикаст аз хабаре,
Гоҳ медод хасмро чи шикаст.

Ларзаҳо мефитод бар ҷонат
Дар паси сандалӣ зимистонҳо,
Ҳамраҳи аскарон туро озурд
Барфборону тирборонҳо.

Буд аз номаи сиёҳи писар
Шабу рӯзат чаҳор сол сиёҳ,
Буд мӯят сиёҳу шол сафед,
Гашт мӯят сафеду шол сиёҳ.

Бас умедат мисоли аскарҳо
Куштаи ҷанги беамон гардид,
Бин, ки тиру камон чи сонат кард –
Қадди чун тири ту камон гардид.

Ман чи гӯям, ки аз ҳама афзун
Лоиқи достони ҷанг туӣ,
Аскари бенишону беунвон,
Аввалин қаҳрамони ҷанг туӣ.

**Ӯ сараввал буд модар…**

*Ба хотираи Индира Ганди*

Ӯ сараввал буд модар.

Метавонист аз раҳи қисмат агар,
шир мекард оби поки Гангрову сер менӯшонд
кӯдакони гушнаи Ҳиндустонро.

Ӯ падар буд,
хонадони беназиреро падар буд.
Метавонист аз раҳи заҳмат агар,
сери нон мекард ҳатман гушнаҳои сер аз ҷонро.

Оре,
умре буд модар,
дар сари гаҳвораи мулкаш ҳамеша буд бедор;
тифлҳоро ёд медод аз дилу ҷон хоби ҳушёр,
то дигарбора нахобад бахти навбедори кишвар.

Ӯ падар буд,
то ба сар буд;
ӯ ба мардум
ҳамчу бар тифлони худ
размоварӣ медод ёд,
то ки рӯзи бад барои мом бархезад ба ҷанг,
то ки рӯзи бад барои мулк бинмояд ҷиҳод.

Пеши чашмон охир ӯ Ганги муқаддас шуд,
оқибат омехт бо оби равонаш.
Аз барои мардуми Ҳиндустон умре дилаш месӯхт,
аз барои мардуми Ҳиндустонаш
сӯхт охир ҷисми беҷонаш.

**Ду калобаи нур**

Модари зор бо умеду ҳавас
Шом то субҳ сӯзанӣ медӯхт.
Рӯшании умеду армонаш
Хонаашро чу меҳр меафрӯхт.

Нури чашмони хешро мекост,
Рӯи ҳар дарз рӯшанӣ мерехт.
Ҳама гулҳои орзӯяшро
Бе дареғе ба сӯзанӣ мерехт.

Дар хазонрез махмали сабза,
Дар зимистон гули баҳорон дошт,
Балки ӯ буд соҳиби дунё,
Дар умедаш замину кайҳон дошт.

Ришта не, рӯзҳои хуршедӣ
Нури хуршед дошт дар сӯзан.
Моҳ будаш калобаи шабҳо,
Риштааш мекашид аз равзан.

Ӯ яке буду бахти ӯ бисёр,
Ӯ заминиву бахт кайҳонӣ,
Қисмат аз риштаҳои нури умед
Тору пудаш танида нуронӣ…

Оташи ҷанг лек ҷонаш сӯхт –
Писараш рафту барнагашт дигар.
Бар гули сӯзании ӯ афзуд
Лолаи доғу ормони писар.

Дӯхт дар ёду ҳасрати фарзанд
Он қадарҳо ба сӯзанӣ дида,
Ки гули сӯзаниву гулдӯзӣ
Охир ӯро ба дида кӯчида.

Моҳу хуршедро намебинад
Ин замон дидаҳои ранҷураш.
Мезанад чарх бехуду саргум
Рӯзу шаб ду калобаи нураш...

**Дуотадбир**

Шудам сад бор сер аз шири модар,
Нагаштам ҳеҷ аммо сери модар.

Манам бо тори рагҳои дилу ҷон
Азалпайвастаи тақдири модар.

Биёям дер, ояд аз пайам зуд,
Фидо ҷонам ба зуду дери модар!

Ҳазорон меҳрубон дидам ба дунё,
Нарафт аз чашми дил тасвири модар.

Кушода сад гиреҳ дар рӯзгорам
Шавад бо як дуотадбири модар.

Сияҳкорӣ пас аз шири сафедаш
Бувад бемисл як таҳқири модар.

Дили ман меҳрубон аз меҳри покаш,
Сурудам ширадор аз шири модар!

### «Салом, эй модари ҷон…»

*Монологи Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ*
*Домулло Азизов*

Салом, эй модари ҷон, эй ки сӯям дида бар роҳӣ,
Чу пайванди дилу ҷон аз ҳама дарди ман огоҳӣ,

Худо донад, чи пазмон гаштаам рӯи накӯятро,
Зи рӯи модарон ҳар дам биҷӯям тарҳи рӯятро,

Ба чашми дил бидидам: модарон яксон ба ҳар ҷоянд,
Ба ҳар ҷо дар ғами фарзанд ғамбемору раҳпоянд,

Аз ин рӯ, азм кардам: разм хоҳам кард то охир,
Аё, эй модари ҷон, то шавад шод аз манат хотир.

Бароят менависам, модаро, аз Беларус ин дам,
Ғамашро гар бигӯям, нома месӯзад зи нори ғам,

Диёри Беларус афсонавӣ мулке, биҳиште буд,
Ҷаҳони мардуми озодаву некӯсириште буд,

Дареғо, ин замон месӯзад андар оташи кина,
Ҳамесӯзад вайу з-ин сӯз месӯзад маро сина.

Ба зидди душмани дунаш, аз ин рӯ, беамон ҷастам,
Дар ин раҳ бо бародарҳои ҷон ҳампову ҳамдастам,

Маро пайванди ҷони беларусу тоҷик аст ин разм,
Дар ин раҳ мекунам бо душмани номард хунин разм.

Саросар ҷангали сабзаш бувад худ сарпаноҳи ман
Ва ҳар як навниҳолаш – хоҳари пурсӯзу оҳи ман.

Бимонад зинда то ин мулку халқи беғашу сода,
Барояш меканам ҷон, то шавад озоду озода,

Барои модарону тифлакони беларус аз ҷон
Бикӯшам, лозим ояд, ҷон бубахшам дар раҳи паймон…

…Фузун аз шаст сол аз разми мо бигзашт, эй модар,
Зи нав шуд сабзҷон ин ҷангалу ин дашт, эй модар,

Зи ҷон бигзашт фарзанди ту ҳам дар роҳи паймонаш,
Ба хоки Беларус омехта, шуд як хиёбонаш;

Хиёбоне, ки Домулло Азизаш ном бинҳоданд,
Аз он то мулки меҳру сидқу паймон роҳ бикшоданд;

Хиёбоне, ки тифлонро барад сӯи ҷавонмардӣ,
Сабақҳошон диҳад аз ҳамдиливу аз ҳамовардӣ;

Хиёбоне, ки худ як ҳайкали аҳду вафодорист,
Нишони дар раҳи ҳифзи Ватан то марг подорист;

Хиёбоне, ки андар Беларус оғоз кардам ман,
Ба мулки ҷони ман – то Тоҷикистон мерасад ҳатман.

Сароғози вафо бар аҳд бошад ибтидои он
Ва бо умри абад пайванди ҷовид интиҳои он…

**Ғазали хайрбоди модар**

Аз ҳавасҳоят маро бунёд кардӣ, модарам,
Ин мани вайронаро обод кардӣ, модарам.

Рӯзгорам то шавад афсонавӣ, шабҳои тор
Баҳри ман афсонаҳо эҷод кардӣ, модарам.

Бо муҳаббатҳову заҳматҳо марову хешро
Шод кардӣ, модарам, ношод кардӣ, модарам.

Эй басо фарёдро бурдӣ фурӯ дар хештан,
Солҳо дар хештан фарёд кардӣ, модарам.

Сӯхтӣ дар хештан ҳамчун чанорони куҳан,
То маро дар сояи худ шод кардӣ, модарам.

Ман агар эҷод кардам чанд байти дилрасе,
Дар дилам ту шоирӣ эҷод кардӣ, модарам.

Бори аввал, зери бори ғам ниҳода бандаро,
Хешро аз бори умр озод кардӣ, модарам.

Қисмататро метавон бо як сухан тафсир кард:
Мурда-мурда зиндагӣ эҷод кардӣ, модарам.

Зинда мондӣ дар дилу дар дидаи ман ҷовидон,
Орзӯи маргро барбод кардӣ, модарам…

## Ҷони ҷовидон

*Тасаллӣ ба Ибодулло Машраб*

Модар, ту рафтию дили мо нотавон бимонд,
Пири ҳазорсола ба умри ҷавон бимонд.

Дар рӯзгор буд фақат меҳри ту яқин,
Он як яқин намонду ҳазорон гумон бимонд.

Ҳамчун баҳор аз сари мо кардаӣ гузор,
Дар шохи умр барги рухи мо хазон бимонд.

Он булбули тараб ба алам тарки боғ кард,
Зоғи сиёҳи доғ ба дил парфишон бимонд.

Он дил, ки буд пеши ту серошнотарин,
Танҳотарин миёни ҳазорон касон бимонд.

Як ҷонфишони ҷабҳаи меҳру вафо будӣ,
Рафтӣ чу қаҳрамонашу ин достон бимонд.

Дилҳои мо ҷаҳони вафодорӣ аз ту шуд,
Рафтӣ аз ин ҷаҳон, асарат дар ҷаҳон бимонд.

Дар синаҳои мо дилат онгуна метапад,
Яъне, ки ҷони ту ба ҷаҳон ҷовидон бимонд.

Ҷони ту зарра-зарра бишуд сарфи ҷисми мо,
Он сон сутун ба ҷову ба ҷо хонадон бимонд.

Рӯҳи равону поки ту бар осмон бирафт,
Он рӯҳбахшии ту дар ин остон бимонд.

## Олами умед

Эй чашмаҳои ҷовиди уммед, модарон,
Уммед аз шумо шуда ҷовид, модарон.

Тавлид мешавад ҳама аз меҳратону худ
Тавлид мешавед зи тавлид, модарон.

Ку мислатон касе, ки ба як чашм ҷумларо
Дар олами дусӯю дурӯ дид, модарон?

Дар сардфасли умр ҳам ин даҳрро фузун
Дилгарм кардаед чу хуршед, модарон.

Аз ашкҳои шодиатон низ метавон
Дурдонаҳои ризқи ҷаҳон чид, модарон.

Тақлид сода аст ба ҳар касбу кор, лек
Баста-ст то шумо раҳи тақлид, модарон.

Таҳдид бар шумову ба умри шарифатон
Бар умри зиндагист чу таҳдид, модарон!

То олам аз умеди шумо сабзтар шавад,
Як олами умед бимонед, модарон!

Ҳар рӯзи зодагони шумо суру ид бод,
То умратон ҳама бишавад ид, модарон!

## Бигӯям кош…

Чу қалбат буд маҳзун аллаи ту,
Равону поку мавзун аллаи ту;
Аё модар, суруде ҷовидона
Бигӯям кош ҳамчун аллаи ту!

# 6. АЛО ЭЙ ИШҚ, ЭЙ САВДО…

## Барои гул намемиранд

Барои гул намемиранд,
Аммо ман
Барои он гули зебои рухсори ту мемирам.

Дар ин айёми сарсабзӣ,
Ки оламҳо пур аз гулҳои хандонанд,
Ба ҳар бишкуфтани гулғунчаи чашмони хуммори ту
мемирам.

Дар ин даврон,
Ки аз исёни озодипарастон
Мефитад ҳар лаҳзае девори сад зиндон,
Миёни инҳисори чор девори ту мемирам.

Агар рӯзе шавад,
Сар монда бар хоби абад дар корзорони шадиди даҳр,
Барои бахти бедори ту мемирам.

Ба ношукрӣ агар як дам
Бипӯшам чашми сар аз чашмаи чашмони поки ту,
Ба дашти зиндагонӣ ташнаву зори ту мемирам.

Бидон, эй ахтари шабҳои тори ман,
Бидон, эй дӯстдори ман,
Ки ман, то зиндаам, ёри ту хоҳам буд,

Нишони бастагӣ бар мӯи мушкинат
Зи ҷону дил гирифтори ту хоҳам буд
Ва рӯзе
   ҳамчу ёри ту
         гирифтори ту мемирам!

## Дарё

Будӣ, эй ҷон, шабеҳи дарёе
Бо тани поку бо дили пурҷӯш,
То мани ташнадил ба бесабрӣ
Ҳамчу соҳил гирифтамат оғӯш.

Тангтар мегирифтам оғӯшат,
Мешудӣ ту валек паҳнотар,
Мезадӣ ҷӯш масту туғёнӣ,
То шавӣ аз ҳудуди хеш бадар.

Дар ду чашмат, ки дошт тӯфонҳо,
Ғарқ шуд акси ман чу як киштӣ…
Бо хати мавҷҳои гесӯят
Дар дилам байти ишқ бинвиштӣ.

Айни дарё шудӣ ту…
Амвоҷат
Он қадар сар ба синаам кӯбид,
Дили ман чун ҷазирае охир
Нам кашиду зи синаам кӯчид…

## Риштаҳои нур

Риштаҳои нур дар дастони моҳ,
Нурҳо мерехт ангуштони моҳ,
Буд имшаб то саҳар даврони моҳ.

Кӯҳҳоро нурборон карда буд,
Даштҳоро нурборон карда буд,
Пеши чашми мо – ду тан шаб то саҳар
Оби дарёро зарафшон карда буд.

Имшаб он гул
То саҳар ҳамроҳи ман буд,
Ҳамдами дилхоҳи ман буд,
«Моҳ аз ман!» – ҳар даме мегуфт бо ноз,
Худ ҳама шаб моҳи ман буд.

Бар хаёле рафтаву мерафт роҳ,
Хандаҳо мекарду механдид моҳ.
Олам имшаб буд зебо,
Олам имшаб буд тилло…

Дар бари ман ёфт поён як шаби моҳ –
Як шаби бетобии ман,
Як шаби бетобии ӯ,
Як шаби зебои дунё.

Бар рухи маҳтобии ӯ,
Бар ду чашми обии ӯ
Бӯсаҳоям рехт ҳамчун барги тилло…

Риштаҳои нур дар дастони моҳ,
Нурҳо мерехт ангуштони моҳ,
Буд имшаб то саҳар даврони моҳ…

**Оғози китоби шавқ**

Як рӯз кабӯтари нигоҳам
Дар лонаи дидаат макон кард.
Аз шавқ парастуи умедам
Дар ҳечаи зулфат ошён кард.

Гардид ниҳоли қомати ту
Аз мурғаки орзӯи ман пур,
Он гуна, ки бошад аз ватандор
Оғӯши муҳаббати ватан пур.

Буд он ҳама печутоби мӯят
Як нусхаи печутоби шавқам.
То қуллаи қомати баландат
Бо шавқ парид уқоби шавқам.

Оҳӯи рамидаи дили ман
Аз чашмаи чашмат об мехӯрд,
Мехӯрд ҳазор тири мижгон,
Дар гирди ту печутоб мехӯрд.

Чун дар шаби мӯи ту бидидам
Маҳтоби рухи туро дурахшон,
Маҳтобшаб орзӯи ман шуд,
Ҳар шаб нигарам ба моҳи тобон.

Ин гуна ба ҷониби ту мебурд
Пайваста маро шитоби умрам.
Аз шеъри сафеди чеҳраи ту
Оғоз бишуд китоби умрам.

**Зани сафед**

Ҳамчун зани сафед зимистон расида боз,
Сар то ба пош рӯшану испеди беҳисоб,
Аз кӯчаҳои шаҳр ба сад нозу сад итоб.
Шоли сафеди барф ба сар мекунад шитоб.

Дар сина метапад дили бебахт бо умед:
Овардааст бахти сафед ин сафед зан.
Чашми тиреза ҳам пури об асту интизор
Дар роҳи интизориаш ин дам чу чашми ман.

Ҳар шохаи сафед чу дасти сафеди ӯ,
Ҳар сарв нусхае зи сафедии пои ӯст.
Дунё ҳама сафед зи файзи нигоҳи ӯ,
Дунё ҳама сафеда зи файзи сафои ӯст.

Сар то ба по сафед, ба ҳар ҷо қадам ниҳад,
Роҳи сиёҳ дар қадамаш мешавад сафед.
Ҳар кас, ки аз алам бувадаш дил сияҳ мудом,
Бинад варо, дилу аламаш мешавад сафед.

Зебописанд будаву пасту баландро
Чун доғҳои рӯи замин мекунад паноҳ,
Балки табибвор, ба тан хилъати сафед,
Захми парӯву рӯи варо мекунад даво.

Ё балки ӯст нусхаи мурғи сафеди бахт, –
Боли сафеди барф ба бар мепарад сабук?
Ё бахтовар аспи сафеди фасонаҳост:
Ёли сафеди барф ба сар мепарад сабук?

Ё шоир аст, шоири танҳои дилсафед,
Ҳар тора барф мисраи шеъри сафеди ӯст,
Ин зоҳири сафед ва ин ботини сафед
Бар шоирони хок навиди умеди ӯст?

Не, не, занест ҳамчу сафеда сафеду пок,
Ин дам аз ӯст ин дилу ин манзили сафед.
Дилҳо сиёҳ буд зи поизи дилсиёҳ,
Ӯ омада чу ҳамдаму чун ҳамдили сафед.

Чун пайки осмону чу ангезаи саҳоб
Сар то ба пош рӯшану испеди беҳисоб
Аз кӯчаҳои шаҳри сияҳ чун хаёлу хоб
Шоли сафеди барф ба сар мекунад шитоб…

## Занги дил

Мезудой ту зангҳои дилам,
Ҳар гаҳе занг мезанӣ, эй гул,
Умри берангу дилфишорамро
Гӯиё ранг мезанӣ, эй гул.

Аз ҳар овозу соз гӯши маро
Занги телфони ту ҳамефорад,
Чун бидонам, ки занг занги ту аст,
Занги телфон чи хуш садо дорад.

Гӯшакашро гирифта ҳар гоҳе,
Роз гӯӣ ба меҳру ғамхорӣ,
Гӯши ман гӯиё ҳамеболад,
Гӯӣ бо ман ту гӯшакӣ дорӣ.

Он даме занг мезанад телфон,
Як дам аз бахти нася нақди ман аст.
Зангҳоят садои бахти ман аст,
Занги зангӯлаҳои бахти ман аст.

Ту бизан занг, ҳар замон, эй гул,
Бишнавӣ то навои занги дилам,
Назанӣ занг ту агар рӯзе,
Дили ман занг мезанад зи алам.

## Зи ҳар сӯй

Ту зи ҳар сӯй дури яксонӣ,
Ту зи ҳар сӯй марказӣ, эй зан,
Гарчи аз ҷои худ намеҷунбӣ,
Ту ба ҳар сӯй мерасӣ ҳатман.

Устуворӣ чу нуқтаи паргор,
Мо ҳама гирди ту ҳамегардем,
Мебароем ё зи роҳи хеш,
Ё ҳама гирди ту ҳамегардем.

Туӣ, эй зан, шароби поки куҳан,
Ҳама масту харобҳои туем,
Ҳама марказгурезҳои худем,
Ҳама марказшитобҳои туем.

Пеши рӯи гуноҳкоронат
Ту дари маҳбасӣ дар ин дунё,
Баҳри бечурмҳои ишқи худӣ
Дар ду дунё ту беҳтарин дунё.

Дар муҳите, ки сахт дилгир аст,
Хуш насимиву мевазӣ, эй зан,
Ин ҷаҳон давраест саргардон,
Ҷовидонаш ту марказӣ, эй зан!

## Шеъри равон

Чун ин сукут шеъри пурово надидаам,
Чун ин ду дида байти фиребо надидаам.

Монанди соқу соиду абрӯву чашми ту
Дар шеърҳо таносуби зебо надидаам.

Аз пушту пеш дидаам абёти сад китоб,
Чун байти кокулони ту барҷо надидаам.

Бисёр шеър дидаву бишнидаам, вале
Шеъре чу қомати ту саропо надидаам.

Додам зиёд гӯш ба ашъори шоирон,
Шеъре чунон лабони ту гӯё надидаам.

Нозуктар аз миёни ту маънӣ нахондаам,
Низ он тариқа шеъри тавоно надидаам.

Чун пой то сари ту аз ашъори шоирон
Дар чашму дар дили ҳамагон ҷо надидаам.

Беш аз ниёзи синаи ту маънии ниҳон,
Беш аз рухи ту маънии пайдо надидаам.

Чун панҷаҳои нозукат андар чаҳор сӯй
Дар зиндагӣ мухаммаси воло надидаам.

Шеъри равон ба умр чи бисёр дидаам,
Шеъре равона чун ту ба ҳар ҷо надидаам.

Чун рӯҳи ту баланду чу иқболи ту баланд
Шеъри баланд дар ҳама дунё надидаам!

**Хоб**

Хоб дидам: рафта бехуд
Дар лаби дарё нишастам,
Ногаҳон афтод гӯё
Моҳии тилло ба шастам.

Дидаам бикшода дидам
Рӯбарӯям мисли моҳӣ,
Банди дастонат ба дастам
Ҳамчунон ду ширмоҳӣ.

* * *

Бас муҷалло, ки рӯди Варзоб аст,
Ҷорӣ анвори поки маҳтоб аст.

Мехазад рӯи синаи соҳил,
Ташнаи бӯсаҳои сероб аст.

Умрҳоест, рӯду соҳилро
Хилвату розгӯйии боб аст.

Мекунад мавҷ мавҷро дарёб,
Мешитобад, ки умр ноёб аст.

Чашма, чашмаш пуроб, рӯзу шабон,
Чашм бар раҳгузори аҳбоб аст.

Кӯҳ, сар дар сукути ҷовидон,
Гӯш бар савту сози Варзоб аст.

Рӯд пуршӯру сина пуршӯр аст,
Моҳ пуртобу сина бетоб аст.

Шукри ин дам, ки дар бари ин рӯд
Бахти бедор дар барам хоб аст!

**Шабе, ки бо ту будам**

Шабе, ки бо ту будам, моҳтобӣ буд.

Мисоли кӯдаки зарринамӯи харсаворе моҳ
Ба тори абри шабгун шодмонӣ дошт.

Зи равзан гоҳ сӯи мо назар мекард
Ва бо шӯхию шаттоҳӣ

Фиканда сӯи мову ман халачӯби қаторашро,
Маро аз моҳии лабҳои гарми ту,
Туро аз шасти гирои лаби ман бохабар мекард.

Пас аз он,
Ҷамъ бинмуда халачӯбони афзунаш,
Халачӯбони рахшони пурафсунаш,
Панаҳ мекард рӯ пушти хари безини шабгунаш.

**Аз туву аз сарнавишт**

Чун диламро пора кардӣ,
Порашеъре тар навиштам,
Шеъри ман шукронае буд
Аз туву аз сарнавиштам.

Хат ба хат ман тахт кардам
Роҳи тахте пеши поят,
Хат ба хат то хуш биояд
То ба гӯши ман садоят.

Гар хитобам ёд овард
Аз қади сарви равонат,
Нуқтаҳоям хол буданд
Аз рухи поки ҷавонат.

Дод авроқи сафедам
Ёд аз рӯи сафедат,
Дил ба ёди кокулонат
Бар сиёҳӣ кард одат…

Балки кай ман шеър гуфтам? –
Шеъри ман афсонаи туст,
Беҳтарин як мисраи ман
Роҳи сӯи хонаи туст!

* * *

Бихандад аз ту гар бахтам, чу гул хандида мемирам,
Хазон гардад гули ишқам, ба худ печида мемирам.

Агар даркам кунӣ, дарки ҳама асрор хоҳам кард,
Агар таркам кунӣ, ҳамроҳи дил таркида мемирам.

Яке ганҷина меварзад, яке сад кина меварзад,
Маро то ҷон бувад, ишқи туро варзида мемирам.

Ҷаҳонро гашта-гашта, мерасам назди ту саргардон,
Ҷаҳонро дида-дида, акси ту дар дида мемирам.

Диҳад гар даст ишқат, даст бар дасти ту хоҳам рафт,
Агар надҳад, ба пеши пои ту афтида мемирам.

Агар тарси зи ман рафтан диҳӣ ин ҷони шайдоро,
Ба мисли оҳуи гумкардараҳ тарсида мемирам.

Сари гӯрам чу Лайлӣ беди Маҷнун гар бисабзонӣ,
Ба ёди ишқи сабзат то абад сабзида мемирам.

Наоӣ гар сари болини марги ман, хаёлатро
Ба ранги орзӯи зиндагонӣ дида мемирам.

Аё дилпурси ман, дар ташнагии лаҳзаи мурдан
Ба ҷои оби ҷонбахшо туро пурсида мемирам.

Ба ҳар ҳоле, аё эй лоиқу арзандаи ишқам,
Ба ишқи лоиқу арзандаат арзида мемирам!

* * *

Рӯзгорони туро ҳар рӯз дидан ёд бод!
Дар раҳи ту интизориҳо кашидан ёд бод!

Ёд бодо растан аз хешу гирифторат шудан,
Бо ту аз дигар гирифторӣ раҳидан ёд бод!

Як ишорат менамудам, мерасидӣ пеши ман,
То қиёмат он ишорат, он расидан ёд бод!

Дар канорам метапидӣ чун дилам, эй беканор,
Ёд бодо он канору он тапидан ёд бод!

Он тани зебо асалдон буду ман як талхком,
То ба бехуд гаштанам аз он чашидан ёд бод!

Ёд бодо он зимистони беҳ аз садҳо баҳор,
Он баҳору лолаҳои бӯса чидан ёд бод!

Субҳдам субҳи рухат ҳам медамид аз баҳри ман,
То ба шоми умрам он субҳу дамидан ёд бод!

**Ман хостам аз Худо туро**

Як умр ба ҷуз туро наҷустам, бахудо,
Аз ишқ ба ҷуз вафо наҷустам, бахудо,
Бо ту буданам фасонае беш набуд,
Аз зиндагиам фасона ҷустам, бахудо!

Эй аз дили ман ҷудо, Худо ёрат бод!
Эй дар дили ман худо, Худо ёрат бод!

Эй бахти зи ман рафта, ба ман кош расӣ,
Эй ҷони зи тан рафта, ба тан кош расӣ,
Як умр дуот мекунам аз дилу ҷон:
Бо ман нарасӣ, ба хештан кош расӣ!

Эй аз дили ман ҷудо, Худо ёрат бод!
Эй дар дили ман худо, Худо ёрат бод!

Як қисмати пурнуру сафоят бидиҳад,
Дар сина дили дилошноят бидиҳад,
Ман хостам аз Худо туро, лек надод,
Ҳар чиз, ки хоҳӣ ту, Худоят бидиҳад!

Эй аз дили ман ҷудо, Худо ёрат бод!
Эй дар дили ман Худо, Худо ёрат бод!

* * *

Рӯи олам садқаи рӯйи ту бод!
Бӯи гул саргашта аз бӯйи ту бод!

Мӯйҳоятро фишон бар шонаам,
Шонаи ман садқаи мӯйи ту бод!

Абруятро об деҳ аз ашки ман,
Обрӯям сарфи абрӯйи ту бод!

Бигзарӣ бо ноз чун аз чорсӯ,
Чор сӯ моил ба як сӯйи ту бод!

Ман бадам, дорам вале фикре накӯ:
Дар лаби ман номи некӯйи ту бод!

Об гаштам ман ба ҷӯёҷӯйи ту,
То абад оби ману ҷӯйи ту бод!

Эй арӯси орзӯҳои дилам,
Шеъри ман тӯёнаи тӯйи ту бод!

## Шакархоб

Нарм-нармак омадӣ сӯям агар, нармидаам,
Пеши меҳрат ман зи бемеҳрии худ шармидаам.
Рӯи аспи орзӯ пешат пиёда будаам,
Ин мани кам пеши ту аз худ зиёда будаам.

Ину он гар дида гоҳе тарҳи андоми туро,
Кас намедонад ба ҷуз ман шарҳи андоми туро.
Хуш ба ҳолам, лоиқи ин ишқи хушрӯ будаам,
Ҳар куҷо бе рӯи ширинат турушрӯ будаам.

Бе ту умрам чун замини солҳо нокишта буд,
Бе ту бахтам чун муроди рӯи ях бинвишта буд.
Нози ширини ту ширин карда умрамро басе,
Мисли ту рӯшан накарда рӯзгорамро касе.

Нози ширин кардаӣ пеши ман, эй бонуи ман,
Хоби ширин бурда гоҳат дар сари зонуи ман.
Нарм-нармак бӯса кардам чашми дархоби туро,
Бо ҳавас бурдам фурӯ яъне шакархоби туро.

* * *

Каҳкашон нурбор роҳи ту бод!
Ахтарон шуълаи нигоҳи ту бод!

Ҳамаи моҳ – моҳи меҳри дилат,
Меҳр мафтуни рӯи моҳи ту бод!

Сарфарозӣ-тро мабод ҳаде,
Меҳру маҳ тугмаи кулоҳи ту бод!

Бирасад то ба авҷи ҷоҳи ту низ,
Юсуфи дил ба қаъри чоҳи ту бод!

Эй зи ту ҷумла хонавайронӣ,
Хонаи ишқ дар паноҳи ту бод!

Дили дар банди қаҳру нози туям
Лоиқи меҳри гоҳ-гоҳи ту бод!

Ҷовидона савоби ин дунё
Садқаи лаҳзае гуноҳи ту бод!

Майу ҷоме агар маро бошад,
Ҷоми чашму майи нигоҳи ту бод!

Нест арзанда пойандозам,
Чашми ман доимо ба роҳи ту бод!

**Доди Худо**

Чашми ман сӯи ту буд,
Дасти ман – сӯи само,
Аз Худо хостаам
Ман фақат ишқи туро.
Ишқи ту доди Худо, доди Худо, доди Худо,
Ғами дунё ҳама як сӯ, ғами ишқи ту ҷудо!

Тухми меҳрат зи азал
Кишта шуд дар дили ман,
Бошад аз боғи умед
Ишқи ту ҳосили ман.
Ишқи ту доди Худо, доди Худо, доди Худо,
Ғами дунё ҳама як сӯ, ғами ишқи ту ҷудо!

Ишқи ту акси садост
Ба садоҳои дилам,
Балки дар сина бувад
Ишқи ту ҷои дилам.
Ишқи ту доди Худо, доди Худо, доди Худо,
Ғами дунё ҳама як сӯ, ғами ишқи ту ҷудо!

* * *

Ало эй ишқ, эй савдо, нигаҳбонат Худо бошад,
Нигаҳбони дили танҳо, нигаҳбонат Худо бошад.

Ҷаҳони ҷовидон бе ту бувад чун сафҳаи холӣ,
Аё мазмун, аё маъно, нигаҳбонат Худо бошад.

Дили дарёи мо як рӯз мемонад зи туғёнаш,
Ало туғён, ало дарё, нигаҳбонат Худо бошад.

Дар ин дунё, ки ҳар чизе бикӯшад бар фанои мо,
Туӣ танҳо бақои мо, нигаҳбонат Худо бошад.

Ало эй ҳамчу дунё пир, аё сартобапо тадбир,
Дили моро бикун барно, нигаҳбонат Худо бошад.

Дар ин пастӣ намон моро, аз ин пастӣ раҳон моро,
Аё эй сокини боло, нигаҳбонат Худо бошад!

* * *

Ҳар ҷо нарав, ҳар ҷо нашин,
Ҷуфти манӣ, танҳо нашин.

Ту бе дили дарёи ман
Дар ҳар лаби дарё нашин.

Эй аҳли дунёи дилам,
Бо аҳли ин дунё нашин.

Парвои ман кун лаҳзае,
Як лаҳза бе парво нашин.

Болои чашмам кун макон,
Дар ҳар бари боло нашин!

**Дили дарё**

Ту будиву ману дарё,
Ду чашмат ранги дарё дошт,
Беҳин нармии дунёро
Хаёлам, санги дарё дошт.

Дили торики дарёро
Шабе моҳи рухат афрӯхт,
Шабе моҳи самоҳо дид,
Ки дарё сӯхт, дарё сӯхт…

Ду дил хушбахту хушдил рафт
Саҳар аз манзили дарё,
Ду дил аз хештан афзуд
Хурӯше бар дили дарё.

Барои ҷовидон моро
Ба гӯш оҳанги дарё монд,
Дили мо дар лаби дарё
Ба рӯи санги дарё монд.

**Боғ**

Боғ, эй боғи орзӯпарвар,
Дар ту бишкуфт навҷавонии ман,
Дар ту оғоз шуд барои гуле
Гулфишониву дилфишонии ман.

Як ту дидиву як Худо дида
Неку бадҳои қисмати моро,
Ҷуз Худову ту кас намедонад
Розҳои муҳаббати моро.

Рӯзу шабҳо дарахтҳои ту
Шоҳиди розҳои мо буданд,
Баргҳоят чу гӯш бодиққат
Сӯи овозҳои мо буданд.

Сабзаҳоят ба гӯши мо мегуфт
Ишқи моро ту сабз хоҳӣ кард,
Хонаи дарди ишқ хоҳӣ сохт
Дили худро, ки метапад бедард.

Бахти бедори умрбодӣ буд
Дар бари сабзаи ту хуфтанҳо,
Беҳтарин орзӯи мо гардид
Бо ту сабзидану шукуфтанҳо.

Мо зи шавқу зи шӯри ишқ гаҳе
Дар канори ту сахт ларзидем,
Андар оғӯши сабзи ту, эй боғ,
Ҳамчунон ду дарахт сабзидем.

Бе қади сарви ёри ман, эй боғ,
Сарвҳои ту ғусса мехурданд,
Аз барои Худо, ба сарви қадаш
Сарвҳои ту рашк мебурданд…

Мо ду тан пеши ту дуо кардем:
«Ҷовидон боғи ишқи мо бошӣ,
Баъди ин қадр лола чиданҳо
Нашавад, доғи ишқи мо бошӣ!»

Пеши ту кардаем мо зора:
«Ишқи моро хазон макун, эй боғ,
Қиссаи ишқи содаи моро
Рози боди вазон макун, эй боғ!»

Боғ, эй боғ, то ки ҳастам ман,
Хидмататро ҷавоб хоҳам гуфт,
Файзи бемисли обу хоки туро
Бо ҳама хоку об хоҳам гуфт.

Мон, дар оғӯши ҷовидон сабзат
Ишқи мо сабзи ҷовидон бошад,
Боғ, эй боғи ишқи содаи мо,
Бошӣ обод, то ҷаҳон бошад!

## Гул овардам…

Гул овардам,
Набудӣ,
Мондамаш маҳзун сари девор.

Охир омадӣ,
Онро надидӣ,
Аз алам шуд хор.

## Санги дил

*Ӯ мурдаву дар синаи ман ин дили бемеҳр*
*Сангест, ки ман бар сари он гӯр ниҳодам…*
*Симини Беҳбаҳонӣ*

Ба дард ояд дилам ҳар гаҳ, туям бар ёд меоӣ,
Ту аз қаъри дилам чун дард, чун фарёд меоӣ,
Аз ин дарди батаъхирам вале дигар куҷо суд аст,
Ки баъд аз шуълаи рӯят дилам пурдуду пурдуд аст.

Замоне рӯи роҳам интизор оғоз мекардӣ,
Чу пешат мерасидам, нарму ширин ноз мекардӣ,
Зи пешам, аз азоби ҷони ман масрур, мерафтӣ,
Чи нозук мехиромидӣ, ба мисли нур мерафтӣ…

Ҳамегуфтам, ки бе ту дар гулистон хор хоҳам мурд,
Чи кор ояд маро ин по, ки сӯи ту нахоҳад бурд?
Чи кор ояд маро ин даст, агар бар гарданат набвад?
Чи кор ояд маро ин ҷон, фидо гар бар танат набвад?!

Вале сабре!
Агар ман сӯхтам аз оташи ишқат,
Чи зебо сӯхтан омӯхтам аз оташи ишқат.
Зи пуштат рафтанам бар ман тариқи раҳравӣ омӯхт,
Ба даҳри кухна раҳ бигрифтан аз пушти навӣ омӯхт.

Расидан бо туям ҳосил нашуд ҳарчанд аз ин рафтан,
Ба дарди дил расидам оқибат, бо худ расидам ман…

Ало эй лоиқи дил, эй саропо аз барои дил,
Кунун бо дарди дил наздику дурам аз давои дил,
Мабодо гар бимирам ман, туро нодида, маъзурам,
Бимон санги дилатро ёдгорӣ дар сари гӯрам…

**Ишқи баланд**

Мефуроӣ ту, эй сафедандом,
Ҳар гаҳ аз ошёни ҳафтуми хеш,
Мефурояд фариштае гӯё
Пок аз осмони ҳафтуми хеш.

Ҷустаму ёфтам туро охир
Ман, ки ишқи баланд мекобам,
Бингарам чун ба ошёнаи ту,
Хешро сарбаланд меёбам.

Мерасӣ пеши ман хиромида,
Дилбари ҳафтумошёнии ман,
Сари ман мерасад ба гардунҳо,
Шукрат, эй бахти осмонии ман!

Ту биёӣ, ду чашми раҳгузарон
Бо ҳавас сӯи мост аз пасу пеш,
Эй баландошёни ман, бо ту
Мешавам ман баландтар аз хеш!

Эй биҳишти дилам, аз ин пастӣ
Бар маро, ҳафтумошёнӣ кун!
Эй фаришта, ки меравӣ бартар,
Ишқи поки дили маро ҳам бар,
Осмонӣ кун,
осмонӣ кун!

## Обод хонаат

Обод хонаат, эй хонабони ман,
Фарзонабахши ман, фарзонабони ман.

Эй Шаҳрзоди ман, аз деҳ расидаӣ,
Дар шаҳр то шавӣ афсонабони ман.

То бо манӣ, маро парвои сӯз нест,
Эй шамъи рӯшанам, парвонабони ман.

Ҳар гоҳ сар ниҳӣ бар шонаам бамеҳр,
Бар меҳр сар ниҳам, эй шонабони ман.

Сад дона коштӣ бар хоки ҳастиам,
Якдонаи дилам, эй донабони ман.

Хушбол чӯҷаҳо – ҳамболи меҳри мо
Зери пари ту бод, эй лонабони ман.

Аз ҳар даре маро орӣ ту бар дарам,
Эй даркушои ман, кошонабони ман.

Ҷони манӣ туву ман хоҳам аз Худо:
Бошад дар ин ҷаҳон ҷононабони ман.

* * *

Ёд бодо субҳу шоми бо ту буданҳои ман,
Рӯзу шабҳоро фидои ту намуданҳои ман.

Ёд бодо дар ба рӯи ман кушоданҳои ту,
Ёд бодо дил ба рӯи ту кушуданҳои ман.

Ёд бодо по ба рӯи остонам монданат,
Ёд бодо рӯ ба поҳои ту суданҳои ман.

Ёд бод оварданат дуздона худро то барам,
Ёд бод аз бахт бахши худ рабуданҳои ман.

Ёд бодо костанҳои ту ғамҳои маро,
Ёд бодо шавқу шӯратро фузуданҳои ман.

Ёд бодо дар дилам тухми муҳаббат киштанат,
Ёд бод он киштаро бехуд дуруданҳои ман.

Ёд бод аз шавқи иқболи баланди хештан
Дар ҳамовозӣ ба бахти худ суруданҳои ман.

Эй набуду буди ман, дар олами буду набуд
То набудан ёд бодо бо ту буданҳои ман!

**Як замон…**

Як замон мехостам ман аз замин
Сар ба сӯи осмонҳояш барам,
Як замон мехостам аз осмон
Баҳри ёри сода ахтар оварам.

Як замон мехостам чун ахтарон
Аз фазоҳо бар заминҳо бингарам,
Бо хушӣ бинам ҳама хушбахтро,
Нохушона бар ғаминҳо бингарам.

Як замон мехостам дарё шавам,
Хушктабъӣ то фаромӯшам шавад,
Як замон мехостам саҳро шавам,
Сабзаву гул то дар оғӯшам шавад.

Як замон мехостам ҳамчун писар
Волидайни хешро дунё диҳам,
Як замон мехостам ҳамчун падар
Тифлакони хешро бар по ниҳам.

Ҳамсарамро як замон мехостам
Як тани хушбахти ин дунё кунам,
Меҳри ӯро то фалак боло барам,
Бахтро бар тахти ин дунё кунам.

Як замон бе ишқу бо эҳсоси ишқ
Менавиштам шеърҳо аз ишқи пок,
Як замон бе дарду аз дарди замон
Менавиштам шеърҳои тобнок.

Буд рӯзе маҳфили гармам ниёз,
Буд рӯзе рӯи минбар хоҳишам,
Буд рӯзе даъвии ҷоҳу мақом,
Буд рӯзе баҳси бебар хоҳишам.

Ман дар ин дунё яқин мехостам
Сохтан дунёи худро аз ҳавас,
Хешро медидам аз дунё фақат,
Пеши ман буданд касҳо ҳамчу хас.

Як замон дар ин ҷаҳони пургуноҳ
Бе гуноҳе зистан мехостам,
То макон кардан ба гӯре бошукӯҳ
Дар дили мардум ватан мехостам.

Як замон мехостам шеърам шавад
Сардарии хонаҳову гӯрҳо,
Як замон мехостам бинад ҳама
Сарфарозам аз қарибу дурҳо.

Як замон мехостам иншо шавад
Дар китоби зиндагонӣ номи ман.
Як замон мехостам боло шавад
Бо алам сад ҷом дар фарҷоми ман…

Эй ки асли хостанҳои манӣ,
Дар куҷои ҷони ман будӣ ниҳон?
Эй ҷаҳони хостанҳои дилам,
Дар дилу ҷонам ту бикшудӣ ҷаҳон.

Аз паси он хостанҳои хасӣ
Омадӣ ногаҳ чу авҷи хостан,
Ҳамчу мавҷи тозаи дарёи дил
Рӯй-рӯйи мавҷи хоҳишҳои ман.

Омадӣ, бар шишаи чашму дилам
Ҳамчу мавҷи хоста сад нам задӣ,
Хоҳишамро ҷумла кардӣ ноаён,
Хостанҳоро ҳама барҳам задӣ.

Ман зи пурхоҳии дил гаштам раҳо,
Як туро бо сад таманно хостам,
Шуд тиҳӣ дунё зи хоҳишҳои ман,
Як туро аз рӯи дунё хостам.

Умри ман чун об рафт аз сар, дигар
Ину онро аз куҷо хоҳад дилам?
Андар анҷоми ҳама он хостан
То абад танҳо туро хоҳад дилам.

## Монанди баҳорон

Ту монанди баҳорон омадӣ, эй гул,
Саропо чун ҳавои баъди борон омадӣ, эй гул;

Чу бӯи гул ту аз роҳи нафас бар ҷон шудӣ ворид,
Аё эй орзӯи мушкилам,
Бар ҳастиам осон шудӣ ворид;

Зимистонро зи ман рондиву дилгармӣ ато кардӣ,
Мани дилмурдаро
аз сад мазори орзӯи ман садо кардӣ;
Дилам аз нахли қаддат меваҳои бегазандӣ чид,
Дилам бар пойи ту афтоду файзи сарбаландӣ дид…

Баҳори ман,
Зимистон сахт сарду тирадил будам,
Аз он будам хиҷил будам,
Ки ногаҳ омадӣ бо чеҳраи сабзат
Ба чашми дил,
Ба мағзи ҷон
бишуд ҷо чеҳраи сабзат;

Дилам ҷавлонгаҳи фасли баҳорон шуд дигар бо ту,
Саропо чун ҳавои баъди борон шуд дигар бо ту,
Дили танҳову хомӯшам
Пурово чун ҳазорон шуд дигар бо ту…

Аё эй осмони ҳафтуми бахтам,
Аё дунёи андар бахти дунёӣ гуми бахтам,
Расидӣ аз қазову нарм печидӣ
Ту ҳамчун токи сарсабзе ба ҷисми чун сафедорам
Ва кардӣ аз шароби печутобат сахт саршорам…

Ту монанди баҳорон омадӣ, эй гул,
Ба дунёям чу барқ оташ задӣ, эй гул,
Ҷаҳони тираам ногоҳ рӯшан шуд,
Тамоми нуру нори дахр аз ман шуд,
Хазонрези вуҷудам гулбадоман шуд…

…Ту монанди баҳорон омадӣ, эй гул…

## Ман Шуморо дӯст медорам

Ман Шуморо дӯст медорам
Ҳамчуноне Вомиқ Узроро.
Ман Шуморо дӯст медорам
Ҳамчуноне Қайс Лайлоро.

Ман Шуморо дӯст медорам
Ҳамчуноне дил тапиданро,
Ҳамчуноне гӯш оворо,
Ҳамчуноне дида диданро.

Ман Шуморо дӯст медорам
Ҳамчуноне сабза боронро,
Ҳамчуноне барф сарморо,
Ҳамчуноне гул баҳоронро.

Ман Шуморо дӯст медорам
Ҳамчуноне рӯд маҷроро,
Ҳамчуноне ханда лабҳоро,
Ҳамчуноне бод саҳроро.

Ман Шуморо дӯст медорам
Ҳамчуноне пойҳо раҳро,
Ҳамчуноне осмон маҳро,
Ҳамчуноне каҳрабо каҳро.

Ман Шуморо дӯст медорам
Ҳамчуноне роҳ бурданро,
Ҳамчуноне хирс хуфтанро,
Ҳамчуноне гов хӯрданро!

Ҳар қадар гӯям аз ин гапҳо,
Он қадар маҳкуми такрорам,
Ҳарфи нотакрори ман ин аст:
Ман Шуморо дӯст медорам!

**Дӯсташ медорам, эй мардум!**

Нест обӣ чашми ӯ, эй об,
Чун ту дорад лек сад гирдоб;
Нест бодӣ ӯ, вале, эй бод,
Дода дунёи маро барбод;
Ҳарчи ҳаст ӯ, бе чаро, бе чун
Дӯсташ медорам, эй мардум!

Нест ӯ моҳи само, эй моҳ,
Бо баландиву зиё аммо
Рӯшану бартар зи маҳтоб аст;
Фикри пайдову ниҳонаш нест,
Он қадар дилҷӯю дилёб аст;
Бахти бедор аз ҳаё пешаш
Субҳ то шаб мисли маҳ хоб аст;
Ҳамчу бахти хоби сардаргум
Дӯсташ медорам, эй мардум!

Кам хӯр, эй наҷми самоҳо, ғам,
Нест ӯ наҷми самоҳо ҳам;
Ахтари бурҷи фалак ҳам нест,
Лек ҷояш аз малак кам нест!
Чун малак, чун моҳ, чун анҷум
Дӯсташ медорам, эй мардум!

Нест наргис гарчи, эй наргис,
Мекунӣ ҳоли маро ту ҳис? –
Карда ӯ бо як нигаҳ мастам!
Гарчи дар пеши ҳама ҳастам,
Рафта ман бе пой аз дастам!
Ман сабӯҳихоҳу бе ӯ ҳаст
Ин ҷаҳон ҳамчун тиҳӣ як хум…
Дӯсташ медорам, эй мардум!

Эй намакноошно, хомуш,
Бенамакро ман надорам хуш;
Дар ҷаҳон кони намак кам нест,
Мисли ӯ ширин намак ҳам нест!
Ин манам бар таъми ӯ мафтун…
Дӯсташ медорам, эй мардум!

Нест, эй афсонаи зебо,
Ҳусни ӯ афсона дар дунё;
Хусраво, асли сухан ин аст:
Ӯ на Ширин, сахт ширин аст!
Вомиқо, ҳам аз ту мехоҳам
Узрҳо – ӯ нест Узро ҳам!
Нест Лайлӣ, лек чун Маҷнун
Дӯсташ медорам, эй мардум!

Нест гандум ёрам, эй гандум,
Лек дар дил корам, эй гандум,
Донаи меҳру вафояшро,
Ғам бичинам – хӯшаҳояшро…

Гушнаам ман, гушна, эй мардум,
Аз бароям рӯи ӯ нон аст,
Аз кӣ, охир, боз пинҳон аст:
Баҳри ӯ дил аз ҳама кандам,
Ҷаннатамро баҳраш афкандам!
Чун гули нон,
Чун гули гандум
Дӯсташ медорам, эй мардум!
Дӯсташ медорам, эй мардум!

* * *

Мазҳаби мард заҳмати дунёст,
Мазҳаби зан муҳаббати дунёст.

Аз ҳар он чӣ миёни ин ду тан аст,
Як муҳаббат ғанимати дунёст.

Бохт аз бурд бештар ин ҷо,
Ошиқӣ асли сабқати дунёст.

Аз паси ишқ хуш давиданҳо,
Дав-даваш беҳ зи давлати дунёст.

Нафаси тозаи муҳаббати пок
Тозафасли табиати дунёст.

Соату вақти ишқ дар дунё
Хуштарин вақту соати дунёст!

## Рози иқбол

Розҳоят рози иқбол аст!
Нозҳоят нози иқбол аст!

Меҳри ту анҷоми бемеҳрист,
Ишқи ту оғози иқбол аст!

Дидаҳои сӯи ман бозат
Дидаҳои бози иқбол аст!

Абрувонат, чун ду боли бахт,
Муждаи парвози иқбол аст!

Гӯшакиҳои дилангезат
Нусхаи овози иқбол аст!

Ҳусни бе пардоз дилҷӯят
Беҳтарин пардози иқбол аст!

## Ҷуфти парасту

Дар раҳи қисмат нагаштам ҷуфти кас ман,
Дар раҳи қисмат нагаштӣ ҷуфти кас ту,
Ҷуфти ҳам гаштем мо дар роҳи қисмат,
Бегумон гаштем як ҷуфти парасту.

Нӯл бар нӯлам ниҳодӣ бо садоқат,
Нӯл бар нӯлат ниҳодам бо муҳаббат,
Ҳамчу як ҷуфти парасту нӯл бар нӯл –
Хушгили давру замон будӣ туи гул,
Оқили рӯи ҷаҳон будам мани гӯл.

Беш аз ин – минқор будам ман саропо,
Беш аз ин – минқор будӣ ту саропо,
Обу гил аз баҳри манзил мекашидем,
Бо чи саъй, аз ҷону аз дил мекашидем! –
То бино шуд лонаи уммедҳомон –
Лонае дар шифти пешайвони дунё,
Эй аҷаб обод дар вайрони дунё!

То абад мо нӯл бар нӯлем, эй ҷон,
Боз ҳам дар нӯл дорем
Обу гилҳо ё хасу хоре – барои ошёни хеш,
Дону обе аз барои чӯҷагони хеш.

Чӯҷаҳо донанд агар хуб
Эътибори нӯлбарнӯлии моро,
Як-як он якдонаҳомон
Пешамон истанд фардо,
Мои ҷуфти нӯл бар нӯл
Бас фаровон мешавем,
Мои ҷуфти нӯл бар нӯл
Сад,
Ҳазорон,
Баъд –
Милён мешавем!

## Илтиҷо

Беҳтарин ёре, ки ман дорам, дил аст,
Як дили нооқил асту оқил аст,
Гар шавам аз дил ҷудо дар зиндагӣ,
Зиндагӣ беҳуда асту мушкил аст.

Эй Худоҷон, эй Худо,
Эй Худо, ҳаргиз маро
Аз дилам манмо ҷудо,
Эй Худоҷон, эй Худо!

Нест бо ман мисли дил наздик кас,
Дар бари ман метапад бо сад ҳавас,
Дил чу гулдони гули уммедхост,
Накҳате бар ҷонам аз ин боғ бас!

Эй Худоҷон, эй Худо,
Эй Худо, ҳаргиз маро
Аз дилам манмо ҷудо,
Эй Худоҷон, эй Худо!

Мекунад субҳи сафо шоми маро,
Мебарад бар дур пайғоми маро,
Аз дигар мебахшад оғози наве
Соҳирона ҳар дам анҷоми маро.

Эй Худоҷон, эй Худо,
Эй Худо, ҳаргиз маро
Аз дилам манмо ҷудо,
Эй Худоҷон, эй Худо!

Мурғи тақдири маро бепар макун,
Нахли уммеди маро бебар макун,
Эй Худо, оинаи поки маро
Дар ҷаҳон муҳтоҷи хокистар макун!

Эй Худоҷон, эй Худо,
Эй Худо, ҳаргиз маро
Аз дилам манмо ҷудо,
Эй Худоҷон, эй Худо!

## Ту маро фанд накун…

Ту маро фанд накун,
Ваъдаи қанд накун,
Гар дилат нест ба ман,
Чун накун, чанд накун!

Ман бароят ғами беҳад нашавам,
Сари роҳат наравам, сад нашавам,
Аз бари хонаи ту рад нашавам,
Накунам бад ба туву бад нашавам.

Ту маро фанд накун,
Ваъдаи қанд накун,
Гар дилат нест ба ман,
Чун накун, чанд накун!

Ман пайи ишқи туро кӯр кунам,
Аз сарам фикри туро дур кунам,
Дар дилам ишқи туро гӯр кунам,
Тоқати ин алами зӯр кунам.

Ту маро фанд накун,
Ваъдаи қанд накун,
Гар дилат нест ба ман,
Чун накун, чанд накун!

Ғофил аз роҳи худу ҳамраҳи худ,
Бехуди субҳи худу бегаҳи худ,
Бехабар аз ману ноогаҳи худ,
Ту ба роҳи худу ман бо раҳи худ!

Ту маро фанд накун,
Ваъдаи қанд накун,
Гар дилат нест ба ман,
Чун накун, чанд накун!

## 24-00

... дилам имрӯз
на дар банди ту аст,
на зи банди ту раҳо;

ҷонам имрӯз
на ороми ту аст,
на бароят шайдо;

рӯҳам имрӯз, аҷаб,
бастапои ту наяст,
раставоят ҳам нест;

сарам имрӯз
дар оғӯшат не
ва ба поят ҳам нест.

…соати бистучаҳор аст расо,
ки на аз имрӯз аст,
на ҳанӯз аз фардо.

## Бо борон

Борони тор-тор,
Эй пуртарона ёр,
Ашки маро бибар,
Ёри маро биёр.

Он дилфурӯзи дил
Оё зи сӯзи дил
Ашке фишондааст
Бар тирарӯзи дил?

Бе ӯ бибин ғамам,
Дунёи барҳамам,
Аз осмони ёд
Борони нам-намам.

Ашки ту рӯшан аст,
Пурдарду бефан аст,
Гӯё сиришки дил
Аз дидаи ман аст.

Эй бениёз ёр,
Дунёи роз ёр,
Ояд ба роҳи ишқ
Баргашта боз ёр?

Эй парда пеши рӯ,
Бепардатар бигӯ:
Дар пардаи ту ҳаст
Торе зи ашки ӯ?..

Борони ҳамнафас,
Эй ёри дастрас,
Бе ҳампари дилам
Ҳастӣ туям қафас.

Эй ҳамнавои ман,
Гирйӣ барои ман,
Ашкам ба пои ту,
Ашкат ба пои ман…

## Дилошнои ғам

Ҳар субҳ беқарор туро ёд мекунам,
Ҳар шом интизор туро ёд мекунам,
Чашмони ахтарон чу бирезанд ашки нур,
Бо чашми ашкбор туро ёд мекунам.

Фасли баҳор рафтию аз дил баҳор рафт,
Ашкам қатор шуд зи пайи ту, қатор рафт,
Рафтӣ ту рӯй-рӯи гулу хор шуд баҳор,
Бар пойи дил ҳам аз гули ишқи ту хор рафт.

Дилтангам аз ту гарчи дар ин олами кушод,
Ишқи кушодарӯйи туям ёд бод, ёд!
Кардӣ маро агарчи ту дилошнои ғам,
Ғам бо дили азизи ту ҳеҷ ошно мабод!

## Турсунзодавор

То дилам аз шуълаи рухсори ту рӯшан шуда,
Дар нигоҳам рӯи олам бехазон гулшан шуда,
Чашми рахшонат ба сӯи бахти ман равзан шуда,
Хуш ба ҳоли ман, ки як олам насиби ман шуда.

Роҳи дил манзил надорад, гар набошад ишқи ту,
Рӯди дил соҳил надорад, гар набошад ишқи ту,
Нахли дил ҳосил надорад, гар набошад ишқи ту,
Дил ғурури дил надорад, гар набошад ишқи ту.

Гар набошад ишқи ту, нуру сафои хона нест,
Он муҳити дилнавозу дилкушои хона нест,
Бӯи меҳру бӯи ёрӣ дар фазои хона нест,
Аз тило бошад сутунаш ҳам, бақои хона нест.

Маъние омад аён аз ишқи ту, эй ишқзод:
Зиндагиро инчунин арзанда маъно ишқ дод,
Ҷону дилҳоро кунад ишқ авҷхоҳу ишқ род,
Дини дилҳо ишқ бод, оини дунё ишқ бод.

То биёбам гармии дил дар баҳори ишқи ту,
То вуҷудам пур шавад аз баргу бори ишқи ту,
Мегурезам дилхумору ҷонхумори ишқи ту
Аз канори ин ҷаҳон то беканори ишқи ту!

## Меравад зан…

Зан, ки ранҷид, меравад як рӯз[1],
Зан, ки ранҷид, меравад ҳатман,
Нест суде дигар зи баҳсу талош,
Нест суде дигар зи мову зи ман.

Меравад зан ба мисли рӯди равон
(Чун раҳи об ҷонфизо раҳи ӯст),
Хушкмағзест гар аз ӯ ғофил,
Ташнаҷоне хумору огаҳи ӯст.

Меравад зан ба мисли боди баҳор,
Мебарад накҳати гулу райҳон,
Бедимоғе агар набӯидаш,
Хушдимоғе бигирадаш дар ҷон.

Меравад зан ба мисли овое,
Ин чи овост, олами роз аст,
Гар ба гӯши каре накард асар,
Гӯши завқе барои ӯ боз аст.

[1] Илҳом аз шеъри шоири маъруфи рус Сергей Орлов.

Меравад зан чу моҳ, чун хуршед –
Меравад ноаён зи мову зи ман,
Мешавад тира манзиле бе ӯ,
Мешавад манзиле аз ӯ рӯшан.

Меравад зан чу нури чашм, ки мард
Ҳамчу чашм асту зан бувад нураш,
Чашм агар қадри нур нашносад,
Чашми сар не,
Бигӯ чаҳи кӯраш!

Меравад зан чу ашк аз дида,
Дурри ашкаш зи кӯҳи чеҳра чакон,
Ин ҳама ашк нест –
Ҳар қатра
Санги нанг аст бар сари мардон!

Меравад зан,
Зи ашки боронаш
Боли бишкастааш шикастатар аст,
Эй ки парвози бахт мехоҳӣ,
Мурғи бахт ӯст!
Гарчи муштипар аст…

Меравад зан…
Нигоҳ кун, эй мард –
Меравад бахт, меравад иқбол!
Меравад зан…
Равад ба ҳар ҷое,
Мекунандаш чу бахт истиқбол…

## Ман донаму дилам

Фасли баҳор буд,
Дил интизор буд,
Ногаҳ гуле расид,
Дил аз ҳавас тапид.

Бо рӯи озарӣ,
Бо шеваи дарӣ
Садди дилам шикаст,
Дар чашми ман нишаст.

Ӯро, ки ҳайф буд
Бар рӯи гил макон,
Додам ба сад ҳавас
Дар ҷону дил макон.

Бе шӯру фитна буд,
Бе макру ҳила буд,
Як маҳ ҷамол дошт,
Барҳақ ҷамила буд.

Кард ӯ яқин гумон:
Ман ҳам фариштаям,
Шояд зи гил наям,
Аз гул сириштаям.

Чун дид: хокиям,
Сӯи само парид,
Борон хаёл кард,
Ашки маро надид.

Дар роҳи рафтанаш
Бар авҷи осмон
Ӯ канда шуд зи дил,
Ӯ канда шуд зи ҷон.

Аз ҷои кандааш
Ҷорист хуни дил,
Кай мекушад маро
Дарди фузуни дил?

Дар ҷустуҷӯи ӯ
Ман дарбадар шудам,
Аз хеш бехабар,
Аз дил хабар шудам.

Ӯ бегуноҳ буд,
Ҳам рафт бегуноҳ,
Он рӯсафед рафт,
Ман монда рӯсиёҳ.

Помоли сад хазон
Дар роҳи он гулам,
Ман донаму Худо,
Ман донаму дилам.

**Мактуби дил**

Ёри дили ман будиву маҳбуби дили ман,
Бе рӯи ту бадрӯзам, аё хуби дили ман.

Аз боғи вафо бигзару ҳар барги хазонро
Бо гиря бихон боз чу мактуби дили ман.

Сар бар сари ин сина бинеҳ аз сари ёрӣ,
Ёрона тасаввур бикун ошӯби дили ман.

Ё раб, чи гарон аст хазонрези муҳаббат,
Бас ҷабр бувад бар сари ҷорӯби дили ман!

Сад мансабу мансуб раҳо шуд ба раҳи умр,
Ишқ аст ҳамон мансабу мансуби дили ман.

Кас ҷуз дили ноогаҳи ман дар ҳама дунё
Огаҳ нашуд аз матлабу матлуби дили ман.

Мулло нашуд ин хирси дил, эй войи ману дил,
Ҳарчанд басо хӯрд адабчӯби дили ман.

Бас бӯи алам монд зи пероҳани ёдат,
Юсуф чи ҷафо кард ба Яъқуби дили ман!

Аз чанги ту, эй ишқи ман, эй тифлаки бесар,
Ҳаргиз нараҳад, то накафад, тӯби дили ман!

Бинмудан аз ин беш ҷафоҳо натавонӣ,
Эй ишқ, ту бо саркаши маслуби дили ман!

Охир ту маро мекушӣ, аммо ба қиёмат
Сар мекашӣ аз оташи саркӯби дили ман!

**Чӣ мекардам?**

Ту 29-уми февралӣ,
Ки дар чор сол як бор меоӣ…
Шукр мегӯям ин рӯзро,
Чӣ мекардам,
Агар 32-юми март мешудӣ?!

**Омаду шиновар шуд…**

Омаду шиновар шуд чун ба оби оина,
Ҳамчу оби рӯд афзуд изтироби оина.

Ҳар хироми дилҷӯяш, печутоби чун мӯяш
Шуд азоби оина, печутоби оина.

Рӯи гул намоён кард, бӯи гул фаровон кард,
Арғувонии дигар шуд гулоби оина.

Шоми тори оина аз рухаш саҳар гардид,
Омад аз дигар берун офтоби оина.

Он замон ба оина чашми ҳар ки меафтод,
Масти ҷовидон мешуд аз шароби оина.

Як хитоби зебо шуд сӯи пастии дунё
Қомати баланди ӯ дар китоби оина.

Баъд пушти абри хоб рафту хуфт он маҳтоб,
То саҳар аз ӯ бедор,
То саҳар аз ӯ ҳушёр,
То саҳар аз ӯ саршор монд хоби оина.

**Намеоӣ**

«То кай, эй бевафо, намеоӣ?
Мурдам аз ғам, чаро намеоӣ?»[1]
Ишқ доди Худост, мегӯӣ,
Аз барои Худо намеоӣ!

Ту хушандому ман, ки хушназарам,
Бастаи рӯи туст чашми сарам,
Ба ғамам ошноиву ба барам
Ҳамчу дилошно намеоӣ.

Дили озода пойбанди ту шуд,
Комширини фанди қанди ту шуд,
Чи табибӣ, ки дардманди ту шуд,
Ту барои даво намеоӣ!

[1] Байти халқ

Дар раҳи нанг шуд дилам бе ту,
Аз ҷафо санг шуд дилам бе ту,
Бе ҳаво танг шуд дилам бе ту,
Ба дилам чун ҳаво намеоӣ.

Зиндагонӣ барои ишқи дил аст,
Хонаи босафои ишқи дил аст,
Ҳастии ман сарои ишқи дил аст,
Ҷониби ин саро намеоӣ.

Сӯи овои туст ҳуши дилам,
Бошад овои ту сурӯши дилам,
Аз чӣ, эй ёр, сӯи гӯши дилам
Ҳамчу як хуш садо намеоӣ?

Гули ман, хори ман аз ин бошад,
Ҳама озори ман аз ин бошад,
Ғами бисёри ман аз ин бошад,
Ки шудӣ камнамо, намеоӣ…

**Гуҳар**

Эй бедили ман, чи дилнавозӣ бикунӣ!
Эй бесари ман, чи сарфарозӣ бикунӣ!
Кӣ гуфт, ки рӯди мо надорад гуҳаре,
Гоҳе ки дар он ту оббозӣ бикунӣ!

**Равед, эй мижжаҳо…**

Аз он рӯзе, ки дидам қадди дилбар,
Мижа бошад ба чашмам чун хаси тар!
Равед, эй мижжаҳо, аз гирди чашмам,
Ба ҷотон мешинонам ман санавбар!

## Нарасад!

Дасти гардун ба гарданат нарасад!
Гарди дунё ба доманат нарасад!

Оҳи сардам зи холдонаи туст,
Боди дигар ба хирманат нарасад!

Рашк ҳатто ба пираҳан дорам,
Кош он низ бар танат нарасад!

Ҳар касеро насибаест зи умр,
Ғайри ҳасрат ба душманат нарасад!

Оре, оҳандилӣ яқин, аммо
Ҳеҷ тилло ба оҳанат нарасад!

Ҳардуро кор гарчи сӯхтан аст,
Сӯзи дунё ба гулханат нарасад!

Пеши ман дилхушии даҳр ҳама
Ба хушии расиданат нарасад!

## Ба ёдат…

Ба ёдат рӯзҳоям розҳо шуд,
Дилоро сӯзҳоям созҳо шуд.
Даҳанвозии ман овоз гардид,
Яке мушти парам парвозҳо шуд!

## Таъхир

То биёрӣ гул, баҳорам дай шавад,
Рӯзгори Ҳотами Тай тай шавад!

**Чи суд…**

Чи суд аз дил, ки ёри дилкашам рафт,
Чи суд аз маҳ, нигори маҳвашам рафт,
Чи суд аз оби дунё, чун дилам сӯхт,
Чи суд аз фасли гармо, оташам рафт!

**Чаро зуд меравӣ?**

Эй асли ифтихор, чаро зуд меравӣ?
Маънии рӯзгор, чаро зуд меравӣ?

Ҷонам ба лаб расида буд аз интизори ту,
Эй деринтизор, чаро зуд меравӣ?[1]

Як лаҳза ҳам наомада андар канори ман,
Эй бахти беканор, чаро зуд меравӣ?

Ёди ту бурда буд қарори дили маро,
Ин гуна беқарор, чаро зуд меравӣ?

Уммеди ман зи ишқу зи уммеду орзӯ,
Аз ноумеди зор чаро зуд меравӣ?

Сад ноларо ба ҳанҷараи ман кунонда гул,
Эй нолаи ҳазор, чаро зуд меравӣ?

Дар хуни дил фиканда чунинам пур аз хазон,
Эй лолаи баҳор, чаро зуд меравӣ?

Будӣ гули умеди дил аз боғи рӯзгор,
Дилро ниҳода хор, чаро зуд меравӣ?

---

[1] Эй дербадастомада, бас зуд бирафтӣ…
Ҳаким Анварӣ.

Эй барги сабзи ҷони ман аз даҳри пурхазон,
Аз дасти шохсор чаро зуд меравӣ?

Мемонад, эй азиз, дилам баъд аз ин дигар
Аз кору корзор, чаро зуд меравӣ?

Шуд бе ту сард синаамукӯр дидаам,
Монанди нуру нор чаро зуд меравӣ?

**Агар…**

Агар мисли ту бахтам ёр мебуд,
Маро хушбахтии бисёр мебуд.
Сарафшон пеши поят мерасидам,
Агар бахтам чу ман подор мебуд.

**Ҷудоӣ**

Ҳазорон сол бо ман будиву бо ман набудӣ ту,
Ман оташ будаам, аз ман ҷудогардида дудӣ ту.

**Чун бод бирас…**

Эй сода, биё, ки ишқро сода кунем,
Аз оз раҳонемашу озода кунем,
Аз дасти ҷаҳон чи бодаҳо рафт ба бод,
Чун бод бирас, ки маҳфили бода кунем!

**Ҳамон достон…**

Ҳамерафт Ширин ба Гулгун савор,
Ҳамехуфт Фарҳод гулгунканор…

## Сабақ

Ҷумла ширинкорӣ аз Фарҳод омӯзад, сазост,
Кори ширин мекунад, ҳарчанд ширинкор нест…

## Зебо бичӯ…

Ҷонро бибахш, эй ҷони ман, ҷононаи зебо бичӯ,
Сад хонаи зебо бидеҳ, ҳамхонаи зебо бичӯ.

Чун достакҳо парфишон дилбастагӣ бинмо аён,
Бигзар зи сад мулку макон, он лонаи зебо бичӯ.

Чун мазраи пурбор бош, эй гармдил, бедор бош,
Дар бар макун ҳар донаро, якдонаи зебо бичӯ.

Шамъе агар шуд ҳосилат, бинмуд рӯшан маҳфилат,
Аз сӯзи зебои дилат парвонаи зебо бичӯ.

Эй мӯ, ки то зонӯ-стӣ, то як сари мӯ мӯ-стӣ,
Ҳар шонаеро хуш макун, як шонаи зебо бичӯ.

Эй он ки дар майхонаӣ, умре пайи паймонаӣ,
Паймонаро бигзору ҳампаймонаи зебо бичӯ.

Онро бимон, инро бимон, Лайлову Ширинро бимон,
Аз лайлии ширинрухе афсонаи зебо бичӯ.

## Аз пирии ишқ

Ин тори сафеди мӯю хатти ожанг
Бо ҳусни ҷавонии ту дорад сари ҷанг…
Аз пирии хеш ман надорам парво,
Аз пирии ишқи хешам эй бас дилтанг!

## Хуми хумор

Эй ёри хумор, чанд пурбода хум ор,
Чун чашми ту то шавем мо низ хумор!

## Касе рӯ тофт…

Сафедии дилатро рӯ гувоҳ аст,
Сафед аз рӯи ту бахт асту роҳ аст,
Касе рӯ тофт аз рӯи сафедат,
Ба ҳар сӯе кунад рӯ, рӯсиёҳ аст!

## Ману ту

Ману ту омадем аз кӯчаи ишқ,
ману ту омадем аз шаҳри ёрӣ,
ману ту зодагони мулки меҳрем,
ману ту – аҳли шаҳри дӯстдорӣ;

ману ту софу беғаш чун сафедор,
ману ту поку сарсабзем чун ток,
ману ту хоксори мулки ишқем,
ману ту аз муҳаббат сар ба афлок;

ману ту хешро то хеш бурдем,
ману ту меҳр овардем афзун,
ману ту костем аз хеш умре,
ману ту ишқро кардем афзун.

## Симо

Ба лавҳи ёд пайдоям бибинӣ?
Дили дар ишқ шайдоям бибинӣ?
Ба симо мекунам гаҳ-гоҳ ҷилва,
Ту дар симо-т симоям бибинӣ?

## Шукр

Ӯ хуш гузашт аз бару гуфтам ба шукр ман:
Як лаҳза умри бандаи бечора хуш гузашт!

## Ҳар омаданат…

Ҳар омаданат хироми сад оҳу дошт,
Сад боғ ба роҳат орзӯи бӯ дошт,
Дар олами ташнаҷониву ташнадилӣ
Ҳар ҷустани ту маро ҳазорон ҷӯ дошт.

## Шарқи бӯса

Чи Меҳре дошт Шарқи бӯсаи ту,
Маро афрӯхт барқи бӯсаи ту,
Яқин, месӯхтам ман, гар набудам
Ҳамоно ғарқ – ғарқи бӯсаи ту!

## Гарону арзон

Бӯса бигрифтаму дар ҷош дилу ҷон додам,
Гуфт: «Ваҳ, моли гаронмоя чи арзон додам!»

## Ҳур

Эй нозуки дил, чу нур меоӣ ту,
Наздики дилам, зи дур меоӣ ту,
Ин хонаи бе ту ҳамчунон дӯзахро
Ҷаннат карда, чу ҳур меоӣ ту!

## Имо

Имо ба мӯи то сари зонуи хеш кард,
Дилро ба як ишора ба зону шинонд боз!

## Эй сарв…

Назар бар сӯи боло дорӣ, эй сарв,
Ғами пастии дунё дорӣ, эй сарв;
Тамоми рӯз дар оинаи рӯд
Қади худро тамошо дорӣ, эй сарв.

## Оинаи шикаста

Оинаи диламро бишкастӣ аз тағофул,
Дар ҳар шикаста аксат барҷой монда, эй гул.

## Ман шоҳ наям…

Ман шоҳ наям, ки зарфишонат бошам,
Шаҳбол наям, ки парфишонат бошам,
Як дил дорам, ки дилфишонат ҳастам,
Як сар дорам, ки сарфишонат бошам!

## Ба ҳамҳаёт

Як давлатем бо ҳам –
Ту тоҷиву ман авранг.
Нокомилем бе ҳам
Ҳамчун ду ҷилди «Фарҳанг».

## Вақт

Вақт, медонам, чист –
Мани дар акс ҷавон,
Мани дар оина пир.

Бахт, медонам, чист –
Мани муҳтоҷ ба такя,
Писари дар бари ман –
Такяи ман.

## Гули тагбарфӣ

Рӯзии ҷон, рӯзии дил,
Рӯшании рӯзгорам,
Эй гули тагбарфии ман,
Дар зимистон навбаҳорам.

Дидаам бо дидаи дил
Дар ту оғози баҳорон,
Будаӣ наврӯзи бахтам
Зери барфи рӯзгорон.

То ту ҳастӣ дар нигоҳам,
Дидаи ман ҳаст равшан,
Зери барфи сад зимистон
Гарм мемонад дили ман.

## Афсӯс…

Дил занг заду занги ту н-омад, афсӯс,
Бар гӯши дил оҳанги ту н-омад, афсӯс,
Садранг расид дилбар, аммо дигар
Як дилбараки ранги ту н-омад, афсӯс.

## Чун орзӯ дар дил

Чу дил гар дар барат манзил бигирам,
Дил аз ҳар обу аз ҳар гил бигирам,
Кунам аз орзӯ холӣ диламро,
Туро чун орзӯ дар дил бигирам!

## Бишкуфтани оина

Ғами дил руфтани оинаро бин,
Гапи дил гуфтани оинаро бин,
Ту ҳар гаҳ рӯбарӯяш бошӣ, эй гул,
Чу гул бишкуфтани оинаро бин!

### Баҳори дил

*(ба оҳанги филми «Ман бо духтаре вохӯрдам»)*

Ба дил меҳри яке сабзина дорам,
Зи ишқи поки ӯ ганҷина дорам,
Азизон, то абад ман аз гули ишқ
Баҳори бехазон дар сина дорам!

Сердце моё полно любовью, друзья,
От золотой любви клад имею я.
Вошла в сердце моё как цветок она,
И на душе моёй расцвела весна!

Ало эй сӯзи дил, боло гирифтӣ,
Шудӣ ишқи ману дунё гирифтӣ,
Намедонам, ки бо ин сон бузургӣ
Чи сон дар синаи ман ҷо гирифтӣ!

Любовь моя, ты как небо, как земля,
Ты суть жизни моей, о любовь моя,
Ты велика и я удивлён в одном:
Как же поместилась ты в сердце моём!

### Фарҳод набудаем…

Мо ҷониби рӯи гарм биштофтаем,
Аз гармии рӯ гармии дил ёфтаем.
Фарҳод набудаему дар кӯҳи вафо
Ширин-ширин чи ҷӯйҳо кофтаем!

### Чун?

Дил донад, ки бе ту чунам, ҷонам,
Чун бе ту нарафта ин равон, ҳайронам,
Чун барраи рӯи оташи сӯзонам,
Дар рӯғани ҷисми хештан бирёнам.

## Чорсӯ

Чор сӯ кӯй, дар кадомин кӯй
Ман бибинам ҷамоли дилҷӯят?
Чор сӯ бурҷ, аз кадомин бурҷ
Шуъла борад ҳилоли абрӯят?

Чор сӯ марз, дар кадомин марз
Навниҳоли қадат нумӯ дорад?
Чор сӯ боду лек боди хуше
Бӯи зулфи туро намеорад.

Чор сӯ кӯҳ, кӯҳи овохӯр
Оҳу фарёди синаамро хӯрд…
Чор сӯ дашт, дашти синакушод
Дилу ҷони маро ба сина фушурд.

Чор сӯ боғ бошаду боғе
Гули рӯи туро напарварда.
Чор сӯ роҳу раҳнамое нест,
Дили ман роҳи хеш гум карда…

## Ба ёди чашмҳоят

Нигоҳи рафтаам аз хонаи чашм
Бувад бехонаву бегонаи чашм,
Ба ёди чашмҳоят то қиёмат
Бигӯяд қиссаву афсонаи чашм.

## Чорамал

Бо ҷамъи туям ғами парешонӣ нест,
Бо тарҳи туям ҳароси каммонӣ нест,
Бо зарби ту аз зарбаи ғайр эминам,
Бе тақсимат қисмати пешонӣ нест!

## Имшаб

Сабост имшабу сабри ману сабӯ имшаб,
Хамӯшаму бувадам бо ту гуфтугӯ имшаб.

Бувад ду чашми ману садди сабзаи мижгон,
Бибин, ки чашма чи сон мерасад ба ҷӯ имшаб.

Чу хилъатест маро умр – пора-пора ҳама,
Висоли туст, ки онро кунад руфӯ имшаб.

Ба чашмҳои сияҳ дидаам чу бахти сафед,
Ҳамин бувад дигарам роҳи ҷустуҷӯ имшаб.

Зи ҳоли чашму дил имшаб қирони саъд бибин,
Ки бахту бахттолаб гашта рӯбарӯ имшаб.

Маҳин ба сина фишорам чу дил туро имрӯз,
Ки дасти ғам нафишорад маро гулӯ имшаб.

Ҳазор шукри майу мастиат, марав аз ман,
Масоз соғари бахти маро парӯ имшаб!

# 7. АФСОНАИ ХУРДТАРАКОН

### Хоб

Гуфтам, ки хоб кардам,
Хобам наомад.
То даҳ ҳисоб кардам,
Хобам наомад.

То навад кардам ҳисоб,
Хобам наомад.
То ба сад кардам ҳисоб,
Хобам наомад.

Аз нав бурдам бесадо
То сад ҳисобам…
Саҳар хезам, ки кайҳо
Бурдаст хобам!

### Кунҷковӣ

Одамон оянд аз роҳ,
Роҳ аз куҷо меояд?
Рӯшанӣ ояд аз моҳ,
Моҳ аз куҷо меояд?

Гов алаф мечарад,
Алаф чи мечарад худ?
Ароба мебарад бор,
Бор чи мебарад худ?

Бачаро зода оча,
Кӣ зодааст очаро?
Як ҷо истода соҳил,
Меравад дарё чаро?

Ҳар саҳарӣ ба мактаб
Чаро меравад Барзу?
Чаро мактаб як саҳар
Намеояд пеши ӯ?

Кӯл чаро пури об?
Кӯҳ чаро баланд аст?
Ними шабу аз савол
Сари ман аз чи банд аст?

Ба ҷӯи деҳаи мо
Об аз куҷо меояд?
…Ба чашмони ман охир
Хоб аз куҷо меояд?..

## Сафар

Яку дую се…
Ура!
Мошин даромад ба раҳ!

Кӯчаи мо қафо монд,
Сирку дарё қафо монд,

Мағозаи калон ҳам,
«Олами кӯдакон» ҳам,

Бозорро гузаштем,
Гулзорро гузаштем,

Ба росту ба чап гаштем,
Саргарми гап-гап гаштем…

Шаҳр оқибат монд ақиб,
Деҳаи мо шуд қариб!

**Чӯҷа, ҷӯча ва Хӯҷа**
*(шеъри тезгӯяк)*

Гузашта рафт аз кӯча
Чӯҷа ба лаби ҷӯча,

Хост аз ҷӯча хӯрад об,
Хӯрд пои чӯҷа тоб.

Дид худашро чӯҷа
Ногаҳ дар байни ҷӯча.

Ҷӯча чӯҷаро мебурд,
Чӯҷа ҷӯчаро мехӯрд…

Ин дам гузашт аз кӯча
Соҳиби чӯҷа – Хӯҷа,

Чашмаш ба ҷӯча афтод,
Ба ҳоли чӯҷа афтод,

Ба ҷӯчаи зар афтод,
Ба чӯҷаи тар афтод…

Чӯҷаро Хӯҷа гирифт,
Аз оби ҷӯча гирифт,

Шодон, дар дасташ чӯҷа,
Рафт ба хона Хӯҷа…

## «Шеър»

Гул гуфтему гул гуфтем,
Овози булбул гуфтем,

Мурғаку дона гуфтем,
Мӯяку шона гуфтем,

Очаву додо гуфтем,
Ҷону дили мо гуфтем.

Апаву хоҳар гуфтем,
Ба ҷон баробар гуфтем,

Моҳу Фарзона гуфтем,
Ҳарду дугона гуфтем…

Гуфтем аз ону аз ин
Равону поку ширин,

Мо бехабар, худ ба худ
Як шеъри нав пайдо шуд!

# 8. ГУЛДАСТАМЕҲРИ ЁРОН

*(Шоирони ҷаҳон дар бораи
ниёгон, тоҷикон, Тоҷикистон)*

## АРМАНИСТОН

**МЕТАКСЭ**

### Ҳунарманд

*Барои Маҳмуд Воҳидов*

Бе шитобе ӯ баромад рӯи саҳна,
дӯхт чашми меҳрубонашро ба толор,
пас сухан оғоз кард
орому солор…

Дарзамон
ё сеҳри овоз
ё нигоҳи гарми пурафсуни ӯ
кард моро волаву мафтуни ӯ,
хонд моро аз пайи хеш,
гирд гардонд андар аҳроми замонҳо,
бурдамон балки бар авҷи осмонҳо –
бар диёре, ки дар он
Рӯдакиву Саъдиву Хайёму Ҳофиз
ҳамраҳи кулли худоён
базм доранд,
балки хандида ба ҳоли марги оҷиз,
зидди мурдан разм доранд…

Ваҳ, чи овоз,
ваҳ, чи овозе, ки монанди дуо
гунбади давру замонҳоро шикофт,
нур бар зулмат зафар ёфт!

Бурд дилҳоро,
саросар бурд дилҳоро,
то ки бикшоянд сӯи осмонҳо бол,
то ки бикшоянд сӯи ормонҳо бол,
яъне,
сӯи оламе, ки ҷовидонӣ зинда дорад
ишқи бе оғозу бе анҷомро –
Хайёмро…

Қарнҳое гӯиё
омад ба ҳам дар пои маснад,
ҷомҳои поку саршоре ба ҳам зад –
ҷӯш зад мавҷи фарогир,
шуд баланд овози соҳир.

Гармҷӯшии шароби ишқ шуд оғоз,
ишқи поке ҷониби толор дод овоз.

Шуълаи уммед пайдо шуд,
нури мафтунӣ ҳама дилро фаро бигрифт,
бар дили пиру ҷавон раҳ ёфт,
ҳамчунон рози ниҳон раҳ ёфт,
қиссаи дунёяшон гуфт –
қиссае аз ғайб, нотакрор.

Баъд
аз кафкӯбии пиру ҷавон ларзид толор!

Як зани абрӯсияҳ пас
бесухан гулдастааш дод.

Ҷониби ӯ чун назар кард,
дид дар чашмони софу беғашаш андӯҳу фарёд,
медурахшид ашк дар чашмаш чу май дар ҷом…

Ашкҳое дид,
ӯ аммо нафаҳмид –
мӯҷибаш кист:
ӯи боном
ё ки Хайём?

## ҚАЗОҚИСТОН

**Олжас СУЛАЙМОНОВ**
(1936)

### Дар майкадаи «Хайём»

*Дар саҳифаҳои холии дафтари арзу доди чойхонаи Душанбе иншо шудааст*

Маро ин ҷо рафиқи ҷониам хонд,
Сари дасторхон,
меҳмониам хонд,
«Ҳамегӯем, – гуфт, – аз неку аз бад»,
Маро бинмуд розӣ,
Худ наомад.

Аз афташ, барқ зад ӯро баногоҳ
Ва ё худ монд зери кори дилхоҳ –
Чи коре! –
Мешавӣ хуш, гар бидонӣ –
Кунад Хайёмро ӯ тарҷумонӣ!

Ба ӯ гуфтам,
Бидодам ҳушдораш,
Ба ҳарфам бошад аммо ханда кораш.
«Касе дар тарҷума Хайём хонад, –
Бигуфтам, –
Хом буду хом монад!

Бикун Ҳомерро ёрӣ дар ин кор,
Бирав,
Хайёмро осуда бигзор!»

…Яке бахтам агар ёрӣ намояд,
Маро он ёри бепарво биёяд,
Дукон аз ӯ шавад хушбӯ чу гулшан,
Бибахшам ҷурми таъхири туро ман.

Биё, эй ёри бепарво, ба сӯям,
Бикун ларзон суханро дар гулӯям,
Биё, то ин дукон сокит шавад боз,
Ту чун ҳарфи дарӣ[1] бинмоӣ оғоз.

* * *

*Барои Мирзо Турсунзода*

Дар кӯҳсори Помир
    сели гарон равон аст –
Кӯҳи бузурги абрӣ
    чун сел мефуроянд,
Бо синаи тари хеш,
    к-аз чашми сар ниҳон аст,
Ҳар сӯй сахраҳоро
    ҳамвор менамояд.

[1] Дарӣ – забони назми қадимаи тоҷикон (тавзеҳи шоир).

Болои кӯҳ аброн
пайваста дар шиноянд.
Ҳар сахраи таҳи сел
дар худ бипӯсад охир,
Дар худ фурӯ нишинанд,
аз авҷи худ фуроянд,
Ҳар сахра пои водӣ
рӯзе бибӯсад охир.

Талмосаи Қароқум
н-орад ба гӯшаи ёд,
К-ӯ мулки куҳнаеро
бар дӯш сангбор аст,
Шаҳри қадиму обод –
шаҳри асиру озод
Дар гӯрҳои мозӣ –
дар хотири Ҳисор аст.

Аброн шино намуданд
ҳар ҷонибе парешон,
Танҳо яке ба ҷо монд
пеши назар чу пистон,
Пистони модари пир –
хушкидаву авезон,
Аз чашмае хурӯшон
як қатра шир дар он.

Эй сахрае, ки ин дам
афтодаву асирӣ,
Бо худ бибар ғамамро,
дар худ бибар намамро,
Кам буда сояи ман,
хоҳам вале бигирӣ
Дар хотир, эй биёбон,
ин сояи камамро.

Ман будам осмонат,
эй хушксори фардо,
Паҳнову сарду нохуш
пеши ту осмон чист?
Аз сар чу бигзарам, гӯй
бедарду синасардо:
«Ҷое бувад биёбон,
к-он ҷо ба абр ҷо нест,
Ин абру сояашро
ноошно маконест.»

**Хайёмро хонда…**

Хайём, чунон ки ноқидонаш гуфтанд, –
Бутхоҳ басо буду карона зи савоб.
Ҳарчанд ки масти ҷовидонаш гуфтанд,
Он порси порсо намехӯрд шароб.

Дар Ховар агарчи бо ҳазорон бовар
Донанд варо чилимкаш з-аҳди қадим,
Эй ховарӣ, имрӯз маро бин довар –
Он ғамкаши дил намекашидаст чилим.

Маъзур бувад – набуд танбокукаш,
Маъзур бувад – бехуду майхора набуд,
Як умр барои як дами беғашу хуш
Дар чорсуи зиндагӣ овора набуд.

…Майхора намегуфт вале гар худро,
Худро ҳама пургунаҳ намегуфт агар,
Мегуфт, ки ӯст устуни дини Худо,
Билло, ки намекард касеяш бовар!

Бингар, ки чи гуфтааст бехи гӯшам:
«Гар бода хӯрӣ ту, бо хирадмандон хӯр,
Ё бо санами лоларухи хандон хӯр» –
Ман ҳам на ба майли хеш май менӯшам!

Гоҳе бинависам аз ғами ғамкада ман,
Он нест, ки будаам ҳамон ғамзада ман.
Ҳар гоҳ бигӯям, ки ба ман душвор аст,
Душвор мадон, к-ин алами такрор аст.

Ногоҳ вале агар бихонӣ рӯшан –
«Ин нуқта на нуқта аст!» – дар ашъорам,
Ногоҳ бихонӣ ту, ки хушбахтам ман,
Бовар манамову шубҳа кун дар корам!

## ҚИРҒИЗИСТОН

**Нодирбек АЛИМБЕКОВ**

### Душанбе

«Бидорам дӯст!» – мегӯяд Душанбе,
Дар ин фикрам, ки «ӯро дӯст дорам?»
Диламро мебарад чун моҳрӯе,
Диҳам аз дасти дил сабру қарорам?

Маро бо ханда истиқбол бинмуд,
Саропо – гулфишон, гулзор, гулпӯш,
Маро бинмуд Гулрухсор даъват –
Гули бишкуфтаиқболи сухангӯ-ш.

Шунидам боз ман аз дуру наздик:
Душанбе мешавад ҳаштодсола.
Чи сон ҳаштодсола? – Гуларӯсест,
Ба мисли моҳу дунёяш – чу ҳола.

Зи ҳар кунҷу каноре баҳри табрик
Расида шоирони нуктапардоз,
Ҳамехонанд дар васфаш тарона
Ба мисли андалебони хушовоз.

Ҷаҳон дар ихтиёри тирамоҳ аст,
Вале рӯшан бувад хуршеду моҳаш.
Чаро беганҷ гӯӣ шоиронро, –
Ба чашми мост зар ҳар барги коҳаш.

Чунон хонданд ашъор аз дилу ҷон,
Ки пур аз шеър шуд шаҳри Душанбе,
Ба фасли тирамоҳ омад баҳораш,
Канораш шуд зи сад боғу чаман беҳ.

Муборак ҷашни ин шаҳри гулобод,
Аё халқи азизи Тоҷикистон,
Ҷигарбандем мо бо ҳам, ҷигарбанд
Ва дилпайванд дар ҳар давру даврон.

Диламро мебарад чун моҳрӯе,
Равад аз дасти дил сабру қарорам,
«Бидорам дӯст!» – мегӯяд Душанбе,
Чи сонаш дӯст ман аз ҷон надорам?!

## ОЗАРБОЙҶОН

**Нуриддин МИРЗОХОН**

### Оташниҳод

*(Ба хотираи тоҷикписари шуҷоъ Искандар Ҷумъаев, ки дар хомӯш кардани сӯхтор ҳалок шудааст)*

Бимонад то дарахти зиндагонӣ ҷовидон шодоб,
Ба чашмат вопасин як қатра ашки ҳасратат хушкид.
Барои ҷони мардум ту зи ҷони худ гузар кардӣ,
Ба қалби мардумон вопас кунӣ то зиндагӣ ҷовид.

Ба рӯи ёлаҳо ночида гулҳои ҳавасҳоят,
Гули умрат ба айни гулфишонӣ гашт пажмурда.
Чуноне зиндадил будиву чандон зиндагихоҳе,
Ки охир аз қатори зиндагон рафтӣ ту номурда.

Туро чун амри дил буду туро чун амри қисмат буд,
Ки баҳри ҷони дигарҳо гузар созӣ зи ҷони хеш,
Насӯзад барги сабзе то ба рӯи шохаи сабзе,
Бибахшидӣ ба оташ барги сабзи ормони хеш.

Фикандӣ бедареғе хештанро бар дили оташ,
Задӣ бар ҷони ман оташ, ки месӯзад саропоям.
Бикушт он оташи сӯзандаро оташниҳодият,
Саропо кард як оташниҳод ин рамзи зебоям.

## РОССИЯ

**Александр ПУШКИН**
(1799-1837)

### Ҳофизвор

Фанди шуҳратҳои арзонро махӯр,
Эй дилоро навҷавон!
Роҳ бо ин хайли бераҳмон мабар
Сӯи разми беамон!
Ту нахоҳӣ мурд, ҳатман мехӯрад
Баски Азроил ғамат,
Мешавад мафтуни ин болову қад,
Волаи ҳусни замат!
Лек, метарсам, ки дар ин гирудор
Хоҳадат рафтан зи даст
Он хироми шармгину хоксор,
Он ҳаёи чашми маст!

* * *

Як кар кари дигарро то қозии кар овард,
Гуфто, ки «Ин қарақчӣ дуздида гови моро!»
«Лутфе, – кари дигар гуфт, – мерос бурдаам ман
Ин пораи заминро аз шодрӯҳ бобо!»
Қозӣ чунин қазоват бинмуд: «Ҳарду софед,
Бешак, бувад гунаҳкор он маҳрухи дилоро!»

**Сергей ГОРОДЕТСКИЙ**
(1884-1967)

## Қиссаи тоҷик

Офтоби тирамаҳ доман кашид аз боғҳо,
Меваҳо дар шохаҳо чун дурру марҷону тило.

Балки баҳри дидаву дил рехт марде бениёз
Дурру марҷон бар фарози кӯҳсори сарфароз.

Аз дили водӣ вале дарё равон ҳамранги хун,
Лашкар осояд пас аз маҳви адӯ ин ҷо кунун.

Карда сарлашкар даруни хайма як лаҳза ғанаб,
Пеши ӯ сарлашкари душман ба ҳоли тобу таб,

Худ ба худ мегуфт: «Будам дина худ шоҳи ҷаҳон,
Ку дигар аз лашкарам ҷуз хоку хокистар нишон?

Бас мамолик гашт яксони замин аз қудратам,
Пас чаро аз дасти ин мардум кунун бадқисматам?

Ҷуз пайи дардовари тоҷи тилоӣ бар ҷабин
Ку нишоне з-он ҷалолу ҷоҳу он тоҷу нигин?!»

Инчунин андеша кард ӯ, чашм бар кӯҳи гарон,
Зад забона шуълаи тарс аз нигоҳаш ногаҳон:

Ҷӯя-ҷӯя аз фарози кӯҳ мардум мешитофт,
Бар замин аз авҷ гӯё нури анҷум мешитофт,

Мӯсафедону занону кӯдакони кӯҳсор,
Хилъати рангин ба бар ҳамранги гулҳои баҳор.

Ӯ хурӯшу шевани дилҳои ононро шунид,
Бар сари ҳар як зи санги кӯҳсорон тоҷ дид.

Шоҳи мағлуб дида дар дунё фаровон тоҷҳо,
Дида кай аз нури рӯй аммо дурахшон тоҷҳо?

Дод зад: «Оё баромад офтоб аз кӯҳсор,
Шоҳи фирӯзам, чи халқ аст ин – саросар тоҷдор!»

Ӯ парӯ бар хок афтоду зи даҳшат орамид,
Аз забонаш хок он дам ҳарфи «тоҷик» мешунид.

Ӯ намедид он ҳама пирону тифлонро дигар,
Меваҳои пурҷило андар сабадҳо тори сар.

Тоҷ вазнин буд, аммо мардуми Боми Ҷаҳон
Тоҷ бар сар зинда монду гашт хушноми ҷаҳон…

Шоҳи мағлуб оқибат дастон ба сӯи сина бурд,
«Тоҷико, тоҷат ҳалол!» – гуфт охиру афтоду мурд.

«Буд корат ноҳақу ҳақ бошад аммо ин сухан,
Тоҷик аст ӯе, ки бошад решапайванди Ватан.»

Он касе танҳо, ки бошад марди кору корзор,
Метавонад кард бо унвони тоҷик ифтихор!» –

Шоҳи фирӯзон чунин гуфто ба мардум он замон,
Номи тоҷик монд неку ҷовид андар ин ҷаҳон.

**Самуил МАРШАК**
(1887-1964)

## Чор сатри гарми Хайём

Гаҳе ҳар сатр заҳрафшон чу мор аст,
Шумори сатрҳо ҳарчанд чор аст.
Вале шуд чор сатри гарми Хайём
Давои дарди дил дар ҷумла айём.

**Вера ИНБЕР**
(1890-1972)

## Пайравӣ аз Хайём

Ҳарчанд ки нохушӣ басо, шеър бигӯ,
Хушбахти замонаӣ ва ё… шеър бигӯ,
Дар ҳар ҳолат ту шоириву бошад
Шеъри ту замонаро садо, шеър бигӯ.

**Всеволод РОЖДЕСТВЕНСКИЙ**
(1895-1977)

* * *

Бувад сад захми қисмат дар дилу ҷон,
Нарафтам лек аз ёди парешон
Ба зери барфҳои навбаҳорон
Тилоӣ лолаҳои Тоҷикистон.

**Григорий САННИКОВ**
(1899-1969)

## Дар Табрез

Ба шаҳри пурғаму маҳзуни Табрез,
Ки гулзор асту дилзор аст яксар,
Шудам дилдодаи ашъори Ҳофиз,
Шудам мафтуни Саъдии суханвар.

Гаҳе будам ба бозору мағоза,
Нишастам гоҳ-гаҳ дар чойхона,
Ба сӯям шайх Саъдӣ тоза-тоза
Табассум дошт беҳад оқилона.

Маро аз пандҳои нонавишта
Яке мегуфт шерозии оқил:
«Махур, эй дӯст, ғамҳои гузашта,
Бидор аз шодии оянда хуш дил!»

Хаёлам буд банди он ҳамадон,
Зи сар садсолаҳо бигзашта рафтанд,
Хазоннодида гулҳои «Гулистон»
Ба рангу бӯи дигар мешукуфтанд.

Ҳамешуд нилгун атроф гоҳе,
Ҳамешуд сард бозори пурово,
Хаёлам, бо забони баргҳое
Садо мекард Ҳофиз ёри худро.

Ва то субҳи дигар, пуррамзу пурроз,
Саропо ошиқу дилдодаи гул,
Гаҳе хомӯш, гаҳ бо авҷи овоз
Муҳаббат менамуд изҳор булбул.

Ба шаҳри пурғаму маҳзуни Табрез,
Ки гулзор асту дилзор аст яксар,
Шудам дилдодаи ашъори Ҳофиз,
Шудам мафтуни Саъдии суханвар.

**Михаил СВЕТЛОВ**
(1903-1964)

## Васфи Тоҷикистон

То ки андар бадан маро ҷон аст,
Дил пайи васфи Тоҷикистон аст.
Чун самимӣ таронаи шоир
Меҳри дилҳои мост беохир.

**Виктор ГУСЕВ**
(1909-1944)

## Нома аз Помир

Номаат менависам аз Помир
Ҷониби Волгаи равон саршор,
Ту валекин, яқин намедонӣ,
Ними дунёст байни мо, эй ёр.

Дар ҳузуранд аз таби хуршед
Дар лаби Волга ин замон ҷонҳо,
Лек ин ҷост сардиву тӯфон,
Ҳукмронанд боду бӯронҳо.

Як рафиқам ҳамекунад талқин,
Ки ба рағми тамоми қонунҳо
Аз барои дилу муҳаббати пок
Нописанд аст дурии дунё.

Номаам сӯи ту кунад парвоз,
Ёбадат андар он азиз диёр,
Бо лаби Волга қиссаи Помир
Мешавад аз барои ту такрор.

**Семён ЛИПКИН**
(1911-2003)

* * *

Фаромӯшам мабод он субҳи зебо,
Ки русӣ кардаам ҳарфи дариро,
Фаромӯшам мабод овои булбул,
Рубоӣ гуфтани он оқили кул.

**Евгений ДОЛМАТОВСКИЙ**
(1915-1994)

**Фаранҷӣ**

Бозор ба бозор шудам саргардон,
Гуфтам бихарам фаранҷие бар ҷонон,
Бо ҳазли латиф тухфааш бинмоям,
Гӯям пас аз он ба шӯхии садчандон:

«Чонона, бибин, чи гуна дилгир аст ин,
Ёде зи замони куҳнаву пир аст ин,
Мекард ҷаҳони ҷумла занҳоро тор,
Макр асту фиребу дому занҷир аст ин!

Акнун, ки ба ҷаҳди мо дигар гашт замон,
Аз зери фаранҷиат назар кун ба ҷаҳон,
Қадри зани озоди советиро бин,
Донӣ ту пас он зиёда қадри даврон!»

Ин нутқи мутантанам бимонд андар дил,
Ҷустам-ҷустам, нашуд муродам ҳосил.
Ин лаҳза ду-се пиразани куртакушод
Диданд маро, шуданд сӯям моил.

Гуфтанд ба ман: «Мабод ин нодонӣ,
Маҳбубаи хешро кунад зиндонӣ!
Шояд занаш аз ҳисоб берун зебост,
З-ин ҷост, ки рашк бошадаш арзонӣ.

Рӯяш бибарад чашм чу хуршеди баҳор,
Сурх аст даҳонакаш чунон дони анор…»
Ман, рости гап, надида будам боре
То ҳол чунин даҳону зеборухсор.

Карданд ҳуҷум бо басе ҷаҳду ҷадал,
Гуфтанд маро ҳамон замон феодал,
Бадҷаҳлу куҳанпараст хонданд маро,
Гуфтанд: «Чунин кор мабодо беҳал!

Аз баҳри ту бигзарад, агар ҳаст далер,
Дар чашми ҳама ҷаҳон шавӣ хору ҳақир,
Бигзор занат кунад туро тарку равад
Бо дастаи геологҳо бар Помир!»

Бигрехтаму шудам халос аз онҳо,
Бояд бикунам кунун фаранҷӣ пайдо,
Пинҳон бикунам то зани зебоямро…
Аммо зи куҷо биёбам онро, зи куҷо?!

**Ғазали оҳу**

Дар кӯҳ чун бидидам нозу адои оҳу,
Аз ҷон ғазал сурудам ман аз барои оҳу.

Чобук ҳамеҷаҳид ӯ аз теғае ба теға,
Дидам ҷавониамро дар шӯхиҳои оҳу.

Аз синаам баромад фарёди норасое:
«Умре туро биҷустам, ҳусни расои оҳу!»

Афтод чашми масташ ногоҳ бар камонам,
Шуд сард ҷониби ман ногаҳ нигои оҳу.

Миннатпазири ман шуд оҳу, зибас набурдам
Ман даст бар камонам он дам барои оҳу.

Пайгири ту нагардам монандаи шағолон,
Сайёдаму нахоҳам ҳаргиз фанои оҳу.

Бигзаштаро набошад дарёб кардан осон,
З-ин рӯ, натозам аз пас ман по ба пои оҳу.

**Суол аз Хайём**

Бозпурсӣ кунед аз Хайём:
Кист – эронӣ аст ё тоҷик?
Медиҳад ӯ ҷавобатон он гаҳ
Хосаи хеш – равшану торик:

«Ман ватандори ду ватан ҳастам,
Ҳикмате боз гашт наздикам:
Ҳамчунон банда ҳастам эронӣ,
Ҳамчу як марди раста тоҷикам.»

**Ирина ВОЛОБУЕВА**
(1917-2006)

**Дар кушодашавии муҷассамаи Айнӣ**

Бас ҳунар бояд, ки дар дил лона бигзорӣ,
Хомаат ҳам то асои одамон бошад,
Пардаро аз пеши чашми омма бардорӣ,
То ки чашмаш равшану равшан равон бошад.

Айнии ҷовид, дар ин ҷашни бемонанд
Мардум аз ҳар сӯ ба сӯи ту равон бошад,
Пардаро аз пеши чашмонат бибардоранд,
То ки чашмат ҷовидон сӯи ҷаҳон бошад.

**Николай ГЛАЗКОВ**
*(1919-1979)*

### Илҳом аз Фирдавсӣ

Яке шоҳи хунхор дар Шарқ буд,
Ки бар халқ зулми фузун менамуд,

Ба касбу ҳунар ҷанг мекард ӯ,
Ҳунармандро танг мекард ӯ.

Кушояд касе гар даҳан бар сухан,
Ҳамегуфт: «Сокит бишав, эй даҳан,

Бувад зери фармони ман ҷумла кор,
Ҳамин аст фармони Парвардигор!»

Як оҳангар охир зи ҷон сер шуд,
Пайи чорасозиву тадбир шуд,

Ба қаср омад ӯ тунд бо издиҳом,
Намуд аз қазо кори шаҳро тамом.

Бигуфто: «Сазои сарат, эй палид,
Ки бадкор мисли ту дунё надид,

Бас озори мардум намудӣ, бас аст,
Ки озорбахши касон нокас аст!

Кунун зери фармони халқ аст кор,
Ҳамин аст фармони Парвардигор!»

**Минел ЛЕВИН**
(1927-2001)

### Душанбе

Садҳо ҳазор сӯм
бошад билети роҳ.
Ганҷе чунин маро
бар каф набошад.
Оҳ!
Бе ман аз ин сабаб
тайёра мепарад,
Бе ман…
Вале маро
аз хеш мебарад.
Бо дида мекунам
бар осмон сафар,
Дар вусъаташ маро
гум мешавад назар…
Бас дур аз ин макон,
аммо қарини ман
Бе ман Душанбе хест
аз хоби хештан…
Бархост ҳамраҳаш
хандону нурбор
Хуршеди гармрӯ
бар қуллаи Ҳисор.
Ин лаҳза дӯсте
аз дӯстони ҷон
Бе ман нишастааст…
Бе ман…
Ба гирди хон…
Гул карда ёсуман
дар ҳотабоғи ӯ,

Рӯзи наве зи умр
дорад суроғи ӯ.
Ин ҷост решааш,
ин ҷост кундааш,
Дорад ҳамин хаёл
пурбору зиндааш.
Бе ман дар он макон
бигзашта рӯзи беш,
Бе ман…
Маро насиб
ёд асту сӯзи пеш!

Эй Руси муқтадир,
як дам бикун раҳо
Бар сӯи дӯстон
ҷону дили маро,
Бинам – Душанбеям
бозам ба дида аст,
Шомаш гузаштааст…
Субҳаш дамидааст…

**Римма КАЗАКОВА**
(1932-2008)

**Зебуннисо**

Зебуннисо зеби нисоҳо буд,
Овозааш буд аз само боло,
Умраш вале чун оташи пурдуд
Бигзашт,
Вой аз қисмати занҳо!

Ӯ духтари шаҳ буду зеби фахр,
Аммо набуд он давра бар комаш,
Шаҳдухтари оварда рӯ бар фақр
Аз дасти бедодии айёмаш.

Чун буд бояд бо шаҳонаш, чун
Бо панҷаи бозу дили сангаш?
Қасри тило бо зулми рӯзафзун
Мегашт гӯри тираву тангаш.

Овози бедодӣ зи ҳад боло,
Хомӯш мардум, сангҳо хомӯш,
Бо шеъри дард ӯ менамуд ово,
Кай мерасид овои ӯ бар гӯш?

Мондӣ чаро бе ишқ ранҷураш,
Эй шоҳи пир, эй аз вафо нопур!
…Чун Кохи ишқ аст ин замон гӯраш
Дар гӯшаи вайронаи Лоҳур.

Тори либос аз бод меларзад.
Машғули суҳбат мӯсафедонанд.
Гӯре, ки бар сад зинда меарзад, –
Ин раҳнаморо хуб медонанд.

Зебуннисо дар хоби ғамбор аст,
Дар сабзаи гӯраш хазон пайдо.
Санге, ки лавҳи шеъри бедор аст,
Аз умри ҷовид медиҳад ово.

Ҳар сатрро чун дасти сангинаш
Ёзонда ин дам ҷониби олам,
Гӯяд ба мардум шеъри зарринаш:
Ишқ аст бо умри абад ҳамдам.

## Хотироти Помир

*Ба Г.Сафиева*

Басо мулки ба ҳам монанд дидам
Дар ақсои ҷаҳон, эй ёри ҳамдил,
Ба кӯҳаш кӯҳро пайванд дидам,
Шабоҳат дошт афзун бо гилаш гил.

Басо, гаҳ шод, гаҳ ношоду дилгир
Саёҳат кардаам дар рӯи дунё,
Вале лолам ба пеши кӯҳи Помир,
Ки монанде надорад, бемуҳобо.

Ба рӯям кӯҳсор оғӯш бикшуд
Зи файзи навбаҳорон тозаву тар,
Гарону пурхавотир дар тапиш буд
Ба авҷаш пушта чун пистони модар.

Раҳе дар сина дони ваҳм мекошт,
Ба бесӯӣ, ту гӯӣ, роҳ мебурд,
Вале ин гӯша бӯи ошён дошт,
Ки сӯи манзили дилхоҳ мебурд.

Мусофир як ҷавони огаҳ аз дил,
Ба наздам дида як хушобугилро,
Намуд ифшои розаш ногаҳ аз дил,
Ба Гулрухсори мо бикшода дилро.

Ба роҳи дур мегуфт ӯ ҳамора:
«На аз қисмат агарчӣ норизоем,
Бибин худ зиндагии ногувора –
Хаёлам, ҳамчу мурғони ҳавоем…»

Баланду дур чун мурғони ин кӯҳ
Суханҳояш зи лаб парвоз мекард
Ва ёри шоирам – меҳмони ин кӯҳ
Ба нозу ханда роз оғоз мекард.

Нигаҳ ногаҳ шудаш афзун дурахшон,
Дилашро чун диёри хеш бикшуд,
– Ватан! – Гуфто саропо аз дилу ҷон…
Ҷавобаш бар ҳама буд,
Аз ҳама буд.

## Пайғом аз Душанбе

Нӯшидаам ман об аз чашмаи Пугус,
Андар канори он роҳат намудаам,
То оби пурфусун бар дил асар кунад,
Сӯи ҳавои он дилро кушудаам.

Аз оби чашма шуд тар пираҳан маро,
Ҳар қатра то ҷигар мерафт бошитоб.
Бар ҷон асар намуд ин лаҳза ташнагӣ,
Буд он вале фузун аз ташнагӣ бар об.

Нӯшидаам ман об аз чашмаи Пугус,
Бинмуд пасттар об оташи дилам,
Лабҳои нимаво, чашмони нимапӯш, –
Лабрез буд дилам аз ишқу аз алам.

Бигрифтаам ба лаб лабҳои новадон,
Бахшидаам бар ӯ лабҳои бӯсахоҳ,
Аз он лаби дурушт он лаҳзаҳои хуш
Лаззат гирифтаам чун аз лаби шумо.

Деҳқонсифат даме нӯшидаам ман об,
Бар ёд омада сад таъми дигарам, –

Талхии дудҳо, ширинии нафас,
Ҳам таъми хосаи пистони модарам.

Нӯшидаам ман об аз чашмаи Пугус,
Ман балки об не, нӯшидаам шароб,
Чун баччаҳои деҳ,
Балки чу ғозҳо,
Мафтуну лоубол, орому хандабоб.

Ман об хурдаам, хам хурда сӯи об,
Месӯхт зонувон он лаҳза беамон…
Бӯи лаби шумо мекард зиндагӣ,
Ҳам бӯи зиндагӣ мекард он лабон.

**Эрнст ПОРТНЯГИН**
(1935-1977)

**Пайванд**

*Барои Бозор Собир*

Хоҳаронанд шеърҳои мо,
Хоҳаронанд, хоҳари ҳамхун,
Чеҳраи он яке чу абри сафед,
Чеҳраи дигар – оташи гулгун.

Оре, ҳастем мо ба як оин –
Хуни худро кунем агар пайваст,
Ҳамдилӣ, ҳамниҳодии моро
Сатри сурхе ҳамедиҳад тавҳид.
Лафзи ин ҳарду хоҳари бекин,
Гарчи яксон муқаддасу пок аст,
Ҳар яке хоси худ кунад ово,
Ҳар яке хоси худ бувад ҷовид.

Медавад хоҳаре басо чолок
Аз раҳи танги кӯҳсори Ҳисор,
Бар мани ташна медиҳад шодон
Кӯзае пур зи оби сарду зулол.
Мекунад ин замон туро бебок
Волаи худ ба ҳусни нотакрор
Хоҳари дигаре – базебу ҷавон –
Духтари даштҳои сабзи Урол.

Дар ду чашмони хоҳарест аён
Нақши торикфоми дуродур,
Ранг дуздида он ду чашми дигар
Аз кабудии осмони кабуд.
Буда дар ҳарду ҳам вале яксон
Шуълаи дарду ҳасрати носур,
Буда яксон ба ҳарду дидаи тар
Ашки талхи ғамони буду набуд.

Хоҳаронанд шеърҳои мо –
Ҳамдилу ҳамхаёлу ҳамово…

Ҷон фишонданд аз барои Ватан
Падари ту, бародари ман ҳам –
Алами тифлиҳои мо боқист;
Дар суруди туву суруди ман –
Дар суруди тараб, суруди ғам,
Дар дилу дар садои мо боқист.

Нақши он ҷанг ҷовидон барҷост
Дар дилу дар хаёли насли мо,
Зикри он ҷанг ҳар замон барҷост
Дар ҷавобу саволи насли мо.
Шеъри мо бо забони мо гӯяд:
«Наравад аз хаёли мо он ҷанг…»

Мо, ки будем ҳарду ҳамқисмат,
Шеъри мо гаштааст ҳамоҳанг.

Кони меҳранд шеърҳои мо,
Лек шафқат намекунанд асло,
Гар ба овозу бо лаби онҳо
Мо нагӯем рози дилҳоро.

То шавад ҳусну меҳрашон афзун,
Ҳарфи ҳақ бар забонашон бошем.
Шеъри мо – чун ду хоҳари ҳамхун,
Ману ту ёри ҷонашон бошем.

**Владимир ПУЧКОВ**

## Таронаи Сангтӯда

Гул мекунад бодом боз
Андар канори кӯҳсор,
Бо савти булбул сарфароз
Хонад суруди мо баҳор.

Оем бо ҳам мо зи нав
Дар Сангтӯда, эй азиз,
Эй Вахш, бо роҳат бирав,
Мо чун ту пуркорем низ.

Эй Сангтӯда, ин замон
Моро бикун аз нав садо,
Сӯят ба шавқи бекарон
Ояд ҷавониҳои мо.

Ин рӯдро бингар сабур,
Моро ту ноором бин,
Дар Сангтӯда кохи нур
Созем баҳри сарзамин.

Пас бо нигоҳи пурзиё
Бар бекаронҳо бингарем,
Бо Сангтӯда, ҳамдило,
То рӯшанистон раҳ барем!

**Кишвари ғарқи нур**

Меравем аз нав ба сӯи кӯҳсор,
Нуру гармӣ офаридан кори мост,
Боз мебинем мо аз кӯҳи Нор:
Нораки мо ғарқи нур асту зиёст.

Мекунад зикри ману ту ину он,
Мекунад ёди ману ту ону ин –
Шуд зи мо барпой шаҳре гулфишон,
Чашмае сар зад зи мо нурофарин.

Аз канори кӯҳ раҳҳо бурдаем,
Нақбҳое дар вуҷудаш кандаем,
Мо ба Роғун ҷону дил биспурдаем,
Мо ба ёди Сангтӯда зиндаем.

Меравем аз нав ба сӯи кӯҳсор,
Нуру гармӣ офаридан кори мост,
Боз мебинем мо аз ҳар канор:
Кишвари мо ғарқи нур асту зиёст!

**Михаил СИНЕЛНИКОВ**
**(1946)**

## АЗ СИЛСИЛАИ «БОЗГАШТ БА ТОҶИКИСТОН»

### Забон

Бас золимонро дидааст,
Умре кашида ранҷи гӯр,
Тоҷик безӯр аст гаҳ,
Аммо забонаш монда зӯр.

Бингар ту дар ҳар гирудор,
Бингар ба ҳар буду набуд –
Дилҷӯ навои Зарфишон,
Дилҷӯ навои Зиндарӯд.

Бар рағми дунё монда боз
Дарё равону зӯрманд.
Дар хонақоҳи Ҳофиз аст
Сози малоик бас баланд.

### Айнӣ

Боди тунде вазад шабу рӯзон,
Кафк бар лаб давад саманди рӯд.
Айнӣ аст ин баланду сода макон,
Лек Айнӣ на зодаи он буд.

Кӯҳ аз пушти кӯҳ мехезад,
Варта аз пушти варта меояд.
«Эй Бухоро…» – зи сина мерезад
Ин садову даме намепояд.

Зару симаш нисори ҳар кӯй аст –
Ганҷбахшандаи дилу ҷонҳо.
Ин Зарафшон бувад, ки раҳҷӯй аст
То гумӣ дар дили биёбонҳо.

**Навои бостон**

*Бӯи ҷӯи Мӯлиён ояд ҳаме…*
*Рӯдакӣ*

Дар гулӯяш печутоби сад суруд,
Ҷонибе мехонадам тобанда рӯд.

Торҳо сози алам берун кашанд
Дар фазои тираи буду набуд.

Ёди Хоразм асту размам бо алам,
Гӯӣ, он реги дурушташ сабза буд.

Ҷигдазори субҳи рустоқ ин замон
Боз метобад аён аз байни дуд.

Қимати ҳар дам фузунтар мешавад,
Солу маҳ бас меравад бисёр зуд.

**Ба ёди Ҳабибулло Файзулло**

Як эшонзодаи фарзанди деҳқон,
Аниси шаҳру дарвеши биёбон,
Гаҳе бо гирдбоди регзорон,
Гаҳе дар вартаи кӯҳи Бадахшон.

Туву он ҳамдаму ҳамҷоми бисёр,
Туву он ҳазлу шӯхии зиёда,
Гаҳе тай менамудӣ роҳи қисмат,
Ту чанбарро ба ҳоли худ ниҳода.

Гаҳе, дар базми гарме бо дили гарм,
Гулоби сардро нӯшида, то дер
Ҳамехандидӣ, аммо буд аёнат,
Ки бар варта равон ҳастӣ сарозер.

Ба дил қонуни сангини шариат,
Ба сар умре хумори куҳнаву нав,
Гунаҳкор аст бар ин ҳоли зорат
Зани поку гунаҳолуди Маскав.

Чи мегӯяд гули пажмурдаи боғ,
Ки набвад дар дилаш ҷуз оҳу нола:
Ҳама доғи дили бедоғат акнун
Бирӯяд дар мазорат мисли лола.

Лаби дарё ҳамегуфтӣ ту доим:
Кушад дарёдилонро шӯри дарё.
Давоми зиндагӣ монанд тифлон,
Кунад ҷои ту дигар шеърат обо.

Замоне меравам ман ҳам аз ин даҳр,
Надода ҳеҷ касро чун ту озор.
Ғаму шодии мо баъди сари мо
Ба дунё мешавад такрору такрор.

**Ориёна**

Рӯи санг Ориёна мерақсад,
Бо наво, бо тарона мерақсад.

Ҳамчу гул нозук аст сар то по,
Мӯмиён асту мӯмиё гӯё.

Гунбади нилгун дурахшон аст,
Пурнаво сураҳои «Қуръон» аст.

Ориёна ба рақси афсунгар
Ҳаст тимсоли даврае дигар.

Остинро чу тунд афшонад,
Мавҷу тӯфони баҳрро монад.

Рақсаш аз сад нишона ёд орад,
Аз забону забона ёд орад,

Захми сад дил ба ёд меояд,
Даври мозӣ ба дод меояд…

Ориёна нишони онон аст,
Аз баландии Тоҷикистон аст.

Ховалинг аст сокиту пурсоз,
Мекунад гул ба гӯш сад овоз.

Ориёна – ба рақси рӯҳафзо,
Ориёност ҷилвагар гӯё.

**Марина НЕКРАСОВА**
*(1954)*

* * *

Қад-қади марз, марз бо Афғон
Руста гулҳо миёни хористон.
Қад-қади марз, марз бо Афғон
Шабаҳи ҳамдилони ман сарсон.

Гӯӣ, аз буда беш метобад
Сояҳои дарахтҳо дар об,
Обу гил нест ин, ки мебинӣ,
Меҳани мову туст пуртабутоб.

Нест корам дигар дар ин ҷо, узр,
Лек рафтан маро намемонанд
Боғҳо, боғҳои сабзи Ватан –
Банду доми шукуфта бемонанд.

Гашта пайванд кӯҳсори баланд
Бо фазо, бо фазои софу кабуд,
Низ рафтан маро намемонад
Сард – чун рӯди Русия – ин рӯд…

* * *

Мондаст, эй Раъно, чи дур
Он накҳат, он гармиву нур,
Он субҳи поки гулфишон,
Субҳи диёри бекарон –
Он шашяки рӯи ҷаҳон…

Он дард дар ёди ман аст –
Бе хешу боҳасрат равон
Он нимапур садҳо қатор
Аз ломакон то ломакон.

Дилгарму гармам кай кунад
Он накҳат, он гармиву нур…
Хомӯш!
Сармо мехалад
Бар ин вуҷуди носабур.

Дар Маскавам бехуд равон,
Ғофил туву ғофил касон,
К-он захми мулки тоҷикон
Мондаст дар дил хунчакон.

## Гуфтугӯ

– Чаро дар ин тамузи мардумозор
Паси сар мекунӣ умри шарифат?
Бигӯ, чун барнамегардӣ дигар бор
Ба мулки нарму дилҷӯю латифат?

– Чи бояд кард, байни боду борон
Басо боде, ки моро рафт аз сар,
Натанҳо гул, ки гулхоре ҳаросон
Бичаспад бар ту монанди бародар…

Бидон, охир, дар ин дашти ҷигарсӯз
Насабзад ҳеҷ русӣ решаҳоят!
Равад аз ёдат он асли дилафрӯз,
Ватан надҳад дигар дар сина ҷоят!

Набошад дер баргаштан ба Меҳан
Ва дар оғӯши поку сарди Маскав,
Ки сармо мехалад бар сина сӯзан,
Расад бар ёду хотир боз аз нав:

Чаро дар ин тамузам лолу мадҳуш?
Нигоҳам аз чи банди ин рухон аст?
Чаро рӯ бар самои поки хомӯш
Маро ин ҳарфи меҳр аз дил равон аст?

* * *

Дар сарзамини тоҷикон
бо ҳасрати русии хеш
Бигзаштани авқотро
ман мекунам эҳсос хуб,
Дар соҳили рӯдаш маҳин
ояд ба худ ҷони париш,
Дилро ба доми худ кашад
ин кӯҳи сангин дар ғуруб.

Ин гармии ҷонсӯз раҳ
бар бурҷу бора мебарад,
Гулҳо дар он чун ахтарон
сар бар самоҳо мекашанд.
Ин хонаи аз коҳу гил
ҳамчун қатора мебарад
Ҷону диламро бе билет…
Ҷону дилам беҳад хушанд.

Ин теппаи гилҳои сурх
оташсифат рахшон бувад,
Бошанд чун боди шабон
сагҳои дайду пурсадо.
Дар зери шоли тирашаб
ними ҷаҳон пинҳон бувад,
Чун гӯшвори тоҷикӣ
маҳ медурахшад дар само.

## ӮЗБЕКИСТОН

**Аскар МАҲКАМ**
(1958-2007)

### Суруд

Як пораи осмони нилӣ – Сайҳун,
Монандаи оҳуи фирорӣ – Ҷайҳун,
Ояд зи ду рӯд як суруди маҳзун.

Эй оҳуи тарсхӯрдаи кӯҳи Ҳисор,
Ёдат кардам, шудам ба дидори ту зор,
Бишнав ту суруди дардаму ёдам ор.

Рӯзе дили ман агарчи пурхун шиканад,
Чун мавҷи равони рӯди Ҷайхун шиканад,
Кай дар дилам ин суруди маҳзун шиканад…

## Эй кӯчаи Хуҷанд…

*Дар ғарибӣ ҷон ба сахтӣ медиҳад мискин Камол,*
*Во ғарибӣ, во ғарибӣ, во ғарибо, во ғариб!*

***Камоли Хуҷандӣ***

Бе хеш меравию хиромон суи Хуҷанд,
Аз холи лолаҳост ду чашмат сиёҳтар,
Хоҳам зи рӯҳи ҷовиди Темурмалик дигар:
Бошӣ ту нури чашм ҷаҳонрову тоҷи сар.

Сӯзон зи нолаам қуми Қайроқумат шуда,
Дар Сомғор соғари сунбул шикаста бин,
Аз хуни лолаҳо бикунад ранг синаро
Ҳам Меваҷул ҳазин.

Борони рӯзу шаб на зи сардии абру бод,
Бошад зи замҳарири ду чашми сиёҳи ту.
Эй кӯчаи Хуҷанд, манам як ҳазину зор,
Ҳамчун Камол нестам андар паноҳи ту…

Бе хеш меравию хиромон суи Хуҷанд…

## Ғазалвор

Шаклӣ фақат, шаклӣ фақат,
Мазмун наӣ, мазмун наӣ,
Девонаӣ, девонаӣ,
Маҷнун наӣ, Маҷнун наӣ.

Ҷуз маҳви савдо нестӣ,
Ғайри муҷалло нестӣ,
Ҷуз ханҷари во нестӣ,
Макнун наӣ, макнун наӣ.

Байни ду соҳил меравӣ,
Побанду коҳил меравӣ,
Туғён куҷо, тӯфон куҷо?
Ҷайҳун наӣ, Ҷайҳун наӣ.

Ашке, ки дар чашми ту аст,
Оинаи хашми ту аст,
Аз дардҳои зиндагӣ
Дилхун наӣ, дилхун наӣ.

Гаҳ ботилу девонаӣ,
Гаҳ оқилу фарзонаӣ,
Эй соҳили бе шӯру шар,
Сайҳун наӣ, Сайҳун наӣ.

# МУНДАРИЧА

## 1. Зодрӯзи шуълаи уммед

Зодрӯз ........ 5
Ахтар ........ 7
Қасри Арбоб ........ 8
Пешвои миллат ........ 11
Такягоҳ ........ 12
Ҳизби халқ ........ 14
Мехкӯб ........ 15
Таронаи сарнавишт ........ 15
Роҳи оҳан ........ 16
Меҳвари халқ ........ 16
Душманафкан китоб ........ 17
Ваҳдат ........ 18
5 + 1 ........ 19
Пешвои ман ........ 21
Кишвари хушрӯю хушном ........ 22
Касе зад санг… ........ 23
Ҳисор ........ 23
Киштию бодбон ........ 24
Тоҷикистонам ........ 25
Оби Ватан ........ 26
Зинда бод! ........ 26
Чашма ........ 27
Ҳама фарзанди Меҳан бод Дилшод! ........ 28
Ҳамдастиву ҳампоӣ ........ 32
Шодии тифлу модар ........ 32
Мулки бахту иқбол ........ 33
Душанбе ........ 33

Раҳмонобод ........................................................ 36
Восеъ ................................................................. 37
Ҷаҳони дар ҷаҳон ............................................. 38
Ҷаҳони дар дилам… ......................................... 40
Боли мо, иқболи мо .......................................... 40
Ташаккур, эй падарҳо ....................................... 41
Иқболи баланд .................................................. 43
Пайванд ............................................................ 43
Қасам ................................................................. 45
Афсарон ............................................................ 46
Ахтари бахт ...................................................... 47
Файзи Ваҳдат .................................................... 48
Дони гандум гаштӣ ........................................... 49
Биступанҷ сол – биступанҷ бол ........................ 50
Бо Пешвои миллатем ........................................ 51
Гул мекунад дили мо ......................................... 52
Писарему сипарем ............................................. 53
Таронаи мактабиён ........................................... 54
Зинаи бахт ......................................................... 55
Гулпаракони гулбасар ....................................... 56
Файзи умр ......................................................... 58
Асли Истиқлолият ............................................ 58
Мулки ҷовидон .................................................. 59
Яктост Тоҷикистон ........................................... 61
Қибла ................................................................. 61
Бартар аз ҳар орзӯ .............................................. 62
То абад, эй Ватан… ........................................... 63
Суруди ҷавонон ................................................. 63
Насли созанда .................................................... 64
Офтоби Ваҳдат .................................................. 66
Ҳадяи сарнавишт .............................................. 67
Суруди дӯстӣ .................................................... 70
Таронаи ҳамҷавор ............................................. 70

Нигаҳ дор, эй Худо ........................................... 72
Намеарзад… ........................................... 73
Асли мавҷуди мо ........................................... 73
Ормон ........................................... 74
Таронаи тоҷ ........................................... 75
Наврӯзгоҳ ........................................... 77
Давронсоз ........................................... 78
Яке… ........................................... 79
Ин ҳама об… ........................................... 79
Хор гуфта ҳар касе хори туро… ........................................... 82
Ҳафтаам бо номи ту сар мешавад… ........................................... 83
Имтизоҷ ........................................... 84
Таманно дар Соли Мурғ ........................................... 85
Зону зада будам ........................................... 85

**2. Дар ҳар дару кӯ нест маро зиндагӣ осон…**

Ватан ........................................... 86
Эй Ватан, бас кор дорӣ… ........................................... 87
Даҳ асру сад аср ........................................... 88
Бори дор ........................................... 88
Фузун шуд… ........................................... 88
Фар набошад… ........................................... 89
Ман сохтам, ту сӯхтӣ… ........................................... 89
Дареғи дин ........................................... 90
Тарс ........................................... 90
Либосовезак ........................................... 90
Агар дар зери чоҳӣ… ........................................... 91
Дар асл ........................................... 91
Тӯмору тимор ........................................... 91
Гургодам ........................................... 91
Ҳамгӯштӣ ........................................... 96

Рӯзи туро чу рӯзии худ рӯзнома хӯрд… ............96
Маҳдудии барқ......................................................97
Ҷанг ....................................................................98
Лонаи холӣ .........................................................98
Ба дӯсти ғариб ....................................................98
Рахш Рустамро ба майдон мебарад…..................98
Намедонам, кӣ ҳастам ман…...............................99
Намози ман .........................................................99
Каъбаро пеши ман оред… ................................100
Низоми дил .......................................................100
Аҳд ...................................................................101
Пушти пури ман................................................101
Деҳа ..................................................................101
Мурғи дил .........................................................102
Ҳазорон роз гуфтем… .......................................102
Гулафзо .............................................................102
Осмондара .........................................................103
Дили ман, ёд бодат… ........................................104
Нону имон .........................................................105
Ҳарчанд фароҳам бикунад зиндагӣ имкон…...105
Зинда бодо ........................................................106
Хотира...............................................................106
Қиссаи шаб .......................................................107
Танҳо.................................................................107
Гар яке дарбадар овораи туст… .......................108
Мусофирмардикор ............................................109
Бо Ватан …........................................................110
Ман некро…......................................................111
Рӯзҳоро розҳо кардам….....................................112
Ҳама умр............................................................112
Ашкрез ..............................................................113
Чу Кайхусрав.....................................................113
Ҳар он ки… .......................................................113

Бисёр ........ 113
Оина ........ 113
Пирӣ ........ 114
Бозии маргу зиндагӣ ........ 114
Лах-лах ........ 114
Хазон ........ 114
Санг агар сабзад ........ 114
Орзӯ ........ 115
Лаҳзаҳо ........ 115
Якрангӣ ........ 115
Катибаҳо ........ 115
*Дар дандон* ........ 115
*Дар шиша* ........ 115
*Дар теша* ........ 116
*Дар фарсангсорон* ........ 116
*Дар чароғ* ........ 116
*Дар пушти акси худ* ........ 116
*Дар тозиёна* ........ 116
*Дар кӯрпа* ........ 116
*Дар бухорӣ* ........ 116
*Дар тоқӣ* ........ 117
*Дар гулдаста* ........ 117
*Дар куртаи тифлӣ* ........ 117
*Дар соат* ........ 117
*Дар курсии ҷоҳ* ........ 117
*Дар санги чашма* ........ 117
*Дар асобағал* ........ 117
Соя ........ 118
Дуздӣ ........ 118
Эй рӯсабӣ… ........ 118
Хатоҳое кунам… ........ 118
Панд ........ 118
«Манам Зебо…» ........ 118

Давлатманд ........................................................ 120
Ба Кароматулло ................................................. 120
Сарпасти сарболо ............................................... 121
Талху ширин ...................................................... 121
Рӯди дигарон ..................................................... 121
Осоиш ................................................................ 121
Зиндагонӣ азобҳо дорад ..................................... 122
Поёни китоби сурх ............................................. 122
Дар ҷангал … ..................................................... 124
Бозёфт ............................................................... 124
Коре, ки кардаам ман .......................................... 124
Сафедор ............................................................. 125
Ҳайфи он субҳ .................................................... 127
Субҳ агар дод Худо ............................................. 128
Аз азал дунё саропо огаҳ аст ............................. 128
Сано, эй роҳ ....................................................... 128
Дилро барои ҷисми гарон болу пар кунам ....... 130
Ман, ки сар бар авҷи гардун доштам ............... 131
Хешро як лаҳза гар гум мекунӣ ......................... 131
Ғазали Фаластин ................................................. 132
Офтоби Карбало .................................................. 133
Эй раҳ ................................................................ 134
Кори боло буд ..................................................... 135
Ҳама корам пушаймонӣ зи пас дошт ................ 136
Куҷо дар розгоҳи сина ....................................... 137
Соли нав табрик ................................................. 137
Як замон ............................................................. 138
Узри беохир ....................................................... 140
Зоғ ..................................................................... 140
Рози осиёббони пир ........................................... 141
Гавҳар ............................................................... 141
Аҳсан ба ту, эй дил ............................................ 142
Чи бувад ............................................................ 142

Тафсири ман.......................................................143
Ҳушдор.............................................................144
Чи мегӯям..........................................................145
Хаткашон...........................................................145
Зиндагӣ, дар хаму печат............................................146
Гадоён.............................................................148
Рӯ ба боғ..........................................................151
Ҳотам..............................................................153
Ба хотираи Ҷумъа Одина ............................................154
Ҷӯй ...............................................................155
Чашмаи кӯр ........................................................155
Хайрбодӣ бо чанористон ............................................156
Сиёҳу сафед .......................................................158
Хуросонӣ...........................................................158
Тавба .............................................................158
Як орзӯ............................................................159
Вақте ки мо гузаштем ..............................................159

## 3. Навбаҳор меояд аз хаёли боғи ман…

Наврӯзу Истиқлолият................................................161
Наврӯз расид, эй дӯст..............................................161
Навбаҳор меояд ....................................................162
Мо вориси Наврӯзем.................................................165
Омад баҳор.........................................................166
Ҳафтранги баҳорон .................................................167
Наврӯзу ҷавонӣ.....................................................167
Бо шеъри форсӣ.....................................................168
Баҳоро, омадӣ .....................................................169
Бикунад гул........................................................169
Рамзи баҳор........................................................170

Дар фасли баҳор........................................171
Гули гулдон........................................171
Гулу хор........................................173
Беҳтар аз ман........................................173
Баҳорӣ........................................173
Барги саломи сабз........................................174
Баҳор омад........................................175
Баҳорон табрик........................................175
Савганд ........................................177

## 4. Зистан шоиронаву мурдан

Қуллаҳо........................................179
Надидӣ мил… ........................................180
Қасидаи ифтихори Фирдавсӣ........................................180
Як сатри равону ноб........................................182
Файзи пайванд ........................................182
Ҷомӣ........................................183
«Ҳар ки моро ёд кард…» ........................................183
Ҷои Туғрал........................................187
Қасидаи Лоҳутӣ........................................188
Шеъри роҳ........................................189
Як умр пеш-пеш........................................190
Қаламҳой ........................................190
Иқрор ........................................192
Ҳикояти шеър........................................192
Фанни Ватан........................................200
Марди сухан........................................201
Булбулнаво........................................202
Нахли сари по........................................202
Зи хидмат бар ҳама кас ор кардам ........................................203

Рубоиву дубайтӣ ............ 203
Нуқтаи баҳс ............ 204
Накд ............ 204
Калимаҳо ............ 204
Сабки ман ............ 204
Эпиграфи «Хомасӯзан» ............ 204
Катибаҳо ............ 205
*Дар китоб* ............ 205
*Дар «Кӯҳи садо»* ............ 205
Ситора ҳар гаҳат гуфтанд… ............ 206
Умед ............ 206
Донаву доно ............ 206
Агар… ............ 206
Аз чӣ? ............ 206
Зиндбод! ............ 207
Болонишин ............ 208
Орзӯи шеъри дилҷӯи баҳорон ............ 208
Бӯи сухан ............ 209
Забон ............ 210
Халта ............ 212
Дар ҳиҷрати Бозор Собир ............ 213
Соядаст ............ 213
Роҳи дур ............ 213
Пухтагиҳои ҷаҳон аз сӯхтанҳои ман аст ............ 214
Сад тарозу дорӣ, аммо ............ 215
Бими ба зер омадан ............ 216
Садое мерасад ............ 217
Кӯҳи моро каҳ шумурдӣ ............ 218
Сангпушт ва сангдил ............ 219
Қарз ............ 220
Аз яке бедод мемонад ............ 220
Овои ҳақ ............ 221
Сӯи нур ............ 222

Эҳё.....................................................................222
Арзандаи номи хеш бошед ...............................223
Ғазали Исфаҳон ..............................................224
Девор....................................................................225
Шеъри сукут...................................................226
Вақти суҷуд .......................................................228
Тафсири панҷ оҳ ..............................................229
Хиштзан ...........................................................230
Агарчи ними ҷаҳон буд зери боли шумо .........231
Салом ..................................................................232
Шоир, ки бо хишти сухан ...............................234
Мавҷи Варзоб....................................................235
Ҷавҳару асли наслу зотам ман.........................236
Сухани гарм биёред..........................................237
Дилу ҷон гар батаҳорат бошад.........................238
Хомасӯзан..........................................................238
Нестам як сухан ...............................................239
Расми дастонсоз................................................240
Меравам бо оби ҷӯи хештан ............................241
Гуфтам, ки дигар бар касе эрод нагирам..........242
Сухан....................................................................243
Чи суде................................................................243
Забони ту, забони ман .......................................243
Сарнавишти зарнавишт....................................243
Алифбо ...............................................................243
Ришта ..................................................................243
Эй Шӯравӣ…......................................................244
Шоирона дид......................................................244
Ҳадиси дил .........................................................244
Кешу наққош.......................................................244
Ба дӯсти шастсола ...........................................244
Подош .................................................................244
Дар чанг ..............................................................245

Ҳадиси ҳазён ........................................................ 245
*Тирадилҳо хешро аҳли зиё донистаанд!* ........... 245
*Качнигоҳе «нигоҳ»-и даврон шуд!* ..................... 246
*Дар олами пур аз дун, дар олами пур аз данд* ...247
*Аҷаб давре, ки пӯсида даюсе* .......................... 248
*Бонги данг меояд аз замонаи дангӣ* ................. 249
Чакида............................................................. 250
Меъроҷи ман .................................................... 250
Ман кистам...................................................... 251
Хуш он шеъре .................................................. 252

## 5. Эй чашмаҳои ҷовиди уммед…

Аё модар… ........................................................ 254
«Ман модарам…» ................................................ 256
Насими остин .................................................... 259
Моҳу абр............................................................ 260
Модар-Ватани ҷовидон ...................................... 260
Хаёл.................................................................... 262
Рози Модар ........................................................ 263
Модари сарбоз ................................................... 265
Ӯ саравал буд модар… ....................................... 266
Ду калобаи нур .................................................. 267
Дуотадбир.......................................................... 268
«Салом, эй модари ҷон…»................................. 269
Ғазали хайрбоди модар ..................................... 270
Ҷони ҷовидон .................................................... 271
Олами умед ....................................................... 272
Бигӯям кош…..................................................... 273

## 6. Ало эй ишқ, эй савдо…

Барои гул намемиранд… .................................274
Дарё.....................................................................275
Риштаҳои нур.......................................................275
Оғози китоби шавқ ..............................................276
Зани сафед ...........................................................277
Занги дил .............................................................279
Зи ҳар сӯй ............................................................279
Шеъри равон ........................................................280
Хоб .......................................................................281
Бас муҷалло, ки рӯди Варзоб аст .......................282
Шабе, ки бо ту будам ..........................................282
Аз туву аз сарнавишт ..........................................283
Бихандад аз ту гар бахтам ..................................284
Рӯзгорони туро ҳар рӯз дидан ...........................284
Ман хостам аз Худо туро....................................285
Рӯи олам садқаи рӯи ту бод ................................286
Шакархоб.............................................................286
Каҳкашон нурбор роҳи ту бод...........................287
Доди Худо ...........................................................288
Ало эй ишқ ..........................................................288
Ҳар ҷо нарав........................................................289
Дили дарё............................................................289
Боғ .......................................................................290
Гул овардам.........................................................292
Санги дил.............................................................292
Ишқи баланд .......................................................293
Обод хонаат.........................................................294
Ёд бодо................................................................294
Як замон...............................................................295
Монанди баҳорон ...............................................297
Ман Шуморо дӯст медорам................................299

Дӯст медорам, эй мардум ................................ 300
Мазҳаби мард ................................ 302
Рози иқбол ................................ 302
Ҷуфти парасту ................................ 303
Илтиҷо ................................ 304
Ту маро фанд макун ................................ 305
24-00 ................................ 306
Бо борон ................................ 306
Дилошнои ғам ................................ 308
Турсунзодавор ................................ 308
Меравад зан ................................ 309
Ман донаму дилам ................................ 311
Мактуби дил ................................ 312
Чи мекардам ................................ 313
Омаду шиновар шуд ................................ 313
Намеоӣ ................................ 314
Гуҳар ................................ 315
Равед, эй мижжаҳо ................................ 315
Нарасад! ................................ 316
Ба ёдат ................................ 316
Таъхир ................................ 316
Чи суд ................................ 317
Чаро зуд меравӣ? ................................ 317
Агар… ................................ 318
Ҷудоӣ ................................ 318
Чун бод бирас ................................ 318
Ҳамон достон ................................ 318
Сабақ ................................ 319
Зебо биҷӯ ................................ 319
Аз пирии ишқ ................................ 319
Хуми хумор ................................ 320
Касе рӯ тофт ................................ 320
Ману ту ................................ 320

Симо ........................................................ 320
Шукр ........................................................ 321
Ҳар омаданат ........................................................ 321
Шарқи бӯса ........................................................ 321
Гарону арзон ........................................................ 321
Ҳур ........................................................ 321
Имо ........................................................ 321
Эй сарв ........................................................ 322
Оинаи шикаста ........................................................ 322
Ман шоҳ наям ........................................................ 322
Ба ҳамҳаёт ........................................................ 322
Вақт ........................................................ 322
Гули тагбарфӣ ........................................................ 323
Афсӯс ........................................................ 323
Чун орзӯ дар дил ........................................................ 323
Бишкуфтани оина ........................................................ 323
Баҳори дил ........................................................ 324
Фарҳод набудаем ........................................................ 324
Чун? ........................................................ 324
Чорсӯ ........................................................ 325
Ба ёди чашмҳоят ........................................................ 325
Чорамал ........................................................ 325
Имшаб ........................................................ 326

**7. Афсонаи хурдтаракон**

Хоб ........................................................ 327
Кунҷковӣ ........................................................ 327
Сафар ........................................................ 328
Чӯҷа, ҷӯча ва Хӯҷа ........................................................ 329
«Шеър» ........................................................ 330

### 8. Гулдастамеҳри ёрон

*(Шоирони ҷаҳон дар бораи ниёгон, тоҷикон, Тоҷикистон)*

**Метаксэ** (Арманистон)

Ҳунарманд ........................................................ 331

**Олжас Сулаймонов** (Қазоқистон)

Дар майкадаи «Хайём» ...................................... 333

Барои Мирзо Турсунзода..................................... 334

Хайёмро хонда… ................................................ 336

**Нодирбек Алимбеков** (Қирғизистон)

Душанбе ............................................................ 337

**Нуриддин Мирзохон** (Озарбойҷон)

Оташниҳод ........................................................ 338

**Александр Пушкин** (Россия)

Ҳофизвор ........................................................... 339

Як кар кари дигарро то қозии кар овард .......... 340

**Сергей Городетский**

Қиссаи тоҷик ..................................................... 340

**Самуил Маршак**

Чор сатри гарми Хайём...................................... 342

**Вера Инбер**

Пайравӣ аз Хайём ............................................. 342

**Всеволод Рождественский**

Бувад сад захми қисмат дар дилу ҷон .............. 342

**Григорий Санников**
Дар Табрез ........................................................ 342

**Михаил Светлов**
Васфи Тоҷикистон ............................................ 344

**Виктор Гусев**
Нома аз Помир .................................................. 344

**Семён Липкин**
Фаромӯшам мабод он субҳи зебо ..................... 345

**Евгений Долматовский**
Фаранҷӣ ............................................................. 345
Ғазали оҳу .......................................................... 346
Суол аз Хайём ................................................... 347

**Ирина Волобуева**
Дар кушодашавии муҷассамаи Айнӣ ............... 347

**Николай Глазков**
Илҳом аз Фирдавсӣ .......................................... 348

**Минел Левин**
Душанбе ............................................................ 349

**Римма Казакова**
Зебуннисо .......................................................... 350
Хотироти Помир ............................................... 352
Пайғом аз Душанбе .......................................... 353

**Эрнст Портнягин**
Пайванд ............................................................ 354

**Владимир Пучков**
Таронаи Сангтӯда .............................................. 356
Кишвари ғарқи нур ........................................... 357

**Михаил Синелников**
*Аз силсилаи «Бозгашт ба Тоҷикистон»*
Забон ................................................................. 358
Айнӣ .................................................................. 358
Навои бостон .................................................... 359
Ба ёди Ҳабибулло Файзулло ............................ 359
Ориёна .............................................................. 360

**Марина Некрасова**
Қад-қади марз, марз бо Афғон ......................... 361
Мондаст, эй Раъно, чи дур ................................ 362
Гуфтугӯ ............................................................. 363
Дар сарзамини тоҷикон .................................... 363

**Аскар Маҳкам** (Ӯзбекистон)
Суруд ................................................................ 364
Эй кӯчаи Хуҷанд… ............................................ 365
Ғазалвор ........................................................... 365

**Низом Қосим**

**БИЁ, ДИЛРО БА БАРГИ ГУЛ БИПЕЧОНЕМ…**

Муҳаррири ороиш *Ромиш Шералӣ*
Муҳаррири саҳифабандӣ *Меҳрӣ Саидова*

Ба матбаа 1.06.2018 супорида шуд.
Чопаш 25.06.2018 ба имзо расид. Андоза 60x84 1/16.
Ҷузъи чопӣ 24,0. Адади нашр 1000 нусха.

Муассисаи нашриявии «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
734018, ш.Душанбе, кӯчаи Н.Қаробоев 17а

Дар ҶДММ «Бебок» ба табъ расидааст.